**МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ-373(575.3)**
**ТБК-74.100**
**М-26**

**МАНСУРОВА ДИЛРАБО ҚОДИРҶОНОВНА**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТӢ-ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади**
**илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06-Назария**
**ва методикаи тарбия (13.00.06.01-назария ва**
**методикаи тарбияи томактабӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи таълимии давлатии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**ХУҶАНД – 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.........................................................................................3**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТИЮ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..........20**

1.1. Асосҳои назариявии салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ.......................................................................20

1.2. Салоҳиятҳои умумитаълимии маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ...................................................................................43

1.3. Шароитҳои ташкилию педагогӣ ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.......................................................................65

Хулосаҳо оид ба боби 1....................................................................87

**БОБИ 2. ТАТБИҚИ ШАРОИТҲОИ ТАШКИЛИЮ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТИЮ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ.................................88**

2.1. Меъёр ва нишондиҳандаҳои дараҷаи ташаккулёбии салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.......................................................................88

2.2. Татбиқи шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва амсилаи арзёбии дараҷаи ташаккулёбии салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ................................108

2.3. Таҳлил ва тафсири натиҷаҳои таҳқиқот..........................................132

Хулосаҳо оид ба боби 2...................................................................149

**ХУЛОСА..............................................................................................153**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА......................................158**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқотро** тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти ватанӣ ва ҷаҳонӣ муайян мекунанд, ки ба тарбияи шахсияти эҷодкор, ҳамаҷониба инкишофёфта аз синни барвақти кӯдакӣ нигаронида шудаанд. Таҳаввулоти амиқи иҷтимоию иқтисодии тайи даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баамаломада, афзалиятҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ дар маҷмуъ бо рушди босуръати илму техника зарурати ташаккули насли нави эҷодкор, дар шахсияти дорои тафаккури мустақил, ҳаракатнокӣ ва муносибати эҷодкорона дар ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда, дорои доираи васеи салоҳиятҳои касбии зоҳиршаванда дар фаъолияти иҷтимоӣ, идроки масъулияти худ бароиояндаи кишвар ва нақши худро дар ташаккули он ба миён гузоштааст. Тоҷикистони муосир ба ашхоси эҷодкор ниёз дорад, ки мустақилона қодир ба бунёди роҳи зиндагии худ ва расидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва касбии худ бошанд.

Масъалаҳои ташаккул ва инкишофи қобилияти эҷодии шахс ба эҷоди хусусияти зехнидошта дар нимаи дуюми асри XIX мавриди таваҷҷуҳи олимон карор гирифта, яке аз мавзӯъҳои асосии таҳқиқоти равоншиносони хориҷӣ шудааст.

Фаъолият ва нерӯе, ки шахс дар фаъолияти муайян нишон медиҳад, хоҳиши ӯро барои ифодаи берунии қобилият ва истеъдоди худ, таваҷҷуҳи ӯро ба рушди минбаъда, таваҷҷуҳи бемаҳдуд ба олами атроф, хоҳиши саҳмгузорӣ дар дигаргунсозии сифатии он ифода мекунад.

Метавон таъкид кард, танҳо шахсе, ки аз ҷониби дигарон дарк карда мешавад, бехатарии худро ҳис мекунад ва бо хоҳиши зоҳир кардани шахсияти худ ба худифодакунӣ қодир аст.

Аҳамият ва зарурати ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ, ки роҳҳои омӯхтани олами атрофро барои хонандагон муайян мекунанд, қобилияти ташаккул додани раванди

мустақилонаи ҷустуҷӯ, гузаронидани таҳқиқот ва иҷрои маҷмӯи амалиёти гуногун барои коркард, ба низом даровардан, ҷамъбасткунӣ ва ба кор бурдани маълумоти бадастовардаи худи толибилм кайд карда мешавад.

Муассисаи томактабӣ бояд ба талабагон имконият фароҳам оварад, ки ихтироъ кардан ва гузаронидани тадқиқот, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуқтаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд, пас зарур аст мураббӣ-омӯзгор бо афзори арзёбии муваффақияти бачагон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои сохтани фазои инфиродии таълимӣ талош варзад..

Вобаста ба ин, масъалаи ташаккули шароитҳои ташкилию педагогӣ ва модели ташаккул ва баҳодиҳии салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабии калонсол дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шуда, аҳамияти тадқиқоти мазкурро муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, таваҷҷуҳ ба худшиносии одами нав мубрамии хос пайдо мекунад, ки он аз худшиносӣ ва худмуайянкунии маърифатию эҷодии ӯ, худтакмилдиҳии касбӣ ва шахсиятӣ, доштани қобилияти худназораткунӣ ва худташкилкунӣ, ҳисси масъулият барои тасмимҳо ва амалҳои худ иборат мебошад. Фармоиши иҷтимоии ҷомеаи кунунӣ дар одами муосир ниёзи доимиро ба фарогирии донишҳои нав, қобилияти мустақилона ошкор кардани сиришти падидаҳо ва моҳияти мафҳумҳои гуногун, эҷодкорона истифода бурдани донишҳои андухташударо ба мақсади ҳалли масъалаҳои дар назди инсон гузошташуда пешбинӣ мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба ақидаи бисёре аз пажӯҳишгарони барҷаста, (Н.А.Бердяев, Ю.К.Бабанский, Л.И. Ансиферова, Л.С.Виготский, Н.Д. Левитов, П.Ф. Каптерев, И.А. Зимняя,

А.Н.Леонтев, Н.Д.Левитов, К.Юнг, В.Штерн, К.Д.Ушинский, Л.С.Рубинштейн) мустақилияти ҷанбаи маърифатию эҷодидошта яке аз хосиятҳои асосии фард ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир, талабот ба чунин хосиятҳо беш аз пеш мубрамтар аст, зеро инсони муосир бояд қодир бошад, ки ба шароити зудтағйирёбандаи зиндагӣ ва истеҳсолот базудӣ мутобиқ шавад, то ба талаботи баланди бозори меҳнати муосир, ки ба одамони соҳибихтисос ва мустақилона андешакунанда, шахсони бофаросати қодирбуда ба ҳалли масъалаҳо бидуни "маслиҳатҳои" ашхоси дигар ниёз дорад, посухгӯ бошанд.

Мубрамии баланди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ҳам ба ниёзҳои ҷомеаи муосир ва ҳам ба инсонгаросозии соҳаи таҳсилот вобаста аст, ки дар он кӯдак арзиши калидӣ ба ҳисоб меравад ва ҳадафи асосии таҳсилот ба ҳадди аксар расонидани ошкорсозии иқтидори эҷодӣ ва зеҳнии кӯдак аст, то як одами хурдсол тавонад худро минбаъд дар шароити кунунӣ пурра амалӣ намояд.

Ин тамоюл дар таҳқиқоти сершумори илмии олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ташаккули маърифативу эҷодии шахсият, аз он ҷумла шахсияти кӯдакони синни томактабӣ бахшида шудаанд, тасдиқи худро ёфтааст. Муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили Д.Б. Эпифан, Ю.К. Бабанский, Б.Г. Ананиев, С.Л. Рубинштейн, И. Я. Лернер, Т.И. Шамова, В. Сластенин, М.Н. Скаткин И.С Якиманская, И.А Зимная, Е.В. Бондаревская ва муҳаққиқони тоҷик, ба монанди Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Раҳимов Б., Маҷидова Б., Нуров А., Шарофов Ш., Обидова М., Иматзода Л., Ҷалолова Г., Иззатулоев Р., Каримова Д.И., Турғунова З.К., Муҳиддинова Ш. ва дигарон таҳқиқоти худро қисман ба ҳамин мавзуъ бахшидаанд. Дар ин росто, масъалаи мавриди назар аз ҳама бештар ва ба таври густурдатар дар осори илмии профессор Маҷидова Б. инъикоси худро ёфтааст.

Кори таълиму тарбия бо бачагон яке аз захираҳои асосии такмили салоҳияти маърифатию эҷодии онҳост. Бояд қайд кард, ки нақши муассисаҳои таълимии томактабӣ дар шароити кунунӣ меафзояд: маҳз фаъолияти таҳсилотӣ ва иҷтимоию фарҳангии онҳо барои дар оянда ба андозаи ҳадди аксар ошкор шудани қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии кӯдак замина мегузорад. Муҳити таҳсилоти томактабӣ ин иборат аз таҳсилоти шахсии ҷанбаи эҷодидошта мебошад, ки бачагон онро дар шароити интихоби озод ва дар вақти фориғ аз машғулиятҳои асосии худ азхуд мекунанд.

Кори таълиму тарбия бо бачагон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар гурӯҳҳо ва иттиҳодияҳои эҷодӣ мувофиқи шавқу рағбати онҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки ба рушди эҷодии одами хурдсол, фардикунонӣ ва иҷтимоикунонии ӯ нигаронида шудаанд, бояд ҷанбаҳои эҷодӣ ва маърифатиро дар ташкили фароғати бачагон якҷоя намуд (В.П. Голованов, А.К. Бруднов, А.Г. Асмолов, Ю.В. Яковетс, О.Е. Лебедев, А.В.Золотарева).

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ ва маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ барои гузоштани таҳкурсии мавқеи фаъоли ҳаётии онҳо, ҳавасманд кардани онҳо ба худтакмилдиҳии доимии шахсӣ нигаронида шудааст.

Дар адабиёти муосири илмию методӣ ва педагогӣ мо доираи васеи равишҳои гуногуни баррасии проблемаи марбут ба салоҳияти маърифатӣ ва эҷодии бачагонро пайдо мекунем.

Чунончи, А.В. Качалов, Д.Б. Элконин, А.М. Матюшкин, В.В. Давидов ва дигар муҳаққиқон дар асарҳои худ рушди қобилиятҳои маърифатию эҷодиро дар доираи доираи раванди таҳсилот баррасӣ намудаанд. Дар пажӯҳишҳои А.Н. Леонтев, П.М Конишева, Е.М. Галямова, С.Л. Рубинштейн, Р. С Немова, А.Маслоу, И.Я Лернер ба коркарди методикаи усулхои ба фаъолияти ҷанбаи эҷодидошта ҷалб

намудани гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ диққати махсус дода шудааст.

Дар илми педагогикаи муосир панҷ равиши асосии таҳқиқоти салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ ташаккул ёфтааст: аз қабили тавсифномаи раванди тафаккур (А.З.Раҳимов, А.В.Брушлинский); ҳамчун қобилияти амал кардан дар шароити тағйирёбанда (К.К. Платонов, Л.Б. Ителсон); ҳамчун шарти зарурӣ барои ташаккули мавқеи субъектӣ (А.П. Тряпитсина, С.Л. Рубинштейн); хамчун сифати шахсие, ки дар ҷараёни фаъолияти муштарак ташаккул меёбад (А.В.Петровский, А.Г.Асмолов); хамчун маҷмӯи расмиёти ҷанбаи эҷодидошта, ки фаъолияти таълимию маърифатиро ташкил медиҳанд (В.С.Шубинский, И.Я.Лернер, В.И.Андреев).

Дар баробари ин, эҳтиёҷоти ҷомеаи муосир ба шахсияти мустақилу эҷодкор, инчунин мавҷудияти таҳқиқоти сершумор оид ба мавзӯи баррасишаванда ба мо далели кофӣ намедиҳад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисахои таҳсилоти томактабй ба дарачаи кофӣ омӯхта шуда бошанд.

Таҳлили ҳолати кунунии ҷанбаи аз тарафи мо таҳқиқшавандаи раванди таълиму тарбия як қатор ихтилофоти ҷиддиро ошкор намуд:

- байни дархости иҷтимоӣ ба тарбияи шахсияти эҷодкор, мустақил андешакунанда ва савияи ғайриқаноатбахш истифода намудани иқтидори педагогӣ ва иҷтимоии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ;

- байни самтгирии муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷиҳати рушди қобилиятҳои эҷодии бачагон ва нарасидани мутахассисони соҳибтахассус дар ин соҳаи фаъолияти педагогӣ;

- байни парадигмаи нави таҳсилот ва савияи пасти омодагии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба он талаботе, ки ҷомеаи муосир ба раванди таҳсилот ҳангоми кор бо кӯдакони синни томактабӣ мегузорад;

- байни вазифаҳо вобаста ба рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва омодагии нокифояи мураббиёни низоми таҳсилоти томактабӣ нисбат ба ташкили ин раванд мутобиқи талаботи муосир.

Бо назардошти заминаҳо ва ихтилофоти дар боло номбаршуда, мо **проблемаи таҳқиқотро** муайян кардем: дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ чи гуна шароити педагогӣ бояд фароҳам оварда шавад.

Ихтилофоти дар боло зикршуда, инчунин мубрамии мавзӯи баррасишаванда ба мо имкон доданд, ки мавзӯи таҳқиқотро интихоб кунем: «Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ».

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчубаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (мавзут илмии кафедра навишта шавад) ба роҳ монда шуда, бо муқаррароти асосии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 робита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**: фароҳам овардани асоснокии назариявӣ ва тасвиб намудани шароитҳои педагогӣ барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти ҳадаф ва фарзияи таҳқиқот вазифаҳои он муайян карда шуданд:

- ба тафсил пешниҳод намудани мафҳуми «рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ»-и гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ;

- ошкор намудани вижагиҳо ва имконоти муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар кори ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагон;

– ошкорсозии меъёру нишондиҳандаҳои муайянкунии савияи ташаккулёбии салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ;

– асосноккунии назариявӣ, тасвиби амсила ва шароити педагогии зарурӣ барои ташаккули самараноки салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.

**Объекти таҳқиқот**: раванди ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ дар гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**: маҷмӯи шароити педагогии зарурӣ барои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ.

**Фарзияи таҳқиқот** аз чунин тасаввуроти мо иборат аст, ки тибқи он барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ зарур мебошанд:

- таҳқиқ намудани моҳияти мафҳуми «рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ» дар гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;

- ошкор намудани вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таълимии томактабӣ дар робита ба рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ;

– муайян ва таъмин намудани асосноккунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани савияи рушди салоҳияти маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;

- таҳия ва татбиқи тасвиби амалии шароитҳои педагогӣ, инчунин амсилаҳои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар марҳилаҳои зерин гузаронида шуд:

**Марҳилаи якум** - ҷустуҷӯӣ ва таҳлилӣ (солҳои 2019-2020) корҳои омӯзиши адабиёти фалсафӣ, педагогӣ ва психологии қаблан интихобшуда оид ба мавзӯи баррасишаванда, инчунин таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии соҳаи омӯхташаванда, ҷанбаҳои амалӣ ва назариявии онро дар бар мегирифт. Дараҷаи мубрамӣ ва савияи коркарди проблемаи мавриди таҳқиқ қарордошта, вазифаҳо, ҳадафҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, методҳои он, лоиҳакашии барномаи ҷанбаи инкишофидоштаи омодасозии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дуюм** - озмоишӣ (солҳои 2021-2022) фаъолияти оид ба таҳияи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташхисии барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ зарурбударо дар бар мегирад. Амсилаи педагогии рушди салоҳиятҳои

маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ таҳия гардида ва аз тасвиби амалӣ гузаронида шуд.

**Марҳилаи сеюм -** ҷамъбастӣ (солҳои 2022-2023) ба таҳлил ва коркарди омории маълумот дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ бахшида шуда, натиҷаҳои он ҷамъбаст ва ба низом даровварда шуданд, ки ин имкон дод, нуктаҳоа хулосаҳои ниҳоии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳия карда шаванд.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти пешниҳодшуда фарогири ғояҳои инсонгароёнаи педагогикаи муосир; равишҳои фалсафӣ нисбат ба инсон ҳамчун арзиши олӣ; принсипҳои таърихӣ, детерминизм ва воқеъбинии илмӣ; як силсила андешаҳои илмӣ дар бораи қонуниятҳои фаъолияти эҷодӣ аз нуқтаи назари тарбия, таълим ва иҷтимоисозии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ; татбиқи равишҳои антропологӣ, аксиологӣ, шахсиятӣ, системавӣ, фаъолиятӣ, полисубъективӣ нисбат ба раванди таҳсилот мебошад.

Ба сифати заминаи нуктаҳои асосии таҳқиқоти худ мо ба пажӯҳишҳои зерин муроҷиат намудем:

- ба таҳқиқоти назариявӣ, ки ба инкишофи шахсият бахшида шудаанд: аз қабили назарияи гуманистӣ (К. Роджерс, А. Маслоу); коркардҳои фаъолиятӣ ва назарияи фарҳангию таърихӣ (С. Л. Рубинштейн, А. Н. Леонтев, Л. С. Виготский, П.П. Блонский); ба назарияҳои психоаналитикӣ (Э. Эриксон) ва маърифатӣ (Ҷ. Пиаже);

- ба корҳои илмӣ, ки иқтидори системаи таҳсилоти томактабӣ дар рушди шахсияти кӯдакро ошкор мекунанд (О.Е.Лебедев, А.В.Золотарева, В.П.Голованов, А.К.Бруднов, В.А.Г.Асмолов, Ю.В.Яковетс, А.И.Четинская, М.Б.Ковал. ,.Н.Мединский ва дигарон);

- ба нуктаҳои консептуалӣ оид ба зарурати фаъолияти мунтазами мақсаднок оид ба рушди мустақилияти маърифатию эҷодии бачагон

(Г.А. Тсукерман, Т.И. Шамова, Р.С. Немов, И.Я. Лернер, П.Ф. Давидов, П.Ф.Каптерев, Ю.К. Бабанский);

- ба бархӯрдхо ва нуктаҳое, ки ҷанбаҳои психологию фалсафидоштаи фаъолияти эҷодиро ҳамчун шакли олии фаъолияти инсон ошкор мекунанд (И. Кант, Л. С. Виготский, С. Л. Рубинштейн, А. Г. Маслоу, Н. Н. Конишева).

**Сарчашмаҳои маълумот.** Сарчашмаи маълумотро дар диссертатсия асарҳои файласуфон, психологҳо ва олимони соҳаи педагогика, ки дар умум масъалаи тарбияи маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таҳқиқ намудаанд, ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ба сифати сарчашмаи маълумот санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар назария ва амалияи таълиму тарбияи томактабӣ, таҷрибаи пешқадами педагогии маъмурият ва мураббиёни кӯдакистонҳо хизмат намуданд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти эътимодноки аз муассиссаҳои таҳсилоти томактабӣ ба даст оварда шуда, бо истифода аз методҳои эмпирикии таҳқиқот ба шакл дароварда шуд: омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами мураббиёни муассисаҳои тахсиоти томактабӣ оид ба тарбияи маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ; мушоҳидаи мунтазам ва давомнок ба ҷараёни фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷиҳати дар тарбиятгирандагони хурдсол ташаккул додани арзишҳои маърифатӣ-эҷодӣ; гузаронидани пурсишнома ва натиҷагирӣ аз маълумоти бадастомада бо истифода аз усулҳои таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ бо пешниҳоди натиҷаи нишондиҳандаҳои сифатӣ

ва микдории коркардшуда, суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳи бо мураббиён ва падару модарон.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Ба сифати пойгоҳи тачрибавӣ-озмоишии корҳои таҳқиқотӣ 4 муассисаи таҳсилоти томактабии №№ 23, 26, 32 ва Дилорои шаҳри Хуҷанд истифода шуда, дар таҳқиқот 57 мураббиён, 46 волидайн ва 173 кӯдакони синни калони томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот инҳоро дар бар мегирад:

1. Мафҳуми «ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ»-и гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ мушаххас карда шуд, ки он маънои тағйирёбии сифатҳои шахсияти кӯдаки синни томактабиро таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна (мутаносибан, фаъолияти худи кӯдак ва таъсиррасонии педагогӣ ба ӯ) дар бар мегирад

Таҳти мафҳуми салоҳияти маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ мо сифати шахсии ҷанбаи умумидоштаро дар назар дорем, ки ҳавасмандӣ, қобилияти муайян кардани вазифаи эҷодӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли он тавассути худназораткунӣ ва худтанзимкуниро дар бар мегирад.

2. Имконоти педагогӣ ва иҷтимоии системаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти педагогӣ ошкор карда шуданд, ки он имкон медиҳад ташаккули мустақилияти эҷодии кӯдак дар шароити фаъолияти ӯ дар иттиҳодияҳои эҷодии бачагон, ки дар он ҷо ба ӯ таълиму тарбия дода мешавад, озодии интихоби фаъолияти мувофиқе, ки ба талабот ва шавқу рағбати кӯдак мувофиқат мекунад, ба худмуайянкунӣ, худифодасозӣ, ба ҳадди аксар кушодашавии иқтидори эҷодӣ ва зеҳнии ӯ мусоидат мекунад. Муассисаҳои таълимии томактабӣ дорои вижагиҳои зерин мебошанд:

- сохтани фазои инфиродии таълимӣ барои ҳар як кӯдак ва татбиқи он;

- хусусияти шахсан аҳамиятдоштаи фаъолияти дорои ҷанбаҳои таълиму тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда;

- фаъол гардонидани ҷанбаи ангезавӣ нисбат ба фаъолияти эҷодии бачагон тавассути хусусияти чандирии ҷузъҳои таркибии раванди таҳсилот, ки ба қонеъ гардонидани талабот ва шавқу рағбати маърифатии онҳо нигаронида шудааст;

- имкониятҳои кофии замон, ки имкон медиҳад шаклҳо ва намудҳои фаъолияти эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ба таври васеъ тағйир намуда, вазифаҳои эҷодӣ вобаста ба дараҷаи мураккабии онҳо бо назардошти қобилият, хоҳиш ва шавқу рағбатҳои кӯдак тафриқа карда шаванд;

- фазои ғайрирасмӣ, озод дар ҷараёни таълиму тарбия.

3. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ заруранд, муайян карда шудаанд. Мавҷудияти робитаи байниҳамдигарии ҷузъҳои таркибии амалӣ, муҳтавоӣ ва ангезавии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ имкон дод, ки чунин нишондиҳандаҳо ба мисли амалисозии нақшаи эҷодӣ, савияи зоҳиршавии фардият, маҳсулнокии фаъолият, интихоби маводу воситаҳо, асолати нақша ва иҷрои кор ҷудо карда шаванд

4. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таҳия ва тасвиби шароити педагогӣ ва амсилаҳои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ гузаронида шудааст.

Сохтори амсила аз чаҳор бахши зерин иборат аст: методологӣ, технологӣ, муҳтавоӣ ва баҳодиҳӣ.

Бахши методологӣ равишҳо ва принсипҳои умумипедагогиро дар бар мегирад, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабиро таъмин мекунанд.

Дар доираи бахши муҳтавоӣ марҳилаҳои таҳияи барномаи таҳсилоти томактабӣ ва таъмини меъёрии онҳо оварда шудаанд.

Бахши технологӣ технологияҳои калидии педагогӣ, шаклу методҳо, инчунин шароитеро дар бар мегирад, ки барои ташкили раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ заруранд.

Дар доираи бахши баҳодиҳӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои зарурӣ барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Мо таҳти мафҳуми ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ тағйироти сифати шахсияти кӯдаки синни томактабиро таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар назар дорем.

Мураббии муассисаи таълимии томактабӣ дар ҷараёни кори таълиму тарбия, ки ба татбиқи барномаи таҳсилоти томактабӣ нигаронида шудааст, таъсири педагогӣ мерасонад. Савияи фаъолнокии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ бо ҳавасмандии дохилии онҳо, қобилияти ҷудо кардани вазифаи эҷодӣ ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли он тавассути худидоракунӣ ва худтанзимкунӣ муайян карда мешавад.

2. Системаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти педагогӣ, ки барои таъмини рушди эҷодии кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шудааст, бо чунин хусусиятҳо ба монанди ҳаракатнокӣ, кушодагӣ, чандирият фарқ мекунад, ки дар маҷмуъ ба мо имкон медиҳад, ба дархостҳои ҷанбаи таҳсилотидошта аз тарафи давлат, ҷомеа ва оила базудӣ ҷавоб диҳем..Иқтидори педагогӣ ва иҷтимоии системаи таҳсилоти томактабӣ ғанитарин сарват ва воситаи тавонои рушди неруи эҷодӣ ва зеҳнии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад.

Мо тахти мафҳуми ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ раванди лоиҳасозишудаи педагогиро дар назар дорем, ки ба он  мунтазамӣ ва мақсаднокӣ хос буда, ҷузъи ҷудонашавандаи таркибии раванди ташаккули шахсияти гурӯҳи  кӯдакони синни калони томактабӣ мебошад.

3. Дар байни нишондихандаҳои асосие, ки савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи  кӯдакони синни калони томактабиро дар шароити муассисаи таҳсилотӣ тавсиф мекунанд, инҳоро  қайд мекунем: савияи зуҳуроти фардият ҳангоми иҷрои кори эҷодӣ; қобилияти амалӣ намудани ғояи эҷодӣ дар тайёркунии маснуот; маҳсулнокии фаъолияти эҷодӣ, ки хоҳиши кӯдакро барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ ҳангоми иҷрои саҳеҳ ва бо сифати баланд дар бар мегирад; маҳорати ба кор бурдани техникаи гуногун ва кор бо навъҳои гуногуни мавод ва асбобҳо. Тағйироти нишондиҳандаҳои савияҳо ба мо имкон медиҳад, ки динамикаи раванди ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодиро дар гурӯҳи  кӯдакони синни калони томактабӣ пайгирӣ кунем.

4. Барои таъмини самаранокии раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи  кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бояд шароити зерини педагогӣ иҷро карда шаванд:

- ҳавасманд намудани бачагон ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ;

- фароҳам овардани вазъияти муваффақиятнок;

- ба бачагон  таъмин намудани ҳуқуқи озодона интихоб намудани намуд ва самтҳои фаъолияти дорои хусусияти эҷодӣ ва бадеӣ;

- ба шаклҳои гуногуни ташкили кори эҷодӣ мурочиат намудан;

- усулҳои фаъолияти таҳқиқотиро корбаст намудан.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқоти озмоишӣ аз инҳо иборат аст:

- амсилаи  ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ

дар асоси равишҳои салоҳиятнокӣ, фарҳангшиносӣ, аксиологӣ, субъектӣ-фаъолиятӣ ва системавӣ барои дарки вижагиҳои раванди мазкур таҳия шудааст, ки он ба назарияи таълими томактабии бачагон сахми муайяне мебошад;

- барои такмил додан ва ба низом даровардани дастгоҳҳои истилоҳотӣ ва мафҳумии масъалаҳои баррасишаванда кор ичро карда шуд, ҷузъи муҳтавоии мафҳуми «салоҳияти эҷодию маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ » таҳқиқ гардид;

- заминаи методологии тайёрии томактабии бачагон бо фаъолияти аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва дар амал татбиқшавандаи педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ нигаронида шудааст, такмил ва ғанӣ гардонида шуд (тавсифоти муфассали технологияҳои педагогӣ, шароит ва методҳои фаъолияти гунавӣ дода мешавад);

- тавсеаи равишҳои педагогӣ нисбат ба меъёрҳои ташхиси савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, ки робитаи байни ҷузъҳои таркибии ангезавӣ, амалӣ ва муҳтавоиро ифода мекунанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқот аз инҳо иборат аст: маҷмӯи воситаҳои муассир муайян карда шудаанд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таъмин мекунанд. Аз ҷумла:

– мачмӯи махсуси воситаҳои ташхис барои муайян намудани савияи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ таҳия шудааст;

- таҳия ва тасвиби барномаи таълимии томактабии дорои ҷанбаии умумиинкишофӣ, ки ба ташаккули қобилияти бадеии бачагон нигаронида шудааст, бо номи «Устохонаи сеҳрнок» гузаронида шуд;

— тавсияхои амалӣ ва назариявиро оид ба тартиб додани программаи таълимии умуми инкишофӣ, ки вазъияти кунунии тарбияи томактабии ҷумҳуриро ба назар мегирад, мураттаб гардид.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот батуфайли заминаи муосири методологӣ ва назариявӣ, омӯзиши рушди системаи таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати кунунии он, истифодаи равишҳо ва принсипҳои умумипедагогӣ, муқарраргардида таъмин гардид, ки натиҷаҳои ба даст овардашуда, дар корбурди доираи васеи методҳои таҳқиқот якдигарро пурра мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Мавзуи рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст, яъне масъалаи рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар педагогикаи миллӣ махсус мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифта буд. Аз ҳамин лиҳоз, саҳми муҳаққиқ дар он аст, ки мазкур масъалаи рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабиро баррасиву таҳқиқ кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҷараёни таҳқиқоти озмоишӣ, ки ба татбиқи барномаи муаллиф нигаронида шудааст, амалӣ

карда шуд. Дар асоси нуктаҳои асосии таҳқиқот барои конфронсҳо ва семинарҳо дар сатҳҳои гуногун - аз донишгоҳӣ то байналмилалӣ гузоришу маърӯзаҳо омода карда шуданд.

Ғояҳои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои илмии он дар мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, ки дар нашрияҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз руйи мазуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 16 мақола интишор гардидааст, ки 4 номгӯй аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**: Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, аз 174 саҳифа таркиб ёфтааст ва сохтори диссертатсия ба мантиқи кор комилан мувофиқ мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТИЮ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Асосҳои назариявии фаъолияти маърифатию эҷодии кӯдакони синни томактабӣ

Ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX масъалаҳои марбут ба ташаккул ва инкишофи қобилияти инсон барои эҷодиёти ҷанбаи зеҳнидошта мавзӯи таваҷҷӯҳи олими равоншиноси олмонӣ Г.Эббингауз қарор дошт. Мавзӯи мазкур ба яке аз таҳқиқоти асосии равоншиносони хориҷӣ, аз қабили Килпатрик, Д.Дюи, А.Маслоу, В.Келер ва дигарон табдил ёфт. Вожаи лотинии intellectum, ки дар асоси истилоҳи муосири «ақл» қарор дорад, маънои идрок ва фаҳмишро дорад.

Муҳаққиқ Э.Фромм дар замони худ мавҷудияти робитаи байниҳамдигарии фаъолнокӣ ва нерӯмандии аз тарафи инсон зоҳиршавандаро дар ин ё он фаъолият ва қобилияти билқувваи эҷодии ӯ қайд карда буд. Нерумандии фард талоши ӯро барои ифодаи зоҳирии қобилиятҳо ва истеъдодҳои худ, самтгирии ӯро ба рушди минбаъда, шавқу рағбати бепоёни ӯро ба олами атроф ва хоҳиши саҳмгузории ӯро дар дигаргунсозии сифатии он инъикос мекунад [142, С. 42].

Метавон тасдиқ намуд, ки танҳо ба шахсе, ки дигарон ӯро дарк мекунанд ва ӯ амнияти худро эҳсос мекунад, талоши зоҳир кардани фардияти худ ва худифодакунӣ хос аст.

Дар китоби Н.С. Лейтес «Кӯдакони лаёқатманд», мо хислатҳои психологиеро пайдо мекунем, ки ба кӯдакони лаёқатманд хосанд. Дар байни онҳо, ба чунин сифат, ба монанди «нерӯмандии баланд», ки барои фаъолияти зеҳнӣ ва маърифатии онҳо хос аст, таваҷҷуҳ менамоем.

Дар доираи мақоми иҷтимоии «ман кӯдаки томактабӣ» кӯдак мавқеи худро дар миёни одамон дарк мекунад. Дар замони мактабравии кӯдаки хурдсол чунин мавқеъ, маъмулан, аллакай ташаккул ёфтааст.

Мавҷудияти чунин мавқеъ дар кӯдак омодагии ӯро ба риояи қоидаҳо ва меъёрҳои мактабӣ пешбинӣ мекунад, яъне кӯдаки хурдсолро ҳамчун як томактабии воқеӣ тавсиф мекунад. Ин сифати кӯдак ба мутобиқшавии ӯ ба ҳаёти мактаб таъсири мусбат мерасонад, ба ӯ имкон медиҳад, ки душвориҳоеро, ки дар шароити нав барои ӯ ба миён меоянд, яъне талаботи риояи интизоми мактабӣ, меъёрҳо, қоидаҳо, ҷадвалро талаб мекунад, бартараф намояд. Кӯдаки дорои чунин мавқеъ он чиро, ки ба меъёрҳои додаи муаллимон ҷавобгӯ набуда ва бар хилофи қоидаҳои мактаб мебошад, рафтори манфӣ мешуморад.

Ташаккули мавқеи «ман донишомӯз» маънои зуҳури ҳавасмандии инфиродӣ дар шахси ҷавон, талоши мустақилона ҷустуҷӯ кардани донишҳои нав, ба даст овардан ва инкишоф додани малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои ҷанбаҳои зеҳнидошта, фаъолгардонии фаъолияти маърифатиро дорад. Тавре ки С.П. Козлова қайд мекунад, кӯдаки 7-11 сола, ҳангоми иҷрои вазифаҳои дорои ҷанбаҳои таълимию маърифатидошта дар аксари ҳолатҳо фаъолнокӣ, омодагӣ ба ҳамкории фаъолона бо омӯзгори худ, ҷустуҷӯи иттилоотро зоҳир мекунад, ки дар маҷмӯъ ба ташаккули самтгирии ӯ ба фаъолнокии эҷодӣ таъсири мусбат мерасонад [55, С. 15].

Тавре ки дар таҳқиқоти Лешли қайд гардидааст, зиракӣ муҳимтарин вазифаи мағзи сар аст ва қобилиятҳои зеҳнӣ бояд ҳам кор ва ҳам натиҷаи фаъолияти нерӯи асаб ҳисобида шавад. Равоншиноси амрикоӣ ба он олимоне, ки боварӣ доштанд, ки дар мағзи сар барои зеҳн «марказ»-и махсус «пешбинӣ шудааст», муқобил баромад [72, С. 111]. Мо чунин мешуморем, ки мавқеи олим дуруст аст, алахусус дар масъалаи зеҳни функсияҳои алоҳида, ки ба инсон аз лаҳзаи таваллуди ӯ хосанд ва аз падару модар ба ирс гирифтааст, инчунин бо нуқтаи назари ӯ дар бораи низоми марказии асаби инсон мувофиқ мебошем.

Чунин педагогҳои ватанӣ, ба монанди Н.К. Гончаров, П.П. Блонский, А.С. Макаренко, Ф.Ф. Королев, Т.Шатский, Е.И. Моносзон,

В.А. Сухомлинский оид ба масъалаҳои вобаста ба инкишофи инсон пажӯҳишҳо анҷом додаанд. Бисёр ҷомеашиносон, равоншиносон ва файласуфон низ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ кардаанд.

Он соҳае, ки барои манфиатҳо масъулият дорад, савияи муайяни фаъолнокии эҷодиро муқаррар мекунад, ки донишомӯзон ба он афзалият медиҳанд: адабиёт, мусиқӣ, санъати тасвирӣ, тарбияи ҷисмонӣ, табиатшиносӣ, математика ва ғайра. Боби «тарзҳои одоби афзалиятнок» чор намунаи чунин одобро дар бар мегирад: одоби тарзи баён, одоби тарзи тафаккур, одоби тарзи худомӯзӣ ва одоби тарзи таълим. Масалан, ҳангоми омӯзиши услуби таълим, омӯзгорон мушоҳида карданд, ки ҳар як донишомӯзи мушаххас кадом шакли таълимро авлотар медонад: муколама бо ҳамсоли худ, нақли омӯзгор, иншо ё маърӯза, бозиҳои таълимӣ ё рушддиҳанда.

Ғайр аз ин, амсилаи мазкури таълим мавҷудияти як давраи муайяни вақти заруриро барои ҳалли вазифаҳои муайян пешбинӣ мекунад. Омӯзгор дар ин ҷо ҳамчун ёвар ё ҳамшарики донишомӯз амал мекунад.

Омӯзгорон муносибати кӯдаконро ба шаклҳои гуногуни тадриси фанҳо таҳлил намуда, ин иттилоотро бо натиҷаҳои азхудкунии қисматҳои алоҳидаи маводи таълимӣ муқоиса карданд. Чунин ба назар мерасад, ки иттилооти мазкур хеле муҳим аст, зеро омӯзгор бояд ба донишомӯз ба дараҷаи баробар ҳам мавқеи худро оид ба мавзӯи мушаххас ва ҳам дидгоҳи онро аз ҷониби муаллифи барномаи таълимӣ ё маводи мушаххас расонад.

Фаъолияти ҷанбаи таҳқиқотидошта дар назди худ ҳадаф мегузорад, ки донишомӯзонро бо ғояҳо ва мавзуъҳои гуногуни нав дар соҳаҳои гуногуни маърифат, ки маъмулан ба барномаи таълимии меъёрии мактаб дохил намешаванд, ошно намояд. Барои ин намуди кор бо донишомӯзон методҳои зерин истифода мешаванд: тамошои филмҳои илмӣ-оммавӣ, ҳуҷҷатӣ, тамоюли таълимидошта; гузаронидани экскурсияҳо; ҷалби донишомӯзони синфҳои болоӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба

маърӯзаҳо дар назди донишомӯзони синфҳои ибтидоӣ; истифодаи фаъолонаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртибототӣ ва ғайра. Чунин кор бояд ба кӯдакон кӯмак кунад, ки ҳамон соҳаи донишро муайян кунанд, ки мехоҳанд дар синфҳои болоӣ, дар дарсҳо, дар клубҳои ё маҳфилҳои мавзӯӣ амиқтар биёмӯзанд.

Ба ақидаи Т.А. Илина, рушди шахсияти кӯдак на танҳо бо маҷмӯи сифатҳои ирсие, ки аз волидайн гирифтаанд, маҳдуд аст. Таҳаввулоти он тағйироти сифатӣ ва миқдориро ҳам дар фаъолияти равонии фард ва ҳам дар организми ӯ дар бар мегирад[51]. Фаъолияти таълимию тарбиявӣ, ки ба ташаккули шахсияти аз ҷиҳати равонӣ ва ҷисмонӣ солимбуда равона карда шудаанд, бештар аз ҷониби вазифаҳо ва ҳадафҳое, ки дар назди раванди таълим гузошта шудаанд, муайян карда мешаванд. Хусусиятҳои хоси намудҳои гуногуни низомҳои асабӣ дар одамони гуногун ба эҷодиёт, рафтор ва ба ин ё он фаъолияти онҳо беназирӣ, худвижагии такрорнашаванда мебахшанд.

Тибқи андешаҳои як қатор олимоне, ки пажӯҳишҳои худро ба омӯзиши проблемаҳои рушди шахс бахшидаанд, яке аз омилҳои асосии рушди шахс номутобиқатии байни ҳолати воқеии он ва ҳолати интизорӣ мебошад. Чунончи, ба гуфтаи В.А.Крутетский, ин гуна ихтилофоти дохилӣ метавонанд дар байни ниёзҳои нав ба миён омада, талаботи нави ҷомеа ё соҳаи мушаххаси фаъолият ва иқтидори воқеии фард пайдо шаванд [67].

Т.А.Илина чунин мешуморад, ки зиддиятҳои байни талаботи афзоянда ва шароити воқеӣ бояд дар байни омилҳои асосии ба воярасии инсон номбар карда шаванд. Бояд гуфт, ки ниёзҳо низ дар ҳоли таҳаввул мебошанд - аз соддатарини моддӣ ва ҷисмонӣ то ниёзҳои тартиби олӣ - маънавӣ. Ин дархостҳо сабаби пайдоиши ин ё он ангезаҳое мебошанд, ки барои амалисозии фаъолияти муайян ҷиҳати қонеъсозии онҳо нигаронида шудаанд [51].

Бо чунин андешаи А.А.Леонтева, равоншинос-омӯзгор А.А. Люблинская ҳамфикр аст, ӯ чунин мешуморад, ки бидуни фаъолият пешрафт намешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар доираи фаъолияти маърифатӣ, ки махсус барои кӯдакон ҷиҳати ошкорсозии маҳорати билқувваи онҳо, инкишофи зеҳни онҳо ташкил карда шудааст, идрок ва дурандешии онҳо ба амал оянд ва дар натиҷа тағйироти сифатӣ дар зеҳн ва ҷузъи эҷодии шахсияти онҳо рух медиҳад, ки таҳаввулоти шахсиро ифода мекунад [78].

В.В.Давыдов дар пажӯҳишҳои худ тасдиқ менамояд, ки ҷузъи муҳтавоӣ ва моҳияти рушди зеҳнӣ дар он аст, ки дар инсон фаъолияти ботинӣ пайдо мешавад, ки аз фаъолияти зоҳирӣ тафовут дорад, ки ин иборат аз маҷмӯи машқҳо ва амалҳои ақлист. Дар натиҷаи чунин рушди зеҳнӣ, ҳам тағироти миқдорӣ ва ҳам сифатӣ, шаклтағйирёбиҳо ба амал меоянд, хотира, диққат, равандҳои идрок ба маҷмааи равандҳои беихтиёр ва озодона табдил меёбанд [40, С. 5-18]. Тибқи гуфтаи Л.В. Занков, бояд диққати махсус ба «рушди умумии шахсият» равона карда шавад. Таҳти ин истилоҳ, олими мазкур раванди гузариш аз пойин ба боло, аз содда ба мураккабро мефаҳмад [46].

Мутаассифона, тавре ки таҳқиқот нишон медиҳад, қисми қобили мулоҳизаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар бораи тавсифоти асосии шахсият огоҳӣ надоранд, онҳо бо техника ва усулҳои педагогии дахлдор дуруст ошно несстанд. Барои гузаронидани таҳқиқоти минбаъда оид ба ҷузъҳои назариявӣ ва методологии раванди ташаккули қобилияти фаъолияти эҷодӣ ва зеҳнӣ дар кӯдакони томактабӣ, мо бояд ошкор мекардем, ки омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд барои ташаккули қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии донишомӯзон кадом коркардҳои назариявиро ба роҳбарӣ бигирад барои эҷодиёти дорои хусусияти зеҳнӣ ва чунин сифатҳо, аз ҷумла қобилият ба фаъолияти эҷодӣ, дар сохтори умумии қобилиятҳои фард чӣ ҷойгоҳе доранд.

Ҷомеаи босуръат тағйирёбанда аз инсон пурзӯр намудани фаъолнокии эҷодӣ ва баланд бардоштани савияи самаранокии онро тақозо мекунад. Барои ин фаҳмидан зарур аст, ки табиати падидае, чун эҷодиёт чи гуна аст. Ҳанӯз дар асарҳои мутафаккирони Юнони Қадим мо метавонем кӯшишҳои истифодаи методҳои ба рушди тафаккури эҷодии донишомӯзон нигаронидашудаpo пайдо кунем.

Дар ҳамин ҳол, психологияи эҷодиёт ҳамчун як фанни илмӣ дар охири асри XIX - ибтидои асри XX шакл гирифт. Мо таҳти мафҳуми эҷодиёт офаридани чизи навро дар назар дорем. Ба ин маънӣ, мо метавонем ин истилоҳро ҳам ба равандҳои ҷанбаи органикӣ ва ҳам ғайриорганикидошта татбиқ намоем, зеро худи ҳаётро метавон ҳамчун як радифи дигаргуниҳои пайваста баррасӣ кард. Мо метавонем тамоми раванди пайдоиш ва навшавии ҳама чизи мавҷудбударо ҳамчун маҳсули фаъолияти нерӯҳои эҷодӣ дарк намоем. Дар зимн, худи мафҳуми эҷодиёт дар асоси худ дорои оғози шахсӣ мебошад. Зеро, чун қоида, мо дар бораи эҷодиёт сухан ронда, пеш аз ҳама, фаъолияти инсонро дар назар дорем. «Эҷодиёт, дар фаҳмиши аз ҷониби ҳамагон қабулшудаи ин калима, истилоҳест, ки амали дорои ҷанбаи равонидоштаро ифода мекунад, ки дар таҷассуми фаъолияти бошуурона дар шаклҳои нав, дар натиҷаи фаъолияти амалӣ ва бадеӣ ифода меёбад» [122].

То миёнаҳои асри гузашта қобилияти эҷодиро, чун қоида, танҳо бо рушди зеҳнӣ алоқаманд мекарданд, ки он муҳаққиқонро ба таҳия кардани тестҳои махсуси муайянкунандаи қобилиятҳои зеҳнии шахс водор мекард. Ҳамзамон, пажӯҳишҳои минбаъдаи муҳаққиқон дар соҳаи психология мавҷудияти вобастагии бевоситаи фаъолияти ҷанбаи маърифатию эҷодидоштаро аз маҷмӯи донишҳои шахс ва савияи зеҳнии ӯро рад карданд.

Дар ҳамин ҳол, барои муайян кардани аломатҳои қобилиятҳои эҷодӣ, лаёқати офарандагӣ таҳқиқот гузаронида мешаванд. Дар байни асарҳои мубрамтарини ин соҳа мо асари Ҷ. Гилфордро (1959), ки ба

омӯзиши падидаи офарандагӣ бахшида шудааст, инчунин озмоишҳои К.Байтел ва В.Лоунфелдро (1959) қайд мекунем. Муҳаққиқони мазкур дар асарҳои худ якчанд меъёрҳои муҳими муайян кардани нишонаҳои офарандагиро нишон додаанд. Чунончи, ақидае васеъ паҳн гардидааст, ки меъёрҳои асосии муайян кардани нсифатҳои офарандагии шахс инҳоянд: қобилияти ошкорсозии мушкилот; маҳорати қабули қарорҳои ғайриқолабӣ; қобилияти зуҳуроти чандирият, маҳорати чи гуна ба вазъият аз дидгоҳи дигар нигоҳ кардан ва ғ.

Ба ақидаи равоншиноси рус В.П. Дружинин, се равиши асосӣ нисбат ба масъалаи қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ вуҷуд дорад:

1. Раванди эҷодӣ шакли махсуси фаъолияти равонӣ нест. Ва сатҳи баланди зеҳнии шахс мавҷудияти фаъолияти инкишофёфтаи ҷанбаи маърифатӣ ва эҷодидоштаро пешбинӣ мекунад. Ин вобастагӣ бо тартиби баръакс низ дуруст аст.

2. Фаъолияти маърифатию эҷодӣ ҳеҷ гуна асосҳои вижа надорад, балки бо хислатҳои шахсият, самтгириҳои арзишӣ ва ангезавӣ муайян карда мешавад. Потенсиали зеҳнӣ барои фаъолияти муваффақонаи эҷодӣ шарти зарурӣ, вале ғайрикофӣ мебошад.

3. Зеҳният ва тамоюл ба фаъолияти эҷодӣ омилҳои мустақили новобаста аз якдигар мебошанд [43].

Ба андешаи В.Н. Дружинин, аксар вақт инсон ниёз ба эҷод карданро маҳз замоне ҳис мекунад, ки шароити беруна ба ин мусоидат намекунад. Яъне, дар чунин вазъ соҳаи бешуурӣ фаъол мешавад. Ба гуфтаи равоншинос, амали фаъолияти эҷодӣ бо ҳаяҷон ва шиддатнокии асаб ҳамроҳ мебошад. Дар ин ҳол, нақши зеҳн бо коркард, тафсилот, ба маҳсули фаъолияти эҷодӣ додани тавсифоти қобили қабули иҷтимоӣ маҳдуд мешавад.

Муҳаққиқон Л.И. Шрагин ва М.И. Меерович дар таҳқиқоти худ исбот мекунанд, ки миёни зуҳуроти офарандагӣ дар доираи фаъолияти илмӣ ва дар санъат аломатҳои умумӣ мавҷуданд, ки имкон медиҳад,

равишҳои умумӣ нисбат ба омӯзиши қобилиятҳои илмӣ ва эҷодӣ татбиқ карда шавад [91].

Дар айни замон, аксарияти пажӯҳишгарон эҷодиёт ва офарандагиро ва мафҳумҳои ҳаммонанд ҳисоб мекунанд. Дар баробари ин, тарафдорони мавқеи дигар низ кам нестанд, ки офарандагиро як падидаи алоҳида мешуморанд. Дар қаринаи таҳқиқоти худ, мо баррасии ин мафҳумҳоро ҳамчун мутафовит аз рӯйи моҳияти худ мувофиқи мақсад медонем.

Муаллифии яке аз консепсияҳои нисбатан мукаммали раванди эҷодӣ ҳамчун амали равонӣ ба Я.А.Пономарев тааллуқ дорад. Муҳаққиқи мазкур амсилаи навъи сатҳӣ-сохториро таҳия кардааст, ки ҷузъи марказии механизми психологии раванди эҷодиро тавсиф мекунад. Раванди ҳалли масъалаҳоро аз ҷониби калонсолон, инчунин ҷараёни рушди ақлии кӯдаконро Я.А.Пономарёв мавриди омӯзиш қарор дода, дар асоси ҷамъбасти таҳқиқоти мазкур, тасвири ангоравии ҷузъи марказии зеҳнро дар шакли ду соҳаи баҳамфарогир ба амал овард. Дар асоси ин амсила, бисёр олимон ба хулосае меоянд, ки банақшагирии раванди эҷодӣ бо сабаби табиати стихиявӣ, ҷанбаиғайриақлонӣ доштани он ва амали бевоситаи эҷодиро бо зеҳн танзим кардан ғайриимкон аст [99].

Дар ҳамин ҳол, аксари пажӯҳишгарон барин ақидаанд, ки эҷодиёт яке аз шаклҳои пурмуҳтавои фаъолияти равонӣ, як навъ қобилияти универсалист, ки бо ёрии он амалисозии намудҳои гуногуни фаъолият таъмин карда мешавад.

Ба ин намуди фаъолияти равонӣ психологҳо ва омӯзгорони рус аз қабили А.Н. Леонтев, Б.М. Теплов, Л.А. Венгер, С.Л. Рубинштейн ва дигарон таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карданд.

Масъалаҳои марбут ба рушди имкониятҳои эҷодии кӯдакон, фаъолияти ҷанбаи маърифатию эҷодидоштаи онҳо, дар шароити кунунӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд, зеро маҳз синни томактабӣ ҳамон

давраи рушд мебошад, ки дар он замон хусусиятҳои асосии шахсии муайянкунандаи потенсиали оияндаи эҷодии инсон гузошта мешавад.

Масъалаҳои вобаста ба заминаҳои психологии рушди бомуваффақияти маҳоратҳо ва функсияҳои гуногун дар маркази таваҷҷуҳи Б.М. Теплова қарор доштанд [134, С. 87-88].

Мавзӯи таваҷҷӯҳи илмии А.Н. Леонтев раванди аз заминаҳои табиӣ пайдошавии равандҳо ва функсияҳои равонӣ дар заминаи фаъолияти инсон буд. Ба ақидаи ҳарду муҳаққиқ, мавҷудияти нобаробарӣ дар қобилиятҳои модарзодӣ бешубҳа мебошад, дар ҳоле ки таъсири ин қобилиятҳо ба натиҷаҳои ин ё он фаъолияти мушаххаси инсон яксон нест. [71, С. 46-55]

Ба ақидаи Л.А. Венгер, вижагиҳои муҳаррикӣ ва психологии фард, ки муваффақияти ин ё он фаъолиятро муайян мекунанд, қобилиятҳои ӯро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, қобилиятҳои эҷодиро танҳо бо нишон додани малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои дар кӯдак қаблан инкишофёфта набояд маҳдуд намуд. Бояд қайд кард, ки ин ё он қобилияти мушаххас наметавонад шарти муваффақияти фаъолияти муайян бишавад, барои ин ҳамроҳии беназири якчанд чунин қобилиятҳои барои шахсияти муайян хосбуда лозим аст [24].

Н.С.Лейтс [69], В.Г.Криско[68], Б.М.Теплов [135], С.Л.Рубинштейн [114] ва як қатор пажӯҳишгарони дигар таърифҳои гуногуни мафҳуми «қобилият»-ро пешниҳод кардаанд. Равишҳои пешниҳодшударо барои муайян кардани моҳияти ин мафҳум ҷамъбаст намуда, мо пешниҳод менамоем, ки онро ҳамчун як маҷмӯи муайяни тавсифоти шахсӣ, ки барои амалисозии бомуваффақияти фаъолияти муайян заруранд, баррасӣ гардад. [27]

Б.М. Теплов дар таҳқиқоти худ аломатҳои зерини қобилиятҳоро қайд мекунад [132]:

- қобилиятҳо хосиятҳои дорои ҷанбаи инфиродию психологӣ мебошанд, ки тафовути байни одамонро муайян мекунанд;

- таҳти мафҳуми қобилият бояд на ҳама вижагиҳои инфиродӣ ва тавсифоти равонӣ, балки танҳо он вижагию тавсифоте, ки ба муваффақияти амалисозии ин ё он намудҳои фаъолият мансубанд, фаҳмида шаванд;

- қобилиятҳо бо дар инсон вуҷуд доштани баъзе маҳоратҳо, малакаҳо ва донишҳо маҳдуд намешаванд, балки суръат ва осонии азхудкунии онҳоро дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, қобилиятҳо на танҳо бо ин ё он фаъолият алоқаманданд, онҳо, илова бар ин, ба вижагиҳои шахсӣ ва хосиятҳои инфиродии равонӣ вобастагӣ доранд.

Китоби луғат-маълумотнома оид ба масъалаҳои эҷодиёт қобилиятҳои эҷодиро ҳамчун маҷмӯи вижагиҳои ва тавсифоти шахсӣ муайян мекунад, ки асолату навигариҳои равиши амалисозии ҳама гуна фаъолият, натиҷаоварии онро таъмин мекунанд. Ба баёни дигар, ба туфайли қобилиятҳои эҷодӣ, инсон дар фаъолияти эҷодӣ муваффақият ба даст меорад, ки дар доираи он ихтироот, кашфиёт амалӣ карда мешаванд, ғояҳои нав тавлид мешаванд, объектҳои фарҳанги маънавӣ ва моддӣ ба вуҷуд оварда мешаванд [131].

Вобаста ба намудҳои фаъолият, ки дар доираи онҳо қобилиятҳои эҷодӣ амалӣ мешаванд, онҳо ба умумӣ ва махсус тақсим карда мешаванд. Ҳамон қобилиятҳои эҷодӣ махсус номида мешаванд, ки бо ин ё он намуди мушаххаси фаъолияти эҷодӣ (адабиёт, наққошӣ, хореография, илм ва ғ.) алоқаманд буда, дар ноилшавии муваффақият дар соҳаи муайяни фаъолияти эҷодӣ мусоидат мекунанд [27].

Байни малакаҳо, маҳоратҳо, донишҳо ва қобилиятҳо робитаи зич вуҷуд дорад. Чунончи, қобилиятҳо дар ҷараёни ба даст омадани малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳо инкишоф меёбанд, аз тарафи дигар, қобилиятҳо бо малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои мавҷуда вобастаанд. Дар ин ҳол, вобастагии бевоситаи сифати малакаҳо, маҳоратҳо ва

донишҳо аз қобилиятҳо вуҷуд дорад, ки ба туфайли он ин сифатҳо зудтар, амиқтар ва мукаммалтар азхуд карда мешаванд.

Ҳар як шахс дорои ин ё он қобилияти эҷодӣ мебошад, пайдоиш ва инкишофи онҳо дар натиҷаи фаъолият ба амал меояд. Рушди фаъолияти ҷанбаи маърифатию эҷодидошта бештар аз муҳити таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ вобастагӣ дорад [57, С. 106-110].

Дар қаринаи таҳқиқоти мо, он далел аҳамияти бузург дорад, ки омӯзгорон, физиологҳо ва равоншиносон дар чунин ақида якдиланд, ки синну соли томактабӣ барои рушди қобилияти эҷодии кӯдак давраи хеле мусоид аст. Зеро маҳз дар ҳамин вақт аст, ки рушди равандҳои муҳими равонӣ, аз қабили тасаввурот, нутқ, тафаккур, хотира, диққат, инчунин инкишофи фаъолонаи муҳимтарин тавсифоти шахсӣ, ки дар асоси қобилиятҳо қарор доранд, ба амал меоянд.

Дар ташаккули диққати кӯдак давраи томактабӣ марҳилаи ҳалкунанда аст. Кӯдак дар ин синну сол идоракунии бошууронаи диққат ва малакаҳои нигоҳ доштани онро дар ин ё он ашё меомӯзад. Дар ин кор, ӯ ба усулҳои аз калонсолон омӯхтаи худ рӯ меоварад.

Бояд қайд кард, ки кӯдак ба синни шаш ё ҳафтсолагӣ расида, дар рушди диққат аллакай муваффақиятҳои назаррас ба даст меорад. Дар баробари ин, дар синни томактабӣ намуди ғайриихтиёрии диққат бартарӣ дорад. Бо душвории зиёд ба кӯдак муяссар мешавад, ки диққати худро ба як чизи якранг муддати дуру дароз нигоҳ дорад. Диққати устуворро, асосан дар раванде ба даст овардан мумкин аст, ки он барои кӯдак шавқу рағбати ҷиддӣ дорад. Рушди нутқ дар ташаккули диққати устувор нақши назаррас дорад. Тавассути сухан, мо метавонем пешакӣ бо дарназардошти хусусияти фаъолияти ба нақша гирифташуда ашё ё падидаҳоеро, ки диққатро талаб мекунанд, муайян кунем [60].

Нуктаҳои дар боло зикргардида, инчунин ба рушди хотираи кӯдакони томактабӣ дахл доранд. Дар ин синну сол хотира низ ҷанбаи беихтиёрро дорост. Дар хотираи кӯдак он чизе, ки барои ӯ шавқу

рағбати бештар дорад, беҳтар ҳифз шудааст. Ба андешаи равоншиносон ва физиологҳо, ҳаҷми маводи ҳифзшаванда, асосан ба заминаи отифавӣ ҳангоми азхудкунии он он вобаста аст. Ташаккул ва такомули ҳофизаи ихтиёрӣ яке аз марҳилаҳои муҳимтарини ташаккули кӯдак дар синни томактабӣ мебошад. Бозиҳо, ки ба қобилияти ҳифз ва саривақт такрор кардани маълумоти зарурӣ асос ёфтаанд, ба ин раванд таъсири мусбат мерасонанд.

Ин синну сол як давраи муҳими рушди тафаккур низ мебошад. Инкишофи тафаккури кӯдак бештар аз қобилияти бо тасаввуроти гуногун беихтиёр амал кардан вобаста аст. Азхудкунии фаъолонаи шаклҳои нави фаъолияти ақлонии кӯдак ба ӯ имкон медиҳад, ки дар синни шашсолагӣ дар фаъолсозии қобилиятҳои тафаккури худ ба пешрафти назаррас ноил гардад. Дар синни томактабӣ тафаккури хаёлӣ низ фаъолона инкишоф меёбад.

Далели он, ки кӯдакон дар давраи аз 4 то 6-солагии худ бисёр маҳоратҳо ва малакаҳои муҳимро фаъолона ташаккул медиҳанд, инчунин дар асарҳои Н.Н. Поддяков хотирнишон мегардад. Малакаҳо ва маҳоратҳо ба кӯдакон барои омӯхтани муҳити беруна, таҳлили тавсифоти гуногуни падидаҳо ва ашё, тағйир додани онҳо тавассути таъсиррасонӣ ба онҳо кӯмак мерасонанд [106, С. 250-256.].

Бояд қайд кард, ки ин савияи рушди қобилиятҳои ақлӣ ба тафаккури намуди аёнию фаъол мувофиқат дорад. Он дар заминаи рушди вижагиҳои психологии шахсӣ, ки рушди фаъолнокии эҷодию маърифатиро муайян мекунанд, асос ёфтааст. Мафҳумҳо ва ғояҳо дар асоси далелҳои дар бораи муҳит ҷамъоваринамудаи кӯдак ташаккул меёбанд ва танҳо дар хотимаи марҳилаи томактабӣ, тафаккури аёнию ангоравӣ, ки баландтарини дараҷаи тафаккури аёнию тимсолӣ аст, ба мавқеи афзалиятнок меояд.

Тафаккури навъи аёнию ангоравӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки муҳити атрофро азхуд намояд, дар тасаввуроти худ амсилаҳои

ҷамъбастии ин ё он падидаҳо ё ашёро эҷод кунад. Ҳамзамон, ин навъи тафаккур ҷанбаи тимсолӣ дорад, зеро он ба ҳамкории воқеӣ бо ашё асос ёфтааст. Дар баробари ин, он барои пайдоиши тафаккури мантиқӣ замина фароҳам меорад, ки он бо таҳаввулот ва истифодаи мафҳумҳо алоқаманд аст.

Дар ҷамъбасти худ, мо қайд менамоем, ки кӯдак дар синни 6-7-солагӣ барои ҳалли проблемаҳот ба тафаккури аёнию тимсолӣ, аёнию муассир ва мантиқӣ муроҷиат мекунад. Дар марҳилаи ниҳоии синни томактабӣ тафаккури мантиқӣ, хусусан фаъолона ташаккул меёбад ва ҳамзамон барои рушди қобилияти эҷодӣ дарояндаи наздик замина мегузорад.

Муҳаққиқони соҳаи педагогика А.Н. Леонтев, А.В. Запорожетс, Л.С. Виготский ва ғаура чунин ҳисоб мекунанд, ки раванди ташаккули тафаккуре, ки дар марҳилаи ниҳоии синни томактабӣ ба амал меояд, заминаи ташаккули навъи нави эҷодии фаъолиятро ташкил медиҳад. Кӯдаки томактабӣ, ки ин намуди тафаккурро аз худ мекунад, имконият пайдо мекунад, ки баръакси амсилаи қаблӣ аз андешато ҳолати мувофиқ роҳеро тай намояд. Аксарияти равоншиносон ва омӯзгорон ба вижагиҳои фаъолияти эҷодии кӯдаконе, ки ба синни калони томактабӣ расидаанд, таваҷҷуҳ мекунанд.

Пеш аз ҳама, онҳо ба он далел диққат доданд, ки ҳарчанд ин давра барои кӯдак бо кашфиётҳои доимии чизҳои нав алоқаманд аст, аммо аксари унсурҳои фаъолнокии эҷодӣ дар марҳилаи ташаккулёбии худ мебошанд. Н.Н. Поддяков чунин мешуморад, ки эҷодиётро бояд дар ин марҳилаи ташаккули кӯдак ҳамчун раванди инкишофи шахсӣ, марҳилаи ҷамъоварии таҷриба ва рушди намудҳои гуногуни фаъолият баррасӣ намуд. Ба ақидаи Л. С. Виготский, арзиши асосии эҷодиёти кӯдак дар ин синну сол на дар натиҷаи он, балки дар худи раванд аст [31].

Ғайр аз он, тавре ки пажӯҳишгарон қайд мекунанд, кӯдак дар ин синну сол хислатҳои барои худ навро зоҳир мекунад. Ӯ ташаббус ва

фаъолият нишон дода, ҳангоми ҳалли масъалаҳои нав ба малакаҳо ва усулҳои аллакай аз худкардашуда муроҷиат мекунад; ҳангоми ҳалли ин масъалаҳо, ӯ ба ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои нави асил ва ғайра оғоз менамояд. Кӯдак қобилиятҳои худро барои фаъолияти эҷодӣ, асосан бо роҳи тақлид ба калонсолон инкишоф медиҳад, кӯшиш мекунад, ки таҷрибаи андухтаашро ба фаъолияти ҳаррӯзаи худ ва сипас ба фаъолияти эҷодӣ табдил диҳад.

Тавре ки маълум аст, тахайюлот асоси фаъолияти эҷодӣ мебошад. Равоншиносон тахайюлотро ҳамчун амали равонӣ мешуморанд ва дар натиҷаи он тимсолҳои ҳолатҳо ё ашёе ба вуҷуд меоянд, ки ба натиҷаҳои идрок ва огоҳӣ асос ёфтаанд [115, С. 52-56]. Дар бораи тахайюлот ҳамчун яке аз муҳимтарин равандҳои равонӣ, ки дар синни томактабӣ ташаккул меёбанд, ҳамчун унсури муҳими ташаккули шахсияти эҷодкор сухан меронанд (В.В.Давидов, Л.С. Виготский, В.Т. Кудрявтсев, Е.Е. Кравтсова).

Дар байни вижагиҳои назарраси фаъолияти ҷанбаи маърифатиюа эҷодидошта, зуҳури онҳо дар эҷодиёти мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Педагогикаи мусиқӣ бо як қатор асарҳои озмоишӣ ва таҳқиқоти назариявӣ маълум аст, ки дар онҳо нақши тарбиявии эҷодиёт баланд арзёбӣ карда мешавад. Масалан, ба ақидаи Б.М. Теплова, ҳама гуна фаъолияти эҷодии кӯдак, пеш аз ҳама, бо вокуниши отифпавӣ нисбат ба асари мусиқӣ алоқаманд аст, ки дар марҳилаи ибтидоии омӯзиш, замоне ки дар кӯдак муносибати арзишмандӣ ба мусиқӣ ташаккул меёбад, ниҳоят муҳим аст [135].

Нақши муҳими фаъолияти бозиҳо дар ташаккули қобилияти эҷодӣ ва тахайюлоти кӯдакони синни томактабӣ дар асарҳои В.В. Давидов, Е. Е.Кравтсова [41, С. 5-18] таъкид карда мешавад. Е.Е. Кравтсова дар байни манбаъҳои муҳими тахайюл, фаъолияти мусиқӣ, бадеӣ ва бозиро номбар мекунад [66].

Як гурӯҳ омӯзгорон ва равоншиносон (Б.М. Теплов, С.Л. Рубинштейн, А.Н. Лук ва дигарон) нақши муҳими шахсияти омӯзгорро дар рушди фаъолияти эҷодӣ ва маърифатии кӯдакон, инчунин дар қобилияти дуруст ба роҳ мондани раванди таҳсилот аз тарафи омӯзгор қайд мекунанд.

Каблан, ба ақидаи як қатор равоншиносон (В. Штерн, Д. Дюи ва ғайра), равандҳои эҷодӣ ҳамчун падидаҳои азалӣ баррасӣ мешуданд. Дар айни замон, саъю кӯшиши ёфтани роҳҳои фаъолсозии қобилиятҳои офарандагии кӯдакон афзалиятнок мебошад, ки онҳоро муҳити атроф медиҳад. Ин равиш дар заминаи психология ва педагогикаи муосири равандҳои эҷодӣ қарор гирифтааст (Я.А. Пономарев, В.И. Петрушин, Ф.В. Шарифов).

Дар баробари ин, бояд дигаргуниҳои ҷиддиеро қайд кард, ки вақтҳои охир дар масъалаҳои марбут ба рушди маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони томактабӣ ба амал омада истодаанд [115, С. 52-56]. Солҳои охир омӯзгорон дар кӯдакони синни томактабӣ тағйироти назаррасро мушоҳида карданд. Тафовути байни кӯдакони муосири синни томактабӣ ва ҳамсолони онҳо, чунин ба назар мерасад, ки аз гузаштаи начандон дурт бештар возеҳ мебошад. Ин ҳатто ба кӯдакони охири асри XX дахл дорад. Тавре ки таҳқиқоти охирин гувоҳӣ медиҳанд, бешубҳа мавҷудияти тағиироти ҷиддии шахсиятӣ ӣ, физиологӣ ва равонӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, ба гуфтаи Д.И. Фелдштейн, коҳиши назарраси эҷодиёт, кунҷковӣ ва тахайюл ба назар мерасад [140].

Мо пешниҳод менамоем, ки мафҳумҳои калидии назарияи ташаккули фаъолияти ҷанбаи маърифатию эҷодидошта баррасӣ карда шаванд:

- қобилиятҳо маҷмӯи тавсифоти шахсӣ мебошанд, ки барои татбиқи бомуваффақияти ин ё он намуди фаъолият ва ба даст овардани натиҷаҳои баланд заруранд;

- савияи қобилиятҳо на танҳо бо муваффақият дар фаъолияти муайян, балки инчунин бо тавсифоти равонии инсон ва вижагиҳои инфиродии ӯ муайян карда мешавад;

- эҷодиёт бояд ҳамчун қобилияти ҷанбаи ҳамаҷонибадошта, пурмуҳтавотарин зуҳуроти фаъолияти зеҳнӣ баррасӣ карда шавад, ки бомуваффақият анҷом додани намуди муайяни фаъолиятро имконпазир месозад;

- таҳти мафҳуми қобилиятҳои эҷодӣ мо маҷмӯи вижагиҳо ва хислатҳои шахсиятро дар назар дорем, ки имкон медиҳанд усулҳои нав ва асили ҳалли масъалаҳо ё бо натиҷаоварии баланд амалисозии фаъолияти муайян пайдо карда шаванд.

Минбаъд, мо вижагиҳои ташаккули фаъолияти эҷодӣ ва маърифатӣ дар кӯдакони томактабиро ҷудо мекунем:

- барои соҳаи отифавии кӯдак динамикаи махсуси рушд хос мебошад. Дар соҳаи отифавии кӯдакони синни томактабӣ тағйироти сифатӣ ба амал меоянд. Отифаи ӯ устувортар, амиқтар ва мураккабтар мешаванд.

Кӯдак малакаҳои идоракунии рафтори худро, на танҳо бо такя ба вокунишҳои ҷанбаи отифавидошта, балки инчунин мувофиқи вазифаҳои бошуурона матраҳгардида пайдо мекунад. Дар рушди отифавии кӯдакон ҷалб намудани онҳо ба санъат, огоҳиёбии онҳо аз арзишҳои ҷанбаи умумиинсонидошта, ки дар асарҳои бадеӣ инъикос меёбанд, нақши бебаҳо доранд;

- инкишофи ҳиссии кӯдаки синни томактабӣ бо савияи пасти тафриқавии идрок тавсиф мешавад, ба ибораи дигар, кӯдак аз ашёи ба ӯ нишон додашаванда чизҳои намоёнтарину дурахшонро интихоб мекунад;

- малакаҳои психомотории кӯдаки синни томактабӣ бо инкишофи нокифояи самтгирӣ тавсиф карда мешаванд, идорашавандагии

ҳаракатҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Соҳаи психомоторӣ омили муҳими рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдак мебошад;

- қобилиятҳои эҷодии кӯдаки синни томактабӣ бо динамикаи баланди худ фарқ мекунад. Ҳар як ҷузъи сохтории онҳо дар ин синну сол марҳилаи ташаккул ва такмилро сипарӣ менамояд. Савияи рушд ва шаклҳои зуҳури онҳо гуногун аст ва бо вижагиҳои инфиродии кӯдак вобастагӣ дорад;

- яке аз омилҳои муҳимтарини ба ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии кӯдак таъсиррасонанда муҳити ӯ дар солҳои аввали ҳаёташ мебошад. Бисёр кӯдакон ба ташаккул додани чунин қобилиятҳо дар худ танҳо дар натиҷаи кори банақшагирифта ва муназзами омӯзгорон оғоз менамоянд, ки ин, ба ҳеҷ ваҷҳ, ин ё он нуқсон ҳисобида намешавад.

Аммо тағйироте, ки дар солҳои охир ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мо, аз ҷумла ба таҳсилот таъсир расонданд, дигаргуниҳои ҷиддӣ дар шароити рушди шахсии кӯдакони синни томактабӣ, аз ҷумла фаъолияти ҷанбаи маърифатию эҷодидоштаи онҳоро ба дунбол доштанд. Ҳамин тавр, мо муайян кардани воситаҳои педагогиеро, ки ба ҳавасмандгардонии фаъолнокии эҷодӣ ва қобилияти офарандагӣ дар кӯдакони томактабӣ нигаронида шудаанд, муҳим мешуморем.

Дар миёни вазифаҳои калидии таҳсилоти томактабӣ дар шароити кунунӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди гуногунҷанбаи кӯдакон бо дарназардошти тамоюлҳо ва вижагиҳои синну солии онҳоро номбар кардан лозим аст.

Мақсади фароҳам овардани воситаҳои педагогие, ки иборат ҳам аз объектҳои фарҳанги маънавӣ ва ҳам аз ашёи табиати моддӣ мебошанд, рушди ҳамаҷонибаи донишомӯзон дар ҷараёни таҳсилот, инчунин таъмини намудҳои гуногуни фаъолияти онҳо ва худи раванди таҳсилот мебошад.

Воситаҳои анъанавии педагогиеро, ки ҳангоми таълими кӯдакони синни томактабӣ истифода мешаванд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем [92].

1. Воситаҳои техникӣ:

- таҷҳизот: дастгоҳҳои намоишдиҳӣ; таҷҳизоти аудиоӣ; таҷҳизоти видео; воситаҳои ёрирасон ва ғайра

- интиқолдиҳандагони иттилоотии дидактикӣ: воситаҳои савтӣ; воситаҳо барои намоиш дар экран; воситаҳои омехта.

2. Ашёи пайдоиши моддӣ:

- объектҳои табиати зинда (наботот ва ҳайвонот), объектҳои воқеӣ (ашё);

- васоити таълимӣ ва аёнӣ: ангораҳои меваю сабзавот; хӯсаҳои ҳайвонот ва ғ.;

- миқёси васеи бозичаҳои мусиқӣ; техникӣ; мавзӯӣ; дидактикӣ; тарроҳӣ; бозичаҳои худсохт; бозичаҳо барои саргармиҳо ва ғайра

- маводи дидактикӣ (тақсимотӣ);

- воситаҳои  самти таълим ва бозӣ;

- таҷҳизоти бозӣ, таҷҳизот барои гузаронидани таҷрибаҳо ва ғ.

3. Таъминоти дорои ҷанбаи таълимию методӣ: маҷмӯаҳои тавсияҳои методӣ; китобҳои дарсӣ, маълумотномаҳо, нашрияҳои даврии таҳсилотӣ, нахустманбаъҳо ва дигар маводи матнӣ; мавод барои санҷишҳо.

Воситаҳои беназири таълими томактабӣ инҳоянд:

1. Воситаҳои аёнӣ: тасвирҳо: нусхабардориҳоаз асарҳои санъати тасвирӣ, расмҳои мавзӯӣ, расмҳои дорои самти дидактикӣ, намунаҳои ороишоти китоб; маводи ороишӣ (ангораҳо, диаграммаҳо ва ғ.); воситаҳои мавзӯӣ-тарҳӣ (тақвимҳои обу ҳаво ва ғ.).

2. Воситаҳои бадеӣ: асарҳои мусиқӣ, наққошӣ, асарҳои адабӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ, объектҳои моддӣ ва ғайримоддии фарҳанги миллӣ (либосҳои мардумӣ, осори шифоҳӣ, сурудҳо ва рақсҳои халқӣ ва ғ.).

3. Воситаҳои муошират:

- ғайрилафзӣ: пластикӣ ва имою ишора, ҳамкории тактилӣ ва визуалӣ, ҷойивазкунии фазоӣ;

- лафзӣ. Нутқ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад: возеҳу ифоданок, содда, дуруст, дақиқ ва возеҳ, фишурда, бой, отифавӣ ва ғайра. Ба овоз нишондиҳандаҳои зерин хос мебошад: хушоҳангӣ, задаҳои маъноӣ, ифоданокӣ, талаффузи возеҳ, доштани миқёси васеи регистрҳо, неру, миқёси васеи лаҳнӣ ва ғайра.

4. Воситаҳое, ки фаъолияти маърифатиро ҳавасманд мекунанд:

- кӯмак дар омӯзиш: тақлид (муаллим ба кӯдак намунаҳои амалҳоро нишон медиҳад); ивазкунӣ (омӯзгор самти ҳалли масъаларо пешниҳод мекунад, ба савол ҷавоб медиҳад); ҳамкорӣ (омӯзгор якҷоя бо донишомӯзон масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли онро муҳокима мекунад); пешгирӣ (омӯзгор проблемаро пешгирӣ намуда, шогирдашро суғурта мекунад, дар интихоби роҳи ҳалли мувофиқ мусоидат мекунад); ташаббускорӣ (фароҳам овардани шароит барои ҳалли масъалаҳо ва интихоби озоди самти ҷустуҷӯ).

Сипас мо пешниҳод менамоем, ки дар бораи он воситаҳои педагогие, ки ҳамакнун омӯзгорон дар ҷараёни рушди фаъолияти эҷодию маърифатии кӯдакон васеъ истифода мебаранд, батафсил таваққуф кунем. Барои ин, пеш аз ҳама, талаб карда мешавад, ки фаъолиятҳои асосии кӯдакони синни томактабӣ, ки ба рушди нерӯи эҷодии онҳо таъсири мусбат мерасонанд, инчунин усулҳои калидии педагогии барои ин истифодашаванда муайян карда шаванд.

Дар оғоз, мо пешниҳод мекунем, ки асари методикии С.В. Кузнетсова, Е.В. Котова, Т.А.Романова, ки ба масъалаҳои рушди фаъолияти ҷанбаи маърифатию эҷодидошта дар кӯдакони томактабӣ бахшида шудааст, баррасӣ гардад. Муаллифон технологияҳои зеринро, ки ба рушди қобилияти эҷодӣ дар кӯдакони томактабӣ нигаронида шудаанд, самарабахштарин номиданд [60].

1. Стратегияи пажӯҳишии таълимӣ. Технологияи мазкур ҷиҳати ба андозаи ҳадди аксар ошкорсозии захираи билқувваи тафаккури эҷодӣ, рушди қобилияти кӯдак дар ёфтани роҳҳои асили ҳалли масъалаҳо ва ғанӣ гардонидани тахайюлоти эҷодӣ равона шудааст.

Дар чаҳорчӯби ин стратегия вазъияти проблемавӣ эҷод карда мешавад ва минбаъд бо ҳамкории зичи байни омӯзгор ва кӯдаки синни томактабӣ роҳи ҳалли масъала пайдо мешавад. Дар ин ҳолат, кӯдак бояд ҳадди аксари мустақилиро нишон диҳад ва ба калонсолон масъулият барои роҳбарии умумии раванд вогузор гардад.

2. Вазифаҳое, ки тахайюлро инкишоф медиҳанд. Дар ин ҳолат, чун қоида, мушкилоти ба истилоҳ навъи кушода дар назар дошта шудаанд (У. Рейтман). Чунин масъалаҳо бо набудани роҳи ҳалҳои якранг хосанд ва метавонанд барои онҳо якчанд ҷавоби дуруст бошад. Истифодаи як силсилаи чунин вазифаҳо ба мо имкон медиҳад, ки нишонаҳои тафаккури офарандагиро муайян кунем. Инҳо вазифаҳои зерин буда метавонанд: эчоди сарлавҳа барои ҳикоя; тасвиди саволҳо аз рӯйи расм; таълифи ҳикояи кӯтоҳ ва ғайра. Аз кӯдак хоҳиш карда мешавад, ки ҷумлаи оғозшударо ба итмом расонад, бо ду ё се калимаи додашуда иборае созад, аз мавод ё ҷузъиёти мушаххас чизе созад ва ғ.

3. Ҷустуҷӯи усулҳои истифодаи ғайриоддии ашёи шинос. Ин метод ба пажӯҳишҳои равоншиноси амрикоӣ Е.П. Торренс асос ёфтааст. Аз кӯдак хоҳиш карда мешавад, ки миқдори ҳадди аксари усулҳои истифодаи чизҳои хуб шиносбударо номбар кунад. Боз як намуди дигари методикаи мазкур ин ҷустуҷӯи шаклҳои геометрии муайян дар намуди берунии ашё мебошад.

4. Худдорӣ аз тафаккури қолабӣ. Методи мазкур ба таҳқиқоти Г.С. Алтшуллер такя мекунад. Ӯ назарияи ҳалли масъалаҳои ихтироъкориро таҳия кардааст, ки дар он рушди унсурҳои тахайюлоти эҷодӣ дар кӯдак нақши калидӣ дорад [123]. Ин низом иборат аз маҷмӯи усулҳо ва

методҳо, вазифаҳо ва машқҳоест, ки ба нобуд кардани тафаккури қолабӣ, рафъи такони психологӣ ва рушди зеҳн нигаронида шудаанд.

5. Ҷалби кӯдак ба эҷодиёти лафзӣ. Ин методика дар асоси тавсияҳои Ҷ.Родари, [113], ки дар таҳқиқоти худ ба эҷодиёти лафзии кӯдакон эътибори калон додааст, асос ёфтааст. Дар байни усулҳои педагогии ба ин методология шомилбуда инҳо ба таври васеъ истифода мешаванд: фикр кардани ҳикояҳо, машқҳои «идома додани шеър», пешниҳоди фарзияҳои афсонавӣ, «коркарди» афсона ва ғайра.

6. Рушди тафаккури мантиқӣ. Мантикро инчунин тавассути доираи васеи вазифаҳо инкишоф додан мумкин аст. Инак, дар байни онҳо чизҳои маъмултарин ва босамартаринро қайд менамоем: барқарор кардани намунаҳо ва муносибатҳои байни ашё ё падидаҳои гуногун; аз матн интихоб намудани иттилооти зарурӣ; ошкорсозӣ ва ислох кардани иштибоҳҳо. Вақте ки ба кӯдак супоришҳо барои амсиласозӣ, муқоиса, исбот, муттаҳидсозӣ, тартиб додани нақшаи амал ва ғайра пешниҳод карда мешуданд, усулҳои дорои хусусияти умумимантиқӣ худро хуб нишон доданд.

7. Методикаи шаклдигаркуниҳои эҷодӣ. Дар доираи ин метод, бо ёрии саволҳои пай дар пай, тағйироте, ки дар як падидаи мушаххас рӯй медиҳанд, тавсиф карда мешавад.

Ҳангоми омӯзиши ҳамаи ин технологияҳо бояд дар хотир дошт, ки ҳамаи онҳо, асосан ба бозии дидактикӣ асос ёфтаанд, ки ин яке аз воситаҳои асосии ташаккули зеҳнӣ ва эҷодкорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ мебошад.

Мураббиёни кӯдакони синни томактабӣ барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакон техникаҳои тасвирии навъи ғайрианъанавиро ба таври васеъ истифода мебаранд. Мафҳуми «ғайрианъанавӣ» тафовути онҳоро аз усулҳои расмкашӣ, ки маъмулан кӯдакони синни томактабӣ истифода мебаранд, дар назар дорад. Дар доираи ин метод, василаҳо ва маводи мухталиф, баъзан ғайрианъанавӣ ва мустақиман ба санъати тасвирии

анъанавӣ иртибот надошта (мум, воситаҳои ороишӣ, афшураи буттамеваҳо ва гиёҳҳо), инчунин усулҳои гуногуни ғайрианъанавии кор бо онҳо воситаҳо истифода мешаванд [104].

Техникаи ғайрианъанавии расмкашӣ беш аз пеш таваҷҷуҳи мураббиёни амалкунандаро ба худ ҷалб мекунад, азбаски он ғайриоддӣ аст ва таваҷҷӯҳи на танҳо кӯдакон, балки таваҷҷуҳи худи омӯзгоронро низ ба вуҷуд меорад [93, С.79-81]. Масалан, кӯдакон озод мешаванд, ҳангоми тасвир бо ангуштони худ аз раванди эҷодӣ хуррамию қаноатмандии зиёдро эҳсос мекунанд. Инкишофи ҳамоҳангсозии ҳаракати дастҳо, азхуд кардани асосҳои композитсия чунин як техникаи ҷолиб, ба мисли чопи тавассути қолаби картошка, мусоидат мекунад. Чунин машқҳо кӯдаконро барои азхудкунии минбаъдаи тасвирҳои ашё дар муҳити худ аз табиат омода мекунанд.

Дар қаринаи мавзуъҳое, ки мо баррасӣ мекунем, китобҳои дарсиро низ метавон ба воситаҳои педагогӣ мансуб донист. Масалан, ҳангоми тарбияи қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дастури муаллиф Л.В. Петухова таҳти унвони «Муъҷизаҳои қатрагӣ» хеле муфид мебошад. Бо ёрии ин дастур, ба мураббӣ ба кӯдаки синни томактабӣ омӯхтани асосҳои фаъолияти визуалӣ осонтар аст, инчунин эҷоди тасвирро бо истифода аз техникаи «расмкашии қатрагӣ» тасаввуроти кӯдакони синнимактабиро рушд медиҳад, уфуқи бадеии ӯро васеъ мекунад, аз доираи тасаввуроти қолабӣ берун мебарояд, озмоиш ва ҷустуҷӯи воситаҳои нави аёниро ташвиқ мекунад [103].

Дар замони ҳозира, бисёре аз назариётчиён ва амалкунандагон дар соҳаи педагогика дар байни воситаҳои муҳиме, ки ба рушди қобилияти эҷодӣ дар кӯдакон мусоидат мекунанд, фаъолияти бадеие, ки кӯдак дар чорчӯбаи он ашёи табииро тасвир мекунад, қайд менамояд. Ин танҳо бо расмкашӣ маҳдуд намешавад, татбиқ ва амсиласозӣ таъсири бузурги инкишофдиҳандагӣ доранд. Ин гуна фаъолият амиқтар ва васеътар

кардани фаҳмиши кӯдакони синни томактабиро дар бораи падидаҳо ва объектҳои табиӣ имконпазир месозад [117, С. 105-109].

Аҳамияти чунин тадбирҳои педагогӣ, аз қабили экскурсия ба табиат дар ташаккули қобилияти эҷодӣ ва маърифатӣ дар кӯдакони томактабӣ, ки кӯдакон метавонанд бевосита падидаҳои табиӣ, объектҳои табиати ҷондор ва беҷонро мушоҳида кунанд, басо калон мебошанд.

## 1.2. Фаъолиятҳои умумии таълимии маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ

Тибқи дархостҳои кунунии ҷомеа, таҳти мафҳуми вазифаҳои таҳсилот мо рушди донишомӯзонро дар самтҳои маърифатӣ, шахсиятӣ ва умумии фарҳангӣ дар назар дорем, ки ба онҳо ташаккули салоҳияти асосии «қобилият ба омӯзиш» -ро фароҳам меоварад. Мубрам будани проблемаи омодагии кӯдак барои таҳсил дар мактаб устувор аст ва дар шароити муосир онро бисёр омилҳо муайян мекунанд.

Баланд бардоштани сатҳи самаранокии раванди таълим, ташаккули шахсияти кӯдак, ташаккули салоҳиятнокии касбӣ бештар аз арзёбии дурусти омодагии кӯдакон барои таҳсил дар мактаб вобаста аст.

Азбаски яке аз самтҳои калидии стандартҳои муосири таҳсилот таваҷҷуҳ ба истифодаи технологияҳои рушдёбанда дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад, ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ дар кӯдакон, ки ҷузъи психологии заминаи мухтавои таҳсилот мебошанд, на камтар муҳим аз азхудкунии анъанавии мухтавои фанҳои гуногуни таълимӣ аст [21, С. 61].

Низоми кунунии таҳсилот барои ташаккули маҷмӯи амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ дар кӯдак пешбинӣ шудааст, ки ба онҳо имконият медиҳад, «қобилият ба омӯзиш», маҳорати худтакмилдиҳӣ ва худинкишофдиҳӣ тавассути азхудкунии муассир ва бошууронаи таҷрибаи нав ва на танҳо маҷмӯи муайяни малакаҳо ва донишҳои мушаххаси фанҳои ҷудогонаи таълимиро имконпазир созад. Бояд илова кард, ки дар ин қарина маҷмӯи малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳо танҳо ҳосилаҳои фаъолияти мақсадноки мувофиқ мебошанд, зеро ташаккули онҳо бо фаъолияти донишомӯзон пайванди ногусастанӣ дорад. Вижагӣ ва гуногунии амалҳои ҳамаҷонибаи донишомӯзон савияи сифатии донишҳои азхудкардаи онҳоро пешакӣ муайян мекунад.

Муаллифоне, ки барномаи таҳсилоти томактабиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия кардаанд, нӯҳ тавифномаи ҷанбаи ҳамгироидоштаи марбут ба ҷанбаҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва шахсии рушди кӯдакони синни томактабиро ҳамчун вазифаҳои асосии таҳсилоти томактабӣ муайян кардаанд. Дар байни онҳо таҳияи маҷмӯи амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ нақши муҳим мебозад, ки он ҳамчун қобилият ба омӯзиш худтакмилдиҳӣ тавассути рушди таҷрибаи иҷтимоӣ идрок мешавад.

Таҳти мафҳуми амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ мо маҷмӯи соҳаҳои таҳсилотиеро дар назар дорем, ки рушди шахсиятӣ, ҷисмонӣ ва бадеии кӯдакро бо дарназардошти вижагиҳои инфиродӣ ва синнусолии ӯ таъмин мекунанд.

Барои ҳар як инсон доштани қобилият ба омӯзиш муҳим аст. Бидуни ин, рушди касбӣ ва мутобиқсозии муваффақонаи иҷтимоӣ ғайриимкон аст. Қобилият ба омӯзиш яке аз омилҳои калидии ташаккули малакаҳо ва маҳоратҳои гуногун, маърифати воқеияти атроф, ташаккулёбии низоми самтгириҳои арзишӣ дар ҷавонон мебошад [21, С. 61].

Ба ақидаи В.О. Пунский, қобилият ба таълим шаклдигаркуниҳои усулҳои омӯхташудаи фаъолияти ҷанбаи маърифатидоштаро дар малакаҳо ва маҳоратҳое пешбинӣ мекунад, ки дар маҷмуъ мафҳуми қобилият ба таълимро ташкил медиҳанд.

Тибқи андешаҳои баъзе муҳаққиқон (С.Е. Анфисов, А.Ю. Кузин, И.В. Груздов, О.В. Дыбина), салоҳиятнокиҳои калидии кӯдакони синни томактабӣ маҳоратҳоеро дар бар мегиранд, ки равишҳои фаъолият дар асоси донишҳои дар ҷараёни таълиму тарбия бадастомада мебошанд. Чунин маҳоратҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо дар шароити стандартӣ, балки дар шароити тағйирёбанда низ амал кунад, ки маҳоратҳои мутобиқшавиро талаб кунад.

Амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ ин қобилияти фард барои худинкишофдиҳӣ тавассути азхудкунии бошууронаи таҷрибаи нав мебошад; маҷмӯи амалҳои кӯдаки синни томактабӣ, ки маҳорати

мустақилона аз худ кардани маҳоратҳо ва дониши навро ташаккул медиҳад, ба ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоӣ ва худшиносии фарҳангии ӯ мусоидат мекунад.

Метавон иброз намуд, ки мафҳуми «амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ» -ро дар маҷмӯъ ҳамчун қобилияти таълим гирифтани кӯдаки синни томактабӣ тавассути дарки бошууронаи таҷрибаи нав баррасӣ кардан мумкин аст; ба маънои психологӣ (ба маънои бештар мушаххасгардида), таҳти мафҳуми амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ мо маҷмӯи амалҳои фардро дар назар дорем, ки ба ӯ мустақилона азхуд кардани дониши навро имконпазир месозанд.

Кӯдакон, бо сипарӣ кардани марҳилаи таҳсилоти томактабӣ таҷрибаи ибтидоии амалҳои дорои ҷанбаи ҳамаҷонибаро, ки ба истилоҳ ба «ходими босамар» хосанд, ба даст меоваранд.

Таҷрибаи андухтаи кӯдак дар ин марҳила барои ташаккули қобилияти омӯзишии фард асос мегузорад.

Амалҳои ҳамаҷонибаи таълимиро метавон ба чор гурӯҳи зерин тақсим намуд [44, С. 10]:

1) маърифатӣ;

2) шахсиятӣ;

3)иртибототӣ ( коммуникативӣ);

4) танзимкунанда.

1. Амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии дорои ҷанбаи маърифатӣ аз амалҳои мантиқӣ ва умумитаълимӣ, инчунин гузориши масъала ва ҳалли он иборатанд:

а) амалҳои ҳамаҷонибаи самти таҳсилоти умумӣ аз инҳо иборатанд:

- муайян кардан ва мустақилона тартиб додани вазифаҳои таълимӣ;

- фаъолият оид ба дарёфти иттилоот, аз ҷумла тавассути технологияҳои компютерӣ;

- сохторбандии иттилоот;

- танзим кардани изҳороти хаттӣ ва шифоҳӣ;

- интихоби бошууронаи усулҳои фаъолият, ташкили мониторинги раванд ва арзёбии натиҷаҳои он;

- интихоби босамартарин методҳои ҳалли масъалаи матраҳшуда бо дарназардошти таъсири омилҳои мушаххас;

- хондани бошуурона, ба мисли фаҳмидани ҳадафи худ ва интихоби манбаъҳо, бо дарназардошти ҳадафи мушаххас; ба даст овардани иттилоот аз матнҳои аудиоӣ; муайян кардани иттилооти афзалиятнок;

- муайянкунӣ ва тасвиди масъала, сохтани пайдарпаии амалҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ.

Ба гурӯҳи махсуси амалҳои ҳамаҷонибаи умумитаълимӣ амалҳои дорои хусусияти аломатию рамзӣ дохил мешаванд [30, С. 44]:

- эҷоди амсила, вақте ки шакли ҳиссии ашё дар шакли амсила бо ченакҳои асосии ишорашуда ифода карда мешавад;

- шаклдигаркунии амсилаи сохташуда барои муайян кардани қонуниятҳои умумӣ дар соҳаи мавзӯи мушаххас;

- таркиб ва таҳлили объект;

- муайян кардани меъёрҳое, ки бо ёрии онҳо тасниф ва муқоисаи объектҳо амалӣ карда мешаванд;

- сохтани занҷираҳои мантиқӣ;

- ошкор кардани робитаҳои сабабию оқибатӣ, пешниҳоди падидаҳо ва ашё дар шакли занҷираҳо;

- сохтан ва асоснок кардани фарзияҳо;

- пешниҳоди далелҳо.

Яке аз муҳимтарин амалиёти раванди тафаккур, ки онро санги асоси рушди зеҳнӣ меноманд, таснифи мантиқӣ мебошад, ки ташаккули он як раванди ба қадри кофӣ тӯлонӣ мебошад. Тавассути амалҳои ҳамаҷонибаи ҷанбаи мантиқидошта донишҳо танзим ва ҷамъбаст карда мешавад ва дониши нав аз дониши қаблан бадастомада барварда мешавад.

2. Амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии ҷанбаи шахсиятидошта, самтгирии арзишию маъноии кӯдакони синни томактабиро таъмин карда, дар ташаккули муносибатҳои байнишахсиятӣ ва ташаккули ҳаммонандии иҷтимоии онҳо мусоидат менамояд. Дар қаринаи фаъолияти таҳсилотӣ намудҳои зерини амалҳои шахсӣ фарқ карда мешаванд [3, С. 25]:

а) маъниофарӣ, аз ҷониби кӯдаки синни томактабӣ ба роҳ мондани робитаи байни ангезаҳо ва ҳадафҳои таълимро дар бар мегирад. Фард, падидаҳои объективиро ба таври субъективӣ дарк намуда, на танҳо худро бо дониш дар бораи онҳо ғанӣ мегардонад, балки муносибати худро ба падидаҳо ва ашёҳои объективӣ низ ташаккул медиҳад.

б) худифодасозии шахсиятӣ, ҳаётӣ ва касбӣ;

в) самтгирии ҷанбаи маънавию ахлоқидошта, ки арзёбии ҷузъи муҳтавоии маводи азхудшударо дар бар мегирад, ки он интихоби ахлоқиро имконпазир месозад. Андреева Г.М. арзишҳоро ҳамчун таҳсилоти ҷанбаи маърифатӣ ва ангезавидошта мешуморад, ки вазифаи меъёрҳои арзёбии воқеияти атрофро иҷро мекунанд.

3. Амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии ҷанбаи иртибототидошта бо дарназардошти нуқтаи назари дигар субъектҳои иртибот ба ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоӣ мусоидат мекунанд; маҳоратҳои муколама ва қобилияти гӯш фаро додан ба мусоҳибро инкишоф медиҳад; иштирок кардан дар муҳокимаи гурӯҳии масъалаҳоро меомӯзад; ба ҳамгироӣ ба коллективи ҳамсолон вароҳандозии ҳамкории самарабахш бо калонсолон ва кӯдакони синну соли худ мусоидат менамояд.

Амалҳои ҷанбаи иртибототидошта инҳоянд:

а) тасвиди саволҳо - ҳамкорӣ бо мақсади ҷамъоварии иттилооти зарурӣ;

б) тартиб додани нақшаҳои ҳамкорӣ дар ҷараёни таълим бо омӯзгор ва ҳамсолон, ки дар он нақшҳои иштирокчиён муайян карда мешаванд, усулҳои ҳамкорӣ ва вазифаҳо муайян карда мешаванд;

в) бартарафсозии ҳолатҳои низоъӣ, ки муайян кардани проблема, ҷустуҷӯи роҳҳои босамари ҳалли онҳо ва амалҳои минбаъдаи амалисозии онҳоро дар бар мегирад;

г) қобилияти дақиқан баён кардани андешаҳои худ, бо дарназардошти шароит ва вазифаҳои муоширaт; маҳорати мувофиқи қоидаҳои забони модарӣ сохтани муколамаҳо ва монологҳо. Дар кӯдакон ташаккул додани қобилияти ба эътибор гирифтани мавқеи одамони дигар дар амалҳои онҳо марҳилаи муҳими ташаккули малакаҳои муоширатии онҳо ба ҳисоб меравад ва яке аз муҳимтарин хислатҳое ба ҳисоб меравад, ки дар синни томактабии кӯдак инкишоф меёбад.

4. Вижагиҳои ҳамаҷонибаи таълимии ҷанбаи танзимкунандадоштаи зерин ба кӯдакони синни томактабӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти таълимии худро ба роҳ монанд [12, С. 29]:

а) гузоштани вазифаҳои таълимӣ бо дарназардошти он, ки кадом мавод азхуд карда шудааст ва омӯхтани кадом мавод дар пеш аст;

б) пешгӯии натиҷаи марҳилаҳои муайяни фаъолияти таълимӣ;

в) бо дарназардошти ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ҳалли пайдарпайи вазифаҳои фосилавӣ;

г) амалисозии назорат тавассути ба ҳам пайвастани усули ҳалли масъала бо натиҷаи пешбинишуда бо мақсади ислоҳи саривақтии мушкилоти пешомада;

д) муносибсозии амалҳо ҳангоми мувофиқат накардани онҳо бо натиҷаи пешбинишуда;

е) арзёбии муваффақият аз ҷониби худи кӯдак ба он боис хоҳад шуд, ки кӯдак ба он чиро, ки қаблан ба он ноил шудааст ва чиро минбаъд бояд омӯзад, дарк намояд;

ж) қобилияти худтанзимкунӣ маҳорати сафарбар кардани неру ва сифатҳои иродавии кӯдакро барои рафъи мушкилоти ҳангоми ҳалли масъала пешомада раҳнамун месозад.

Низоми амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ дар доираи амалҳои дорои ҷанбаҳои иртиботӣ, маърифатӣ, танзимкунанда ва шахсиятӣ, ки инкишофи вижагиҳои равонии фардро муайян мекунанд ва онҳо унсурҳои муҳими ташаккули ҷанбаҳои маърифатӣ ва шахсиятии кӯдак мебошанд. Раванди таълимӣ ченакҳо ва вижагиҳои ҷузъи муҳтавоии фаъолияти маърифатии кӯдакони синни томактабиро муайян мекунад ва бо ҳамин савияи рушд ва тавсифномаи амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии дар боло зикршударо муайян мекунад [13, С.33].

Консепсияи ислоҳоти соҳаи таҳсилот дар байни вазифаҳои асосии худ тарбияи шахсиятеро, ки дорои чунин сифатҳое аз қабили масъулиятшиносӣ, мустақилият, ҳаракатнокии иҷтимоӣ, ба иборai дигар, омодагии кӯдаки синни томактабиро барои идомаи таҳсил дар мактаби таҳсилоти умумӣ мебошад, муайян мекунад.

Ҳангоми таҳсил дар мактаб, кӯдак барои худ ба шароити комилан нав, бо анбуҳи иттилооти нав ва қоидаҳои рафтор рӯ ба рӯ мешавад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи таҳсилоти томактабӣ, кӯдакро бояд ба тағйироти бузурги ояндаи ҳаёташ омода карда, ӯро тадриҷан ба талаботҳои нав одат кунонид, дар ӯ малакаҳои нави иҷтимоӣ ва сифатҳои шахсии барои мутобиқати бомуваффақият ба шароити мактаб заруриро ташаккул дод.

Барои ба таҳсилоти мактаб босифат омода кардани кӯдак, бояд бо кӯдакон ба таври иловагӣ машғулият намуда, ба онҳо сифатҳои заруриро ҳадафмандона талқин кард.

Татбиқи амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии ҷанбаи шахсиятидошта маънои раванди ташаккули худогоҳии ботинии донишомӯзро дорад; дар ӯ инкишоф додани фаҳмиши аҳамияти бениҳоят калони фаъолияти маърифатӣ; ташаккули дастурҳои ахлоқие, ки ӯ метавонад амалҳои худро бо онҳо қиёс намояд.

Бозиҳои нақшофарӣ яке аз равишҳои ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии самти эҷодию маърифатӣ дар кӯдакони синни томактабӣ мебошанд [22, С. 10].

Ҳангоми бозӣ дар ҳалқаи ҳамсолон, дар кӯдак рафтори навъи худсаронае ташаккул меёбад, ки ба шарофати он вай дар инкишофи худ ба воя мерасад. Ин кор дар вақти бозӣ дар шароити танҳоӣ душвор аст ё тақрибан номумкин аст, зеро бозии дастаҷамъӣ имкон медиҳад, ки ба кӯдак рафтори ӯ ба туфайли тақлид ба кӯдакони дигар ҳангоми бозӣ тасҳеҳ ворид карда шавад, чунки дар бозии танҳо иҷрои ин кор душвор аст. Дар бозиҳои кӯдакон, касбҳои зиёде мавҷуданд, ки дар ҳаёт вуҷуд доранд. Хусусияти хеле муҳими нақшофарӣ аз он иборат аст, ки ҳангоми иҷрои нақши калонсолон, кӯдак амалҳои худро нишон дода, онро дар шакли рамзӣ иҷро мекунад. Ҳузури шарик дар чунин бозӣ аҳамияти калон дорад. Зеро, танҳо муносибатҳои байни одамон ба амалҳои шахс маънӣ медиҳанд.

Дар ҷараёни бозӣ, кӯдак як навъ ҳаловати навро эҳсос мекунад, ки бо риояи қоидаҳо аз тарафи ӯ ба амал меояд. Ӯ метавонад ҳамчун як бемори сӯзандоругирифта гиря кунад ё ҳамчун волид ё мураббӣ ҷиддӣ рафтор кунад. Ҳамин тариқ, дар кӯдак рафтори ихтиёрӣ инкишоф меёбад, ки минбаъд дар давраи мактабӣ идомаи худро меёбад. Бозиҳои нақшофарӣ имкон медиҳанд, ки проблемаҳои ҷанбаи отифавидоштаи кӯдаконро муайян гардида ва бо ёрии ҳамин бозиҳо роҳи ҳалли онҳо пайдо мешавад: кӯдак дар худ бисёр сифатҳои заруриро инкишоф медиҳад, ӯ эътимодноктар мешавад, отифаҳои манфии ӯ бартараф мешаванд, хаёлот, эътимод ба худ инкишоф меёбад, кӯдак маҳорати ҳис кардани вазъи атрофиён, қобилияти ҳамдардӣ ва ғайра рушд мекунад [136, С. 81].

Бозии кӯдакон дар «мактаб» таъсири хеле калони мусбат дорад. Бо ёрии ин бозӣ кӯдак ба осонӣ ва оромона худро ба тағйироти ҷиддӣ дар ҳаёти худ омода мекунад. Маҳорати итоат кардан ва идоракунӣ, ба назар гирифтани манфиатҳо ва мавқеи атрофиён, ҳамкори бо аҳли гурӯҳ – чунинанд баъзе сифатҳои муҳим барои донишомӯз, ки кӯдак дар арафаи марҳилаи нави ҳаёт ва таҳсили худ ба даст меорад.

Масъалаҳои ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии дорои ҷанбаи маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ бо асосноккунии назариявии хоси он дар ҷараёни раванди таълим зич алоқамананданд. Ошкорсозии ин ҷанбаҳоро мо дар таҳқиқоти Н.Н.Богданова [17], В.Аганова [1, С.26-27], Э.И.Пассов [102], Н.А.Малкина [81, С. 22-27], М.А.Ариян [5, С. 3-11], О.А.Денисенко [42] ва дигар олимон пайдо карда метавонем. Дар баробари ин, консепсияи фаъолияти маърифатию ва эҷодӣ дар кӯдакони томактабӣ, ба назари мо, ҳанӯз ба қадри кофӣ коркард нашудааст.

Дар боло, мо қайд кардем, ки бо амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии ҷанбаи маърифатию эҷодидоштаи кӯдакони синни томактабӣ мо маҷмӯи тавсифоти ҳамгироиро дар назар дорем, ки дар кӯдак дар марҳилаҳои аввали раванди таълим ташаккул меёбанд ва аз инҳо иборатанд: қобилияти дарк ва коркарди иттилоот дар раванди иртиботот, вокуниши отифавӣ ба зиддиятҳо, таваҷҷӯҳ ба ҷаҳони атроф, хоҳиши ҷустуҷӯи роҳҳои ғайриоддии ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти эҷодӣ. Амалҳои ҳамаҷонибаи маърифатию эҷодӣ ҷузъҳои амалиётӣ, маърифатӣ, ангезавӣ ва ахлоқиро дар бар мегиранд.

Дар марҳилаҳои аввали фаъолияти таҳсилотӣ эҷоди ҳолатҳое, ки муносибати эҷодиро талаб мекунанд, нақши муҳим мебозад. Маҳз фаъолияти ҷанбаи бозидошта дар таълими кӯдакони томактабӣ имкониятҳои калон фароҳам меорад.

Воситаҳое аз қабили театри лӯхтак ва дигар фаъолияти самти театрию драмавӣ барои кӯдакон басо ҷолиб мебошанд. Дар илми педагогика ба таълими барвақтии кӯдакон, ки ба принсипҳои ҳамкории байни кӯдакон ва ҳам кӯдакону калонсолон асос ёфтааст, диққати пайваста дода мешавад.

Тадқиқоти илмӣ дар ин самт аз самаранокии баланди ҳамгироии тарбияи бадеию эстетикӣ бо омӯзиши барвақтӣ дар асоси методикаи таҳияшудаи таълимӣ шаҳодат медиҳанд, ки унсурҳои ҳамгироӣ, бозӣ ва

иртибототро дар бар мегирад. Масъалаҳои ҳамгироии байнифаннӣ дар марҳилаҳои аввалияи таълими забонҳои хориҷӣ, ки фаъолияти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ бо омӯзиши забонҳои хориҷӣ омезиш меёбад, муфассал омӯхта шудаанд.

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои вобаста ба ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии дорои ҷанбаи маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ба масъалаҳои методологӣ, аз ҷумла, равишҳо ва принсипҳои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда диққати махсус додан лозим аст.

Тавре ки таҳлили таҳқиқоти сершумори назариявӣ оид ба проблемаи баррасишаванда нишон медиҳад, муносибати бонизом ҳамчун яке аз ҷанбаҳои муҳими тавсифи методологии консепсияи диалектикии робитаҳои байниҳамдигарӣ ба мо имкон медиҳад, ки шахсияти кӯдакро ҳамчун унсури нисбатан мустақил ва зарурии низомҳои микёси калонтар, ки дар доираи он нақши муҳимро барои амалкарди зарурии онҳо мебозад.

Ба туфайли чунин равиш, мо метавонем муносибати байни ҷузъҳои шахсиятиро тавсиф карда, робитаҳои уфуқӣ ва амудии байни онҳоро муайян кунем, силсилаи маротибро (иерархияро) муқаррар намоем.

Ҳамин тариқ, дар қаринаи таҳқиқоти мазкур чунин хулоса хеле муҳим аст, ки инкишофи ҳамоҳанги шахсияти кӯдаки синни калони томактабӣ ҳузури ҳатмии фаъолияти эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакони томактабиро пешбинӣ мекунад, ки таваҷҷуҳи ӯро ба ташаббус бедор ва ҳавасманд мекунад ва ҳамон сифатҳои муҳимтарини шахсиро инкишоф медиҳад, ки дар марҳилаҳои барвақттари раванди таълиму тарбия ташаккул ёфтаанд.

Фаъолияти эҷодӣ ва зеҳнӣ омили муҳими гузариши сифатҳои шахсии ташаккулёфтаи кӯдаки синни томактабӣ дар воситаҳои ҳалли проблемаҳои ташаккули фардияти ӯ мегардад.

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои марбут ба ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии самти маърифатию эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ дар раванди фаъолияти дастаҷамъӣ мо наметавонем мероси педагогии А.С. Макаренкоро сарфи назар намоем. Ӯ чунин мешуморид, ки шарти ҳатмии рушди ҳамоҳанги кӯдак бояд фазои хурсандибахш ва мусоид ҳангоми фаъолияти таълимӣ ва эҷодӣ бошад, ки дар он ҷо фаъолияти бозӣ яке аз воситаҳои афзалиятноки тарбиявӣ ва таҳсилотӣ аст [80].

Илми равоншиносӣ эҷодиётро натиҷаи фаъолнокии равонии инсон баррасӣ менамояд (Я.Е. Пономарев [109, С. 21-25], А.Н. Леонтев [70], Д.Е.Богоявленская [18]). Ба ақидаи Л.С.Виготский [33], таҳти мафҳуми эҷодиёт бояд ҳама чизе фаҳмида шавад, ки дар он чизи нав зоҳир карда шавад, ки аз ҳудуди маъмулию ҳамарӯза берун барояд. Ғайр аз ин, олими барҷаста эҷодиётро яке аз шартҳои бунёдии худи мавҷудияти шахсияти инсон меҳисобид.

Мафҳумҳое чун «эҷодиёт» ва «зеҳният», ки барои психология ва педагогика аҳамияти калон доранд, ҳамчун маҷмӯи равандҳои иродавӣ, аффективӣ ва зеҳнӣ баррасӣ карда мешаванд, ки шарти зарурии ташаккули салоҳиятҳо ва тавсифномаҳои шахсӣ мебошанд. Рушди ҷузъи эҷодӣ ва зеҳнии шахсияти кӯдаки синни томактабӣ барои иртиботот ва ҳамкорӣ бо ҳамсолон ва калонсолон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, ки ин дар навбати худ, рушди қобилияти эҷодӣ ва фаъолияти маърифатии ӯро, ки заминаи олиҷанобӣ пешрафти таълим дар доираи низоми таҳсилоти умумӣ мебошанд, фароҳам меоварад.

Дар таҳқиқоти Т.И. Бакланова [14], Ю.П. Азарова [2], А.И. Арнолдова [6], Ю.А. Стрелтсова [124], Г.А. Праздникова [110], Е.И. Изотова [49] ва муаллифони дигар ҷанбаи фарҳангшиносии рушди қобилияти эҷодӣ дар кӯдак мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар қаринаи таҳқиқоти мо, консепсия дар бораи ҷанбаи динамикии қобилиятҳо фавқулода ҷолиб ба назар мерасад, ки дар ин маврид

Б.М.Теплов навиштааст, ки қобилиятҳо бидуни рушд вуҷуд дошта наметавонанд, ки онҳо тавассути шаклҳои гуногуни фаъолияти инсон амалӣ карда мешаванд. Ҳамин тариқ, инсон на танҳо метавонад, балки бояд қобилияти эҷодии худро низ инкишоф диҳад. Барои муваффақона ноил шудан ба ин ҳадаф, аз синни томактабӣ оғоз намудани ин раванд хеле муҳим аст [133].

Як қатор олимон, аз қабили А.В.Запорожетс [47], Л.С.Виготский [31], Д.Б.Элконин [156] ва А.Н.Леонтев [70] тарафдори чунин ақида буданд, ки синну соли томактабӣ давраи мусоидтарини рушди кӯдак аст, вақте шаклҳои мураккаби тафаккур, тасаввурот ва идрок ташаккул меёбанд, аз ин рӯ малакаҳо ва донишҳое, ки дар ин бахши ҳаёти инсон ташаккул ёфтааст, то охири умр мустаҳкам боқӣ мемонад.

Бояд қайд кард, ки кӯдакони синни калони томактабӣ бо савияи хеле баланди рушди зеҳнӣ фарқ мекунанд; ин давраи ташаккули фаъоли ангезаи маърифатӣ ва хотираи ихтиёрӣ, такмили малакаҳои нутқ, тафаккури навъи аёнию тимсолӣ аст, саъю кӯшиши шинохти олами атроф фаъолона ташаккул меёбад. Бо дарназардошти ин вижагиҳои рушди кӯдак, мо мурочиат ба чунин намудҳои корҳои рушд, ба монанди бахотиргирӣ, шунидан, таҳлил ва инчунин ҳавасманд кардани кӯдакони синни томактабиро барои кӯшишҳои такрористеҳсолкунӣ ва мустақилона эҷод кардани маҳсулоти фаъолияти эҷодӣ манфиатовар меҳисобем [150].

Мо андешаи Л.С.Виготскийро дар бораи он, ки кӯдакони синни калони томактабӣ дорои чунин сифатҳои ташаккулёфта ба монанди зиракӣ, ташаббускорӣ, хаёлоти ғанӣ, истодагарӣ ва омодагӣ ба сипарӣ кардани монеаҳо мебошанд, комилан дастгирӣ мекунем. Ин ва дигар сифатҳо ба кӯдак имкон медиҳанд, ки қобилиятҳои эҷодии худро инкишоф диҳад ва худро эҷодкор эҳсос намояд. Метавон иброз намуд, ки давраи аз 5 то 7 солагӣ давраи тағйироти фаъол дар ҳолати равонии кӯдак аст, ки тақрибан ба ҳама ҷанбаҳои он амалан таъсир мерасонад.

Мо баъди омӯхтани асарҳои равияи психологӣ ва педагогии оид ба мавзуъҳои дар таҳқиқоти мазкур баррасишаванда ба хулосае омадем, ки моҳияти фаъолияти эҷодии кӯдак дар муқоиса бо ҳамин гуна фаъолияти калонсолон бо вижагиҳои худ фарқ мекунад, зеро хислати он аз рӯйи таҷрибаи ҳаётии кӯдакони синни томактабӣ, беназирии шахсияти ӯ ва назари субъективӣ ба навоварии натиҷаҳои фаъолияти эҷодии ӯ муайян карда мешавад. Фаъолнокии маърифатӣ ва эҷодии кӯдак бештар ба отифаҳои мусбат аз раванди омӯзиши чизҳои нав, аз муваффақиятҳои худи онҳо дар рафъи монеаҳо дар ҳалли мушкилоти эҷодӣ ва зеҳнӣ вобаста аст. Бояд қайд кард, ки шаклҳои зуҳуроти берунаи фаъолнокии эҷодӣ ва маърифатӣ гуногунанд. Ин фаъолсозии назарраси фаъолияти фикрӣ ва нутқӣ, шавқу ҳавас ба намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ (навиштан, ҳисоб, мусиқӣ, санъати тасвирӣ, иштиёқ ба забонҳои хориҷӣ ва ғ.) мебошад.

Равияҳои олимон ба вижагиҳои тафаккур ва ченакҳои фаъолияти ҷанбаи маърифатию эҷодидоштаи кӯдакони синни томактабӣ хеле гуногунанд (А.М. Матюшкин [84, С. 45-55], Ж. Годфруа [38], Р.С. Немов [95, С. 154-165]), аммо андешаи онҳо ягона аст, нисбат ба он ки тафаккури эҷодӣ ба маҷмӯи ҷузъҳои отифавӣ ва зеҳнии шахсият асос ёфтааст. Масалан, О.К.Тихомиров [137, С. 176-185] ва Н.Н. Палагина [100] ҷузъи ҳиссию отифавиро дар фаъолияти эҷодӣ муҳимтарин меҳисобанд. Ба ақидаи Э.Л. Яковлева [158] ва Д.Б. Богоявленская [19], савияи рушди ҳиссӣ ва отифавии фард ба фаъолияти зеҳнии ӯ бевосита таъсир мерасонад. Маҳз ҳамин ҷанба ба татбиқи нерӯи эҷодӣ ва зеҳнии шахсият такон мебахшад.

Нақши ҷузъи отифавӣ дар ташаккули амалҳои универсалии таълимии дорои ҷанбаи маърифатӣ ва эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ хеле муҳим мебошад. Кӯдакони ин синну сол бо ҳавасмандии барзиёди худ фарқ мекунанд. Мо ақидаи Т.В. Симаеваро [118] дастгирӣ менамоем, ки дар хусуси он ки мубрамии ин ё он фаъолияти мушаххаси

кӯдаки синни томактабӣ асосан бо рухияи отифавии ҳамроҳи ин фаъолият муайян карда мешавад. Отифаҳои мусбат омили муҳими муносибати бомуваффақият ҳам бо ҳамсолон ва ҳам бо калонсолон мебошад ва онҳо инчунин дар интихоби фаъолият нақши ҳалкунанда доранд.

Дар қаринаи ин таҳқиқот, мо мавқеи Э.П.Комароваро муҳим мешуморем, ки мувофиқи он зеҳни отифавӣ бо самтгирӣ ба ҳамдардӣ ва фаҳмиши одамони дигар хос аст, ки барои рушди шахсии кӯдак хеле муҳим аст [56].

Э.В. Сорокина ҳам иштиёқмандии отифавиро омили муҳимтарини фаъолнокии эҷодии кӯдакони синни томактабӣ меҳисобад, ки дар ҷараёни он ӯ аз ёфтани роҳҳои асили ҳалли масъалаҳои дар пеш истода қаноатманд мешавад [120]. Ба ақидаи Н.А.Ветлугина, унсури ҳатмии фаъолияти эҷодии кӯдак низ вокуниши отифавӣ ба он мебошад [28, С. 22-29].

Н.Е.Веракса чунин мешуморад, ки отифае, ки кӯдакони синни томактабӣ дар раванди тарбия аз сар мегузаронанд, барои беҳтар аз худ кардани дониш ва малакаҳои нав мусоидат мекунад [26, С.17-31]. Е.Н.Водовозова дар таҳқиқоти худ робитаи мустақимро миёни ҳаҷми маводи азхудкардаи кӯдак ва муносибати отифавии ӯ ба падида ё ашёи муайянро тасдиқ мекунад. Муносибати отифавии мусбат самаранокии раванди таҳсилотиро ба таври назаррас баланд мебардорад ва ба он таъсири ангезавӣ мерасонад [29].

Ба ақидаи Е.В.Сорокина, фаъолияти эҷодии кӯдаки синни томактабӣ ин раванди вокуниши отифавии ӯ ба худ ва олами атроф мебошад.

Дар асарҳои педагоги тоҷик Маҷидова Б. ин мавзӯъ мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудааст: диққати кӯдакро рангу садоҳои зебову дилкаши ашёҳои атроф ба худ ҷалб менамояд. Ҳамин шавқи зебоипарастӣ ва зебоишиносии кӯдакро барои тарбия ва инкишофи

эстетикӣ истифода бурдан замина барои рушди маҳорату қобилияти эҷодкорӣ мегардад [87].

Дар раванди эҷодкорӣ, кӯдаки синни томактабӣ қобилияти ба зеҳн тобеъ кардани отифаи худро меомӯзад. Ба баёни дигар, амалҳои ӯ, ки нахуст дар натиҷаи вокунишҳои отифавӣ ба вуҷуд омадаанд, тадриҷан хислатҳои бошууронаро ба даст меоранд, ки ин аз танзими ҷанбаи беруна ба даруна гузаштанро дар назар дорад, ки дар натиҷа ба кӯдак имкон медиҳад, ки интихоби бошууронаи амсилаи модели рафтори ӯро амалӣ намояд [120].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили назариявии масъалаҳои марбут ба ташаккули соҳаи эҷодӣ ва маърифатӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, мо метавонем дар бораи нақши калидӣ дар ин раванди ҷузъи отифавӣ ва ангезавӣ сухан ронем, зеро он рангомезии отифавии пешниҳоди маводе, ки маҳсулнокии фаъолияти эҷодӣ ва маърифатии кӯдакони синни томактабиро муайян мекунад. Ҳамин тавр, ҷузъи мазкур дар ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии ҷанбаи эҷодию маърифатидошта дар кӯдаки синни томактабӣ ҳалкунанда мебошад. Омили отифавӣ дар ин синну сол қавитарин вазифаи ангезавиро иҷро мекунад, ки савияи шуурнокӣ дар маърифати олами атрофро муайян мекунад.

Ин мулоҳизаҳо ба мо имкон медиҳанд, ки дар бораи мавҷудияти чунин ҷузъе, ки маҳсули отифавию ангезавӣ ва шакли асосии ифодаи ташаккули эҷодӣ ва зеҳнии кӯдаки синни томактабӣ бошад, тахмин намоем. Пеш аз ҳама, мо рушди маърифатии кӯдаки синни томактабӣ, яъне ташаккули хотираи ӯ, тафаккури мантиқӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо ва дигар равандҳои асосии тафаккури ӯро дар назар дорем,. Тибқи назарияи рушди маърифатии Ж. Пиаже, давраи синну соле, ки мо онро баррасӣ мекунем, дар ташаккули заминаи тимсолии зеҳни кӯдак, вақте ки ӯ асосҳои тафаккури мантиқиро дарк мекунад, аввалин кӯшиши ташаккули тасвири ҷаҳонбинии воқеияти атроф давраи асосӣ мебошад.

Мо ҷузъи назариявӣ ва методологии ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии дорои ҷанбаи эҷодӣ ва маърифатӣ дар кӯдакони синни томактабиро ба назар гирифта, мо наметавонем ба таҳқиқоти муосири психологӣ ва фалсафӣ муроҷиат кунем, ки дар он диалектика ҳамчун воситаи универсалии фаъолияти маърифатӣ шинохта шудааст. Масалан, Л.С.Виготский чунин мешуморид, ки диалектика ҷузъи ҷудонашавандаи тафаккури инсон, рӯйдодҳои ҷанбаи таърихидошта ва худи табиат мебошад. Дар қаринаи мавриди таваҷҷуҳ ва рағбати мо, бояд дарк кард, ки ҷанбаи ҳамаҷонибаи равиши диалектикӣ ба мо имкон медиҳад, ки тафаккури диалектикии кӯдаки синни томактабиро ҳамчун яке аз навъҳои фаъолияти эҷодии ӯ баррасӣ намоем [31].

Бо истифода аз равиши бонизом ҳангоми пажӯҳиши қобилияти кӯдакони синни калони томактабӣ барои фаъолнокии мустақили эҷодӣ, мо онро ҳамчун ҳамкории ҷузъҳои таркибии он: субъектҳо, такмили муҳтавоӣ, вазифаҳо, ҳадафҳо ва методҳои он баррасӣ кардем.

Методологияи равиши фаъолиятию субъектӣ аз ҷониби мо ҳамчун маҷмӯи ҳамгирошудаи чунин равишҳо, аз қабили бисёрсубъектӣ,

фаъолиятӣ ва шахсиятӣ аз нуқтаи назари фард ҳамчун як шахси эҷодӣ баррасӣ карда мешавад.

Таъсиррасонии маҷмӯии равишҳои дар боло баррасишуда имкон медиҳад, ки субъект дар маркази диққати худ на натиҷаи фаъолияти худ, балки худи раванд, ки яке аз унсурҳои низоми иртибототии дорои ҷанбаи иҷтимоию фарҳангӣ аст, ҷойгир намояд.

Аз нуқтаи назари ҳамгироии равишҳои фарҳангшиносӣ ва аксиологӣ мо таҳти унвони азхудкунии арзишҳои фарҳангӣ аз ҷониби кӯдакони синни калони томактабӣ ҳамкории байни ҷузъи фарҳангӣ ва ҳомили фарҳангро идрок мекунем. Дар фаъолияти таҳсилотӣ ин равишҳо тавассути ташаккули фазои махсус амалӣ карда мешаванд, ки дар доираи он фазои махсуси отифавӣ ва ахлоқӣ фароҳам оварда шудааст, ки ба раванди татбиқи шаклҳои дастаҷамъӣ ва инфиродии фаъолияти эҷодӣ таъсири мусбат мерасонад.

Аз нуқтаи назари таҳсилоти муосир, раванди таълиму тарбия ҳамчун ташаккули салоҳиятҳо дар кӯдаки синни калони томактабӣ ба ҳисоб меравад, ки барои рушди ҳамаҷонибаи мавзуни ӯ ва амалисозии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии ӯ ҳатмӣ мебошанд. Дар асоси гуфтаҳои боло, ташаккули қобилияти кӯдакони синни калони томактабӣ барои фаъолияти мустақили эҷодӣ ба салоҳияти шахсии ӯ шомил гардидааст.

## Хулосаи боби 1.

Дар хулоса, мо метавонем қайд намоем, ки дар ганҷинаи муосири дидактикӣ воситаҳои сершумори педагогии рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва маърифатӣ дар кӯдакони томактабӣ мавҷуданд. Дар ин ҳол, омӯзгори ботаҷриба имконият дорад, методҳои анъанавиро, ки самаранокии худро муддатҳо қабл исбот кардаанд, бо навигариҳои техникӣ ва педагогии ҷавобгӯи ситезаҳои ҷаҳони муосир муттаҳид созад.

Таркиби амалҳои ҳамаҷонибаиуниверсалии таълимии дорои ҷанбаи эҷодию маърифатӣ ҷузъҳои ахлоқӣ, маърифатӣ, ҳавасмандӣ, вокунишӣ ва ангезавиро дар бар мегирад.

Маҷмӯаи ин ҷузъҳо омилҳои асосии инкишофи кӯдаки синни калони томактабиро дар бар мегирад, ки вижагиҳои амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии ҷанбаи эҷодию маърифатидоштаро муайян мекунанд.

Дар ҷамъбаст, мо гуфта метавонем, ки ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимии дорои ҷанбаҳои эҷодӣ ва маърифатӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ барои равоншиносон ва омӯзгорон проблемаи мубрам аст, зеро дар бораи аҳамияти бузурги иҷтимоии он бешубҳа, вале дар айни замон, таҳқиқшавии назариявии ҳалли он ҳанӯз ҳам ба анҷом нарасидааст.

Фаъолияти ҷанбаи шахсиятию инкишофдиҳандагидоштаи кӯдакони синни томактабӣ бояд бо гуногунии бештари худ фарқ карда, ба ҷанбаҳои эстетикӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва амалии шахсияти ӯ таъсир расонад. Унсури муҳимтарини рушди шахсиятии кӯдак ҷалби ӯ ба зиндагии фаъоли иҷтимоӣ мебошад, ки дар ин синну сол тавассути фаъолияти бозӣ, муоширати зинда муяссар мегардад.

Бо ёрии равиши муколамавӣ, ки онро зиёдсубъектӣ низ ном мебаранд, ба тақвияи аҳаммияти ҳамкории кӯдак бо одамони атроф - ҳам калонсолон ва ҳамсолон ноил шудан мумкин аст. Шахсият дар ҷараёни ҳамкорӣ бо дигар субъектҳо ташаккул меёбад, худи вай унсури снизоми муошират дар доираи гурӯҳи муайяни субъектҳо мебошад.

Таъсиррасонии маҷмӯии равишҳои дар боло баррасишуда имкон медиҳад, ки субъект дар маркази таваҷҷуҳи худ на натиҷаи фаъолияти худ, балки худи равандро, ки яке аз унсурҳои низоми иртибототии ҷанбаи иҷтимоию фарҳангӣ аст, қарор диҳад.

# БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ТАШКИЛИЮ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ МАЪРИФАТИЮ ЭҶОДИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ

## 2.1. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои савияҳои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ

Дар шароити кунунии ҷомеаи ташаккулёфтаи иттилоотӣ кӯдакон аз солҳои аввали ҳаёт дастрасии номаҳдудро ба иттилооти гуногун доранд. Мушоҳидаҳо собит месозанд, инкишофи кӯдакон назар ба даҳсолаи сипаришуда, бо суръати тез пеш меравад, ки он, бешубҳа, ба рафтор ва ташаккули сифатҳои шахсияти онҳо таъсир мерасонад. Дар ин ҳол, инкишофи босуръати кӯдакон ҳамзамон, бо як раванди ҷанбаи иҷтимоию психологидошта ба монанди косташавии асаб, ҳолати равонии кӯдакон, дар баъзе маврид мушоҳида намудани бозмонии инкишофи нутқӣ ба амал меояд. Чунин зуҳурот дар кӯдакон, аксаран, бо камтаваҷҷуҳӣ, намуди қолабии тафаккур, гиперфаъолӣ мушоҳида мегардад, ки боиси номуайянии дастрасӣ ба принсипҳои зиндагӣ мегардад.

Шароити имрӯза тақозо мекунад, ки кӯдак иттилоотро оҷилан пайдо кунад ё малакаро ба даст оварда, онҳоро дар худи ҳамон ҷо истифода барад. Дар раванди машғулиятҳо дар муассисаҳои томактабӣ барои кӯдакон беш аз 10-15 дақиқа муттамарказонидани диққат душвор аст. Хеле зуд аз даст додани таваҷҷуҳ ва хастагӣ ба амал меояд, махсусан дар ҳолатҳое, ки иттилоот мавриди таваҷҷуҳи онҳо набошад. Агар кӯдак маънои он чизеро, ки гуфта шуда истодааст дарк накунад, дарҳол диққати худро ба самти дигар беихтиёрона равона месозад.

Ҳамин тавр зарур мешуморем, ки мазмуну муҳтавоии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ барои дарки кӯдак дастрас бошад. Дар замони муосир барои кӯдакон Интернет ба мавқеи хосаеро дороост: дар соҳаи технологияҳои рақамӣ онҳо нисбат ба намояндагони

наслҳои қаблӣ ба маротиб ботаҷриба ва огоҳтаранд. Набояд ба рушди чунин малака ва маҳоратҳои нав монеа эҷод намуд, балки онҳоро истифода кардан лозим аст, то кӯдак иттилооти барояш заруриро барои аз худ кардани донишҳои нави марбут ба ҳаёти воқеӣ, фавран, дарёфт кунад. Дар шароити имрӯза, мо ҳанӯз дар бораи гузаронидани тамоми низоми таҳсилот ба савияи нави иттилоотӣ сухан гуфта наметавонем, зимнан, солҳои охир фаъолиятҳо дар ин самт ба таври назаррас тақвият ёфтаанд. Барои низоми таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти ҳамон мушкилоти дар маҷмуъ барои низоми таҳсилот яксонбуда хос аст, ки бо сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иттилоотӣ, суръати рушди намудҳои таълими электронӣ ва фосилавӣ норасоии шадиди кадрҳои баландихтисос алоқаманд мебошанд.

Вазифаи асосии тарбияи томактабӣ ин ошкорсозии ҳадди аксар ва рушди тавоноии билқувваи (потенсиали) эҷодӣ ва зеҳнии ҳар як кӯдак, омодасозии ӯ ба фаъолияти мустақилонаи самти созандагӣ, ташаккули равиши эҷодкорона ба ҳалли масъалаҳое мебошад, ки дар назди ӯ матраҳ мебошанд. Инкишофи фаъолияти маърифатию эҷодии кӯдак муҳимтарин шарти татбиқи неруи шахсиятию эҷодии ӯ, зиндагии бомуваффақият дар марҳилаи калонсолӣ мебошад.

Амсилаи ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатиро ба монанди дигар сифатҳои шахсиятӣ, метавон дар се марҳила тасаввур намуд:

1. Ба даст овардани дониш;
2. Зуҳури эҳсосот нисбат ба дониши нав;
3. Ташаккули амсилаи нави рафтор.




**Расми 1.** ***Механизми ташаккули сифати шахсият***

Механизми мазкур ба раванди ташаккули маҳоратҳо, ки онро Л.С.Виготский тавсиф намуда буд, комилан ҷавобгӯ мебошад. Психологи маъруфи шӯравӣ дар бораи раванди марҳилавӣ сухан гуфта буд, ки аз фаъолияти муштарак бо калонсолон (ба даст овардани дониш) оғоз мегардад, тавассути фаъолияти муштарак бо ҳамсолони худ (ифодаи эҳсосот) ба фаъолияти мустақили кӯдак (коркарди амсилаи рафторӣ) оғоз мегардад. Раванди гузаштани салоҳияти эҷодию маърифатии кӯдак ба фаъолияти беихтиёр ва амалии ӯ чунин сифатҳоро аз қабили чандирияти тафаккур, ташаббускорӣ ва фаъолнокии эҷодӣ, қобилияти мустақилона азхуд кардани донишҳо ва дар маҷмуъ, салоҳиятҳои шахсиятӣ ва таълимию маърифатии ӯро ташаккул медиҳад [32].

Дар таҳқиқоти озмоишӣ 173 нафар кӯдакони томактабии гурӯҳи калон аз 4 муассисаи таҳсилоти томактабии №№ 23, 26, 32 ва Дилорои шаҳри Хуҷанд иштирок намуданд. Иштирокдорони тадқиқот ба гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ тақсим карда шуданд. Гурӯҳи назоратӣ аз 96 нафар кӯдакон иборат буд, ки аз рӯйи барномаҳои анъанавии рушдиҳандаи умумӣ таълим гирифтаанд. 36 нафар кӯдакони синни томактабӣ, ки гурӯҳҳои озмоиширо ташкил медоданд, бевосита таҳти назорати муаллифи таҳқиқот мавриди озмоиш қарор гирифта буданд.

Дар назди таҳқиқоти озмоишӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

1) ошкор кардани ҳавасмандии кӯдакон ба фаъолиятҳои эҷодию маърифатӣ;

2) муайян намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони гурӯҳи синнусолии калони томактабӣ;

3) муайян кардани савияи ибтидоии ташаккулёбии салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакон, таҳлили натиҷаҳои бадастомада (дар доираи марҳилаи муайянкунанда);

4) муайян кардани мавзуъ, фаромавзуъ ва натиҷаҳои шахсиятии мунтазира аз истифодаи амсилаи таълимии рушд;

5) амалисозии тасвиби шароит ва амсилаҳои педагогии такмили салоҳияти эҷодию маърифатии гурӯҳи кӯдакони синнусолии калони томактабӣ дар муассисаҳои низоми таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар доираи марҳилаи ташаккулдиҳанда);

6) муайян кардани савияи ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакон (дар доираи марҳилаи назоратӣ);

7) ҷамъбасти натичахои таҳқиқоти тачрибавӣ;

8) таҳияи тавсияҳо оид ба рушди фаъолияти тарбиявию педагогӣ ва таҳияи барномаҳои таълимии иловагӣ.

Пеш аз оғози иҷрои вазифаи аввал, мо мехоҳем дар бораи чунин ақида таваққуф намоем, ки фаъолияти бомуваффақияти таълимӣ дар вақти машғулият бидуни ангеза барои фаъолнокии эҷодӣ ғайриимкон аст [129, С. 42].

Маҳоратҳо, малакаҳо ва донишҳои наве, ки дар раванди таълим ба даст оварда мешаванд, ҳатто дар якҷоягӣ бо тавоноии билқувваи эҷодии инфиродӣ, наметавонанд фаъолнокии эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабиро тақвият диҳанд, агар дар ҷараёни машғулиятҳо шавқу рағбати кӯдакон бедор карда нашавад, машғулиятҳо дилгиркунанда ҷараён хоҳанд дошт.

Омилҳои асосии ҳавасмандкунандаи рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ инҳоянд: фароҳам овардани шароит барои ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ, ворид намудани унсурҳои нав барои кӯдакон дар ҳар дарс ва истифодаи ангезаҳое, ки барои онҳо аз аҳамияти шахсиятӣ бархӯрдоранд.

Истифодаи васеи воситаҳои ҳавасмандкунии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар раванди фаъолияти таълимию маърифатӣ ба ҷузъи таркибии ангезавии такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ ҳамчун тавсифномаи шахсиятии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Ҳамин тариқ, мо ҷудо кардани ду марҳилаи зерини шаклдигаркунии ангезаҳоро ба мақсад мувофиқ мешуморем:

Марҳилаи якум - хоҳиши такрор кардани намуна аст;

Марҳилаи дувум - ташаккули ниёзҳо ба маърифат таваҷҷӯҳ ба раванд ва падидаи фаъолияти маърифатӣ, ҷустуҷӯи самтҳои наве, ки боиси аз худ кардани донишҳои нав мегарданд.

Ангезаҳо ба назари мо қувваҳои асосии ҳаракатдиҳандаи фаъолияти инсон умуман ва дар раванди тарбия, хусусан, мебошанд.

Илми педагогика ангезаҳоро ба сифати бедоркунандаҳои ҳама гуна фаъолияте меҳисобад, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои ҳаётии субъект ба вуҷуд омадаанд ва самти миқёси фаъолияти ӯро муайян мекунанд [101, С. 23].

Инак, ба таснифи ангезаҳо ба таври муфассалтар таваҷҷуҳ мекунем:

1. Ангезаҳое, ки ҷузъи таркибии сохтории ҷудонопазири худи фаъолияти таҳсилотӣ буда, бевосита бо маҳсули он алоқаманданд:

- ҳавасмандие, ки бо ҷузъи таркибии муҳтавоии раванди таълим алоқаманд аст, он кӯшиши кӯдакро ба маърифати иттилооти нав, азхудкунии малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои нав инъикос мекунад;

- ангезаи марбут ба раванди таълиму тарбия, бо шавқу завқи он, ки дар талоши кӯдак ба мулоҳизаронӣ, фаъолнокӣ зоҳир намудан, иштирок дар ҳалли вазифаҳои мураккаб ифода меёбад.

2. Ангезаҳое, ки ба натиҷаҳои раванди таълим бавосита алоқаманд мебошанд:

1) ангезаҳои ҷанбаи иҷтимоидошта:

- ҳисси масъулият ва уҳдадорӣ дар назди волидон, мураббиён, ҳамгурӯҳон ё ҳамсинфон;

- ангезаҳои рушди худшиносӣ ва худмуайянкунӣ (хоҳиши омода кардани худ ба ҳаёти калонсолӣ, дарки аҳамияти таҳсил).

2) ангезаҳои ҷанбаи шахсидошта:

- хоҳиши гирифтани вокуниши ризоият аз ҳамсолон, волидон ё мураббӣ;

- кӯшиши беҳтар будан дар коллективи худ;

- ангезаҳои ҷанбаи манфидошта - хоҳиши пешгирӣ кардани ногувориҳоии бо таҳсили бад алоқамандбуда.

Маҳз ангеза аст, ки кӯдаки синни томактабиро, асосан, ба зоҳир намудани ташаббус ва фаъолият, иҷрои вазифаҳои гузошташуда, ба расидан ба ҳадафҳои мушаххас дар таҳсил ва дигар фаъолиятҳо водор мекунад. Набудани ангезаҳои ҷанбаи шахсиятӣ ё таълимидошта ҳар як фаъолиятро бераѓбат, ѓайриҷолиб ва беаҳамият мегардонад. Аз ин рӯ, ҳангоми омода кардани супориш ба тарбиятгирандагон бояд ангезаҳои шахсиятии онҳо ба роҳбарӣ гирифта шуда, онҳоро ба фаъолиятҳое, ки бояд анҷом диҳанд, тавассути усулҳои педагогӣ, аз қабили мубоҳисаҳо, муаммоҳо, эҷоди ҳолатҳои проблемавӣ, унсурҳои бозӣ ва ѓайра омода карда шаванд.

Барои ошкор кардани саъю кӯшиши кӯдак ба машѓулияти фаъолияти эҷодӣ мо иштирокдорони таҷрибаро бо кӯмаки мураббиёни гуруҳҳои вобаста ҷиҳати назарсанҷии сатҳи ташаккули фаъолияти маърифатию эҷодӣ мавриди омӯзиш қарор додем. Пеш аз ҳама, кӯдакон саволҳо ои пешкаш гардид, ки бояд онҳо яке аз ҷавобҳоро интихоб кунанд:

1. Кадом намуди машѓулиятҳо ба шумо писанд аст?
2. Шумо вақти холии худ бо чӣ кор мегузаронед?

Боиси тааҷҷуб аст, ки кӯдакон аксар вакт номи машѓулияти гулмониҳоеро, ки дар он шуѓл доштанд, мепурсиданд. Вақте ки ин савол ба миён омад, ҳамеша кӯдаконе буданд, ки ҷавобро медонистанд. Дар баробари ин, худи далели аксар вақт ба миён омадани чунин савол ошкор сохт, ки баъзе падару модарон хоҳиш ва шавқу ҳаваси кӯдаконро ба назар нагирифта, ба фарзандони худ вазъи мусоиди эҷодкориро муҳайё намесозанд (воситаву китобчаҳои махсус барои эҷодкориро дастрас намекунанд) ва ё онҳоро ба муассисаҳои таълимии иловагӣ (мактаби рассомӣ, марказҳои таҳсилоти иловагии назди шаҳру навоҳӣ, марказҳои рушди зеҳнӣ) намебаранд ва ё баръакс хоҳиши онҳоро ба

назар нагирифта ба марказҳои фавқулзикр равона месозанд. Дар натиҷаи таҳлили ҷамъбасти таҳқиқоти пурсишномавӣ, мо қисман тасдиқи фарзияҳои худро ёфтем.




Расми 2. Таҳлили ҷавобҳои кӯдакон ба саволи якуми прсишнома

Таҳлили натиҷаҳои пурсишнома нишон медиҳад, ки анқариб нисфи кӯдакон хоҳиши худро дар машғулият зоҳир менамоянд. Дар мавриди нисфи дуввум бошад, ташаббускорони машғулиятҳои онҳо, пеш аз ҳама, волидайн мебошанд, ё онҳоро барои иштирок дар ин машғулиятҳо рангорангии ин ё он намуди гулмонӣ ҷалб намудааст ва ё эҳсоси навоварӣ дар кӯдакон пайдо шудааст. Ҳамин тариқ, мо мавҷудияти ҳавасмандии шахсиро ба фаъолияти эҷодӣ дар шумораи зиёди кӯдакон ошкор кардем. Ин маълумот инчунин барои ташкил ва банақшагирии марҳилаи ташаккулдиҳандаи таҳқиқоти таҷрибавӣ асос гузоштанд.

Барои банақшагирии ҷараёни таҳқиқоти минбаъда ҷавобҳои кӯдакон ба саволи якуми пурсишномаи пешниҳодшуда муҳимтар буданд. Дар ҷадвали зерин мо таҳлили муқоисавии посухҳои иштирокдорони таҳқиқоти озмоишӣ ба саволи дуюми саволномаи ба кӯдакон пешниҳодшударо дар бораи чи гуна гузаронидани вақти холиашонро

инъикос намудем. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки иштирокдорони озмоиш ба бозӣ бо бозиҳои сохтмонӣ, тамошои филмҳои тасвирӣ, рангпардозӣ ва дигар саргармиҳои сершуморро писандидаанд ва дар маҷмуъ шахсиятҳои комилан бисёрҷониба мебошанд. Он чиро мо лаҳзаи мусбат меҳисобем, ки бисёре аз онҳо дар як вақт дар якчанд намуди бозӣ ва ё машғулиятҳо иштирок мекунанд.

**Ҷадвали 2.** ***Таҳлили ҷавобҳои кӯдакон ба саволи якуми пурсишнома***

| Гунаҳои ҷавоб | ГН (%) | ГО (%) |
|---|---|---|
| Бо бозиҳои сохтмонӣ бозӣ мекунам | 11 | 15 |
| Филми тасвирӣ тамошо мекунам | 16 | 13 |
| Рангпардозӣ мекунам | 13 | 18 |
| Бо дӯстонам бозӣ мекунам | 18 | 19 |
| Дар дигар машғулиятҳои иловагӣ иштирок мекунам | 30 | 29 |
| Саргармиҳои дигар | 8 | 11 |

Дар асоси таҳлили психологию педагогии сиришти салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ мо нишондиҳандаҳои такмили онро муайян кардем. Ин нишондиҳандаҳо бо ҷузъҳои таркибии салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ зич алоқаманд мебошанд: амалӣ, муҳтавоӣ ва ҳавасмандкунанда (ба ҷадвал нигаред).

**Ҷадвали 3.** ***Таснифи нишондиҳандаҳои рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ***

| Ҷузъҳои таркибӣ | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Амалӣ | Интихоби мавод ва воситаҳо, маҳсулнокӣ, зуҳуроти аломатҳои фардият |
| Муҳтавоӣ | Нававарии ҷузъи муҳтавоии асар |
| Ангезавӣ | Татбиқи нақша |

**Савияи пасти** ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ дар ташаккули нокифояи аксари ҷузъҳои таркибии он ифода меёбад. Кӯдакони дорои чунин савия қобилияти банақшагирии фаъолияти худро надоранд; барои фаҳмидани корро аз куҷо оғоз кардан онҳо ба кӯмаки мураббӣ ниёз доранд. Кор дар мавзуи озод барои онҳо душвор аст. Вақте ки онҳо бояд қарори мустақил қабул кунанд, онҳо ба нусхабардории кор ё намунаи ҳамсолони худ муроҷиат мекунанд. Чунин кӯдакон таҷрибаи назарраси амалӣ надоранд ва сайъ надоранд ба маҳсулоти худ ҷанбаи инфиродӣ диҳанд, ба тарзе онро бо маводи мухталиф ё рангҳои ҷолиб гуногун ҷилва диҳанд. Барои онхо махсулнокии кори ичрошуда нақши калон намебозад, махсулоти онхо аксар вакт намуди нотамом ва ё номураттаб дорад.

**Савияи миёнаи** ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ бо қисман рушд кардани ҷузъҳои таркибии он тавсиф мешавад. Дар чунин кӯдакон аллакай ғояҳои эҷодӣ падид омадаанд, аммо онҳо на ҳамеша ба марҳилаи амалисозӣ расида метавонанд. Онҳо дар интиқол додани малака ё дониши мавҷудаи худ ба доираи вазъияти нав душворӣ мекашанд. Чунин мушкилот боиси дар онҳо пайдо шудани хоҳиши нусхабардории намунаи мавҷуда дар ин ҳол бидуни нишон додани тавсифоти инфиродӣ мегардад. Чунин кӯдакони синни томактабӣ метавонанд корро мувофиқи дастурҳои мавҷуда возеҳ ва дақиқ иҷро кунанд, дар ҳоле ки онҳо кӯшиш намекунанд, ки ба он ягон чизи ғайримуқаррарӣ ё аслӣ ворид кунанд. Ин кӯдаконро метавон мустақил номид, зимнан онҳо дар ҷустуҷӯи роҳи ҳалли масъалаҳои дар наздашонбуда муносибати эҷодӣ надоранд.

Кӯдаконеро, ки қобилияти банақшагирии кори худ ва тавлиди роҳи ҳалҳои асилро доранд, метавон ба ҳамин гурӯҳ мансуб донист, аммо онҳо хеле кам метавонанд, ки чи тавр онро ба хотимаи мантиқӣ расонанд. Ташаббускорӣ ва ғайриқолабӣ будани онхо бо мархилаи хаёлот, дар савияи нияту ормон махдуд мешавад. Чунин кӯдакон

малакаҳои нокифояи кор бо маводи гуногунро доранд. Онҳо наметавонанд ба татбиқи ғояҳои беҳамто ноил шаванд ва агар муваффақ ҳам шаванд, натиҷа аз чашмдошт хеле ба даст меоядт. Ин бо нопадидшавии рағбат ба кори мушаххас ва интиқолёбии таваҷҷуҳ ба чизи дигар алоқаманд аст.

**Савияи баланди** ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ бо ташаккули амалан пурраи ҳамаи ҷузъҳои таркибии он тавсиф мешавад. Чунин кӯдакони синни томактабӣ дорои тафаккури ҷанбаи эҷодидошта, фантазия ва хаёлот мебошанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки марҳила ба марҳила банақшагирии кори худро амалӣ созанд ва ба татбиқи амалии ғояҳои худ ноил шаванд. Барои онҳо эҷоди маҳсулоти ғайриоддии фаъолияти эҷодию маърифатӣ, пайдо намудани роҳҳои асили иҷрои вазифаҳои дар наздашон матраҳбуда душвор нест. Онҳо малакаҳои татбиқи амалии малака ва донишҳои азхудкардаашонро доранд, онҳо ба осонӣ мавод ва воситаҳои заруриро барои ҳалли масъалаҳои тарроҳӣ ё ҷанбаи ороишидошта интихоб мекунанд. Чунин кӯдакон малакаҳои таҳаррукии хурди хуб инкишофёфта доранд, ки ба онҳо имкон медиҳад корҳои дорои мураккабии гуногунро дақиқ ва бо сифати баланд иҷро кунанд.

Минбаъд дар назди мо вазифа гузошта шуд, ки сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони гурӯҳи синни калони томактабиро муайян кунем. Мо тасмим гирифтем, ки ин вазифаро дар ҷараёни аз тарафи кӯдакон иҷро карда шудани вазифаи эҷодӣ оид ба сохтани аппликатсия аз шаклҳои геометрӣ анҷом диҳем. Ба кӯдакон супориш дода шуд, ки бо истифода аз шаклҳои гуногуни геометрӣ аппликатсияи дорои муҳтавои озодона созанд. Онҳо метавонистанд инро аз рӯйи амсилаҳои мавҷуда ё комилан мустақилона анҷом диҳанд.



**Расми 3.** ***Намунаҳои аппликатсияҳо аз шаклҳои геометрӣ***

Мо интихоби аппликатсияи худро, ки аз шаклҳои геометрӣ иборат аст, барои ташхиси савияи ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони гурӯҳи синни калони томактабиро бо он асоснок кардем, ки ин намуди кор барои кӯдакон аллакай маълум аст, зеро дар ин синну сол, онҳо қаблан бо навъҳои оддитарини шаклҳои геометрӣ ва бо дасткориҳои гуногуне, ки бо онҳо гузаронида мешаванд, шиносанд. Бартарии дигари ин супориш савияи равшани вазоҳати меъёрҳои ташхиси муайяншудаи ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ мебошад, ки барои шарҳу тафсири дақиқи натиҷаҳои таҳлил зарур аст.

Ҳар як кӯдак барои кор бояд коғази ранга, ширеш, қайчӣ, қалам ва қолабҳои шаклҳои ҳандасии андозаҳои гуногун дошта бошад



**Расми 4.** ***Қолабҳои шаклҳои геометрӣ***

Ҳангоми мушоҳида кардани кори кӯдакони синни калони томактабӣ мо мушоҳида кардем, ки дар марҳилаи аввал кӯдакон танҳо аз шаклҳои ҳандасӣ истифода мебурданд ва минбаъд ба онҳо шаклҳои ғайриҳандасӣ илова карданро оғоз намуданд, ба ибораи дигар, онҳо шартҳои додашударо пурра иҷро накарданд. Мо, инчунин то андозае ҳайрон шудем, зеро баъзе кӯдаконе, ки комилан қодиранд корҳои асилро иҷро кунанд, иҷрои корро аз рӯйи намунаҳои додашуда афзалтар медонистанд ва хоҳиши иҷрои корҳои душвортарро зоҳир намекарданд. Ин ҳолат метавонад ба руҳияи отифавии кӯдаки синни томактабӣ, нобоварӣ ба

неруи худ ё хоҳиши ҳар чи зудтар ба даст овардани натиҷа вобастагӣ дошта бошад.

Арзёбӣ ва таҳлили фаъолияти эҷодии кӯдакон аз рӯйи ҳама нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни калони томактабӣ гузаронида шуд:

- интихоби мавод ва воситаҳо;

- савияи маҳсулнокӣ;

- зуҳури фардияти худ дар ҷараёни кор;

- навоварии ҷузъи таркибии муҳтавоии кор;

-дараҷаи амалисозии ғояи эҷодӣ.

Дар дараҷаи муқарраркунандагӣ ҳар як нишондиҳанда аз 0 то 2 хол баҳогузорӣ шуд:

Дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои возеҳ, баҳогузорӣ аз 0 хол иборат буд; меъёрҳои суст ифодаёфта бо 1 хол баҳо дода шуданд; меъёрҳои дақиқ муайяншуда 2 хол гирифтанд.

Кӯдак метавонад барои кори иҷрошуда аз 0 то 10 хол ба даст оварад. Мо намунаи миқёси савияи ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни калони томактабиро пешниҳод кардем:

Аз 0 то 5 хол – савияи паст;

аз 6 то 8 хол – савияи миёна;

аз 9 то 10 хол – савияи баланд.

Дар зер мо корҳои эҷодии кӯдаконро дар доираи марҳилаи муайянкунанда пешниҳод кардем.











**Расми 5.** ***Баъзе корҳои эҷодӣ, ки дар марҳилаи муқаррааркунандаи таҷриба сохта шудаанд***

Таҳлили аз тарафи мо гузаронидашудаи корҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ имкон дод, ки савияи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ барои гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян карда шавад.




**Расми 6. Натиҷаи марҳилаи муайянкунии таҷриба**

***(гурӯҳи назоратӣ – аз тарафи рост, гурӯҳи озмоишӣ – аз тарафи чап)***

Таҳлили натиҷаҳои бадастомада нишон дод, ки дар байни иштирокчиёни ҳарду гурӯҳ танҳо чанд нафар кӯдакон сатҳи баланди ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатиро нишон доданд, дар ҳоле ки аксарияти кӯдакон сатҳи пасти ташаккулёбии онро доштанд. Дар зимн, дар ҳайати гурӯҳи озмоишӣ аз ибтидо шумораи бештари кӯдакон бо савияи баланди ташаккули сифатҳое буданд, ки мо дар назар дорем, ва аз ин рӯ, шумораи камтари кӯдакон савияи пасти рушди худро нишон медиҳанд.

Дар ҷадвали зерин мо натиҷаҳои муқоисавии арзёбии корҳои эҷодиро оид ба муайян кардани савияи ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 4.** ***Натиҷаи баҳогузорӣ ба корҳои эҷодии кӯдакон дар марҳилаи муайянкунандаи таҷриба***

| **Савия** | **ГО (%)** | **ГН (%)** |
|---|---|---|
| Баланд | 13 | 4 |
| Миёна | 24 | 15 |
| Паст | 64 | 81 |

Дар натиҷаи ташхиси савияи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ, мо мушкилоти зеринро муайян кардем, ки кӯдакон ҳангоми иҷрои вазифаҳои эҷодӣ дучор омадаанд:

- ҳангоми банақшагирии мустақилона, назорат ва тасҳеҳи фаъолияти худ;

- ҳангоми иҷрои шароит дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ;

- ҳангоми нигоҳдории шавқу рағбати устувор нисбат ба кори иҷрошуда;

- ҳангоми такмили малакаҳои амалӣ то ба савияи зарурӣ;

- ҳангоми мавҷуд будани хоҳиши ҳалли масъалаҳои мураккаби сершумор;

- ҳангоми дарки аҳамияти иҷрои кор бо савияи сифати хуб;

- ҳангоми зуҳури сифатҳои инфиродӣ дар раванди ҷараёни иҷрои суприши эҷодӣ, бо омодагӣ ҷиҳати пайдо кардани роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои дар назди кӯдак матраҳбуда.

Мушкилоти дар боло зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар кӯдакон ба дараҷаи кофӣ амалҳои танзимкунандаи таълимии универсалӣ, инчунин қобилияти омӯзиши мустақилонаро надоранд. Таҳти мафҳуми «амалҳои универсалии таълимӣ» мо қобилияти такмили

шахсият ба худтакмилдиҳӣ ва худшиносӣ тавассути дарки фаъолонаи таҷрибаи бадастомадаи дорои ҷанбаи иҷтимоиро дар назар дорем. Байни ҳамин таъриф ва мафҳуми «қобилият ба омӯзиш» робитаи зич вуҷуд дорад.

Тавре ки қаблан зикр кардем, қобилияти кӯдак ба омӯзиш маънои мустақилона фарогирии малакаҳои таълимӣ ва азхудкунии донишро дорад.

Ҳамин тариқ, робитаи пайомадии байни мафҳумҳои «қобилият ба мустақилона омӯхтан» ва «амалҳои универсалии таълимӣ» возеҳ аст. Дар ҷараёни ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ӯ хоҳиши фаъолияти маърифатӣ, татбиқи амалии донишу малакаҳои андӯхташударо инкишоф медиҳад.




**Расми 7.** ***Таносуби мафҳумҳои АУО ва ММ*****Т**

Мафҳуми «амалҳои универсалии омӯзишӣ» аз нуқтаи назари психология ҳамчун «маҷмӯи методҳои фаъолияти доиомӯз, ки ба ӯ имкон медиҳанд, мустақилона азхудкунии малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои нав, аз ҷумла ташкили раванди мазкурро таъмин намояд» [10].

Дараҷаи кофии ташаккули маҷмӯи амалҳои универсалии омӯзишӣ ба кӯдакони синни томактабӣ имкон медиҳад, ки маҳруки (траекторияи) таълимии худро тарҳрезӣ кунанд, вазифаҳо ва ҳадафҳои он, вижагиҳои амалиётӣ ва арзишию маъноии онро муайян кунанд, робитаҳои байнифаннӣ ташкил намуда, дар соҳаҳои гуногуни фанҳо (табиатшиносӣ, санъат, филология, информатика, технология, математика) самтгирӣ намоянд Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ташаккули амалҳои универсалии омӯзишӣ имкони самаранок азхуд

кардани малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои нав, ташаккули салоҳиятҳо, ташкил ва назораи раванди таълим, ба ибораи дигар, ташаккул додани қобилият ба таълими мукаммалро фароҳам меорад.

Сатҳи нокифояи ташаккули савияҳои танзимкунанда, иртиботӣ ва шахсиятии амалҳои универсалии омӯзишӣ метавонад тавассути раванди таълиму тарбия дар доираи низоми таҳсилоти томактабӣ ҷуброн карда шавад, ки дар он кӯдакон сифатҳои шахсиятӣ ва қобилиятҳои ифиродии худро пурра ошкор намуда, тавоноии билқувваи эҷодӣ ва зеҳнии худро инкишоф диҳанд.

Низоми таълими томактабӣ ба рушди амалҳои универсалии омӯзишии дорои ҷанбаи танзимкунанда ва шахсиятӣ нигаронида шудааст. Азбаски инкишофи ин ё он сифат бидуни таъсир ба дигарон имконнопазир аст, тарбияи кӯдак, рушд ва таълими ӯ бо тамоми сифатҳои шахсиятии ӯ вобаста хоҳад буд.

Талаботи стандартҳои таҳсилоти томактабӣ тавсияҳо оид ба васеъ истифода бурдани имкониятҳои таҳсилоти томактабиро дар бар мегирад, зеро раванди ошкор ва инкишоф додани қобилияти кӯдакони синни томактабӣ дар шароити машғулият дар маҳфилҳо ва машғулиятҳои бачагона пурра амалӣ мегардад [36].

Ҷузъи таркибии мазмуни машғулиятҳои «гулмонӣ» ва «расмкашӣ» дар муассисаҳои томактабии №№ 23, 26, 32 ва Дилорои шаҳри Хуҷанд ба дигар фанҳои самти бадеии маҳфилҳои кӯдаконаи томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон шабоҳат дорад. Дар доираи машғулиятҳои иловагии эчодӣ мазмуни онхоро васеъ ва пурра кардан имконпазир аст. Таълими кӯдакон дар муассисаҳои томактабии номбурда ба рушди тавоноии неруи эҷодӣ ва қобилиятҳои бадеии кӯдак, инчунин ташаккули фаросат, тафаккури фазоӣ ва ассосиативии ӯ нигаронида шудааст. Мақсади таълими расмкашӣ ташаккули тафаккури тимсолӣ ва бадеии кӯдак аст. Кӯдакони синни калони томактабӣ маҳорати дарки зуҳурот ва ашёи

воқеияти атрофро аз худ мекунанд, ба онҳо баҳои шахсии худро медиҳанд ва тавассути восита ва усулҳои бадеӣ инъикос мекунанд.

Технологияи асосие, ки дар муассисаҳои томактабии дар боло зикршуда истифода мешавад, фаъолияти дорои ҷанбаи мазмунию амалӣ мебошад, ки ба туфайли он дар кӯдакон тахайюлоти фазоӣ, тафаккури мантиқӣ ва созанда инкишоф меёбанд. Корҳое, ки бо дигаргуншавии объектҳои ҷанбаи моддидошта ва эҷоди маснуоти нав алоқаманданд, имкон медиҳад, ки ҳавасмандӣ ба фаъолияти таълимию маърифатӣ пурзӯр карда шавад, донишҳои фанние, ки кӯдакон дар ҷараёни азхудкунии дигар фанҳои таълимӣ гирифтаанд, мустаҳкам карда шаванд. Дар қаринаи таҳқиқоти мо фаъолияти фанниро метавон заминаи боэътимоди ташаккули кунҷковӣ ва таваҷҷуҳи маърифатӣ дар кӯдакон, инчунин салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ ва эҳтиром ба меҳнати инсон арзёбӣ кард.

Робитаи байни машғулиятҳои таълимӣ ва барномаҳои иловагии таҳсилотӣ, ки дар доираи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии №№ 23, 26, 32 ва Дилорои шаҳри Хуҷанд амалӣ карда мешаванд, метавонад асоси ташаккули маҷмӯи амалҳои универсалии омӯзишӣ барои гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ гардад.

Самтгирии амалӣ ва аёнияти ҷузъҳои таркибии раванди тарбиявӣ дар ин машғулиятҳо ба кӯдакон имкон медиҳад, ки сифатҳои зеринро инкишоф диҳанд:

- маҳорати банақшагирии фаъолияти худ;

- маҳорати самтгирӣ дар вазифа, дигаргунсозии он барои ёфтани шакли муносиби иҷрои он;

- маҳорати гузоштани вазифаҳо ва ҳадафҳои мувофиқ;

- маҳорати пайдо кардани роҳҳои ғайриоддии вазифаҳое, ки дар назди кӯдак истодаанд;

- маҳорати ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ, маҳорати худро идора карда тавонистан.

Дар кӯдакони гурӯҳи синни калони томактабӣ рушд намудани салоҳиятҳои ҷанбаи маърифатию эҷодидошта дар доираи раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури асосии низоми ташаккули амалҳои универсалии омӯзишӣ (АУО) мебошад.

Дар ҷадвали зерин метавон дид, ки чи гуна ҳама намуди амалҳои универсалии омӯзишӣ дар гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар ҷараёни фаъолияти таълиму тарбиявии низоми таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбад.

Бояд диққати махсус ба он равона карда шавад, ки дар доираи ин раванд маҳз амалҳои танзимкунанда сохтори фаъолияти эҷодию маърифатии фаъолияти кӯдакони синни томактабиро комилан инъикос мекунад:

1. Марҳилаи муайянкунии вазифаҳо ва ҳадафҳои фаъолият;
2. Марҳилаи банақшагирии фаъолияти дарпешистода;
3. Гузаронидани амали пайдарпай барои ҳар як марҳила;
4. Ташкили назорати мутақобила ва худназорат;
5. Инъикос ва худбаҳодиҳӣ.

**Ҷадвали 5.** ***Ташаккули АУО дар кӯдакони синни калони томактабӣ***

| **Қисматҳо** | **Намудҳои АУО** | **Усули ташаккул** |
|---|---|---|
| Маърифатӣ | 1) гузоштани проблема ва ҳалли он;<br>2) мантиқӣ;<br>3) АУО-и ҷанбаи умумитаълимидошта. | Бевосита дар ҷараёни фаъолият |
| Иртибототӣ | 1) ҳаллу фасли вазъияти низоъ;<br>2) банақшагирии ҳамкориҳо;<br>3) қобилият ба ифодасозии мавқеи худ;<br>4) масъалагузориҳо;<br>5) тасҳеҳи амалҳои шарики худ дар кор. | - дар раванди ҳаллу фасли вазъияти низоъ;<br>- дар раванди фаъолияти муштарак;<br>- дар ҷараёни танзими ҳамкориҳо бо мураббиён ё ҳамсолон. |
| Танзимкунанда | 1) арзёбӣ; | - дар ҷараёни фаъолияти |

| | | |
|---|---|---|
| | 2) банақшагирӣ;<br>3) гузоштани мақсад ва вазифаҳо;<br>4) ташкили назорат;<br>5) пешгӯӣ;<br>6) тасҳеҳи фаъолияти худ. | таҳқиқотӣ;<br>- ҳангоми иҷрои супоришҳои таҳлилӣ ва ва ҷустуҷӯӣ;<br>- ҳангоми гузоштани вазифа ва ҳадафҳои машғулиятҳо;<br>- ҳангоми ҷустуҷӯи роҳҳои ғайриоддии ҳалли мушкилот;<br>- ҳангоми инъикоси фаъолияти худ. |
| Шахсиятӣ | 1) ҷустуҷӯи маъниҳо;<br>2) ҳаётӣ, касбӣ, шахсиятӣ, худмуайянкунӣ;<br>3) ташаккули равишҳои этикӣ ва ахлоқӣ. | Муносибат ба кӯдак дар асоси равиши ба шахсият самтгиришуда: мусоидат дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ, баҳисобгирии афзалиятҳо ва манфиатҳои кӯдаки томактаби ва ангезаи шахсии ӯ. |

Аз мулоҳизаҳои дар боло иброзшуда хулоса бароварда, мо зарурати такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабиро ҳамчун ҷузъи таркибии низоми умумии амалҳои универсалии омӯзишӣ таъкид мекунем.

Кӯдакони муосир бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа қадри кофӣ муассирона шомил мегарданд, зимнан бидуни сарпарастии омӯзгори мураббӣ рушди мавзун ва ҳамаҷонибаи сифатҳои шахсиятии онҳоро таъмин намудан хеле мушкил мебошад. Ба таври назаррас афзудани сарборӣ ба кӯдакони муосир, зимнан ба рафтан ба кӯдакистонҳоро мамониат намекунад, ки дар он ҷо онҳо ҳамзамон дар машғулиятҳои иловагӣ бомуваффақият иштирок мекунанд ва он ба шавқу рағбати қобили мулоҳизаи кӯдакон ба фаъолияти гуногуни эҷодию маърифатӣ вобаста мебошад. Мо тавонистем, ки ин далелро тавассути таҳқиқоти пурсишномавии ба муайянкунии ҳавасмандӣ барои фаъолияти ҷанбаи маърифатию эҷодидошта нигаронидашуда тасдиқ намоем, ки дар нисфи шумораи кӯдакони пурсидашуда тавассути иштироки онҳо дар маҳфилҳо ва ошкор шудани шавқу рағбатҳои онҳо дақиқ ифода ёфтааст.

## 2.2. Татбиқи шароити ташкилию педагогӣ ва амсилаи баҳодиҳии савияҳои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ

Бо назардошти савияи воқеии рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакон, мо марҳилаи ташаккулдиҳандаи таҳқиқоти таҷрибавиро дар доираи барномаҳои иловагии ҷанбаи рушди умумидошта амалӣ карда будем. Дар доираи барномаи мазкур кӯдакони синни томактабӣ малакаҳои фаъолияти бадеию амалиро аз худ намуданд, ки дар асоси кор оид ба такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ қарор доштанд.

Ҳадафи татбиқи амсилае, ки аз тарафи мо таҳия карда шудааст, фаъолияти бонизоми марҳилавии оид ба рушди ҷузъҳои ҷудошудаи таркибии салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ (амалӣ, муҳтавоӣ ва ангезавӣ) будааст. Амсила бо назардошти шароити педагогиии аз тарафи мо мувофиқи ҷузъҳои таркибии номбурда тақсимшуда мавриди тасвиб қарор дода шуд.

Инак ҷузъи таркибии ангезавиро баррасӣ мекунем.

Шарти аввал ҳавасмандии кӯдакони синни томактабӣ нисбат ба фаъолияти мустақилона аст. Ташаккули ангезаи мусбат дар кӯдакон ба сатҳи самаранокии раванди таҳсилот таъсири назаррас мерасонад, ки он муҳимтарин шарти фаъолияти бомуваффақияти ҷанбаи маҳсулнокидошта мебошад. Фаъолсозии ангезаҳои шахсии кӯдак шарти зарурӣ мебошад, то ки дар он талош ба кори мустақилонаи эҷодӣ ташаккул дода шавад. Барои ин, мо ба ҷанбаи мусобиқавӣ рӯ оварда, ба кӯдак иштирок дар озмунҳо ва намоишгоҳҳо, инчунин омодасозии тӯҳфаро ба дӯстон ё волидон пешниҳод мекардем.

Ба андешаи мо дар кӯдак дастгирӣ намудани эҳсоси худӣ хеле муҳим аст: «Ман худам инро кардаам, фикр карда баромадаам, донистаам». Ҳавасмандкунии кӯдак бояд дар ҳар як машғулият нигоҳ дошта шавад,

вагарна он хоҳиши фаъолиятҳои эҷодиро аз даст дода медиҳад ва метавонад аз иштирок ба машғулиятҳо даст кашад.

Дар кӯдаки синни томактабӣ ташаккул додани шавқу рағбат ба фаъолияти ҷанбаи эҷодию маърифатидошта шарти дигар мебошад. Ҳавасмандкунии омӯзиш ва мафҳуми «рағбат» -ро мо ҳамчун муродифҳо дарк мекунем. Шавқу рағбат ба фаъолияти маърифатӣ асоси тавонотарин ангезаи ботинӣ барои ба даст овардани маҳоратҳо ва донишҳои нав мебошад.

Амалия нишон медиҳад, ки кӯдакони синни томактабӣ ба як фаъолият дар давоми 1 - 2 машғулият, ки дар ҷамъ аз 10 то 20 дақиқаро дар бар мегирад, таваҷҷӯҳи худро нигоҳ дошта метавонанд. Аз тарафи онҳо иҷро карда шудани фаъолияти аз меъёри нишондиҳандаҳои синнусолии онҳо зиёд ва меҳнаталаб дастгирии доимии мураббиён ва шахсони онҳоро иҳотакардаро талаб мекунад. Дар робита ба ин, ноустувории таваҷҷуҳи кӯдакон ҳамчун сифати мусбати рӯҳияи кӯдакон барои зуд-зуд иваз шудани намуд ва шаклҳои машғулият (дастҷамъона, инфиродӣ ё кор бо намудҳои гуногуни мавод) ошкор карда шуд.

Ифодаи мафҳуми “эҷод” дар фаъодияти эҷодии кӯдакон вазъияти бобарори ноилгардида: «Ман кардам!», «Ман тавонистам!»-и кӯдакро дар бар мегирад. Шарти мазкур ҳангоми ташкили чорабиниҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ба даст меояд.

Барои он ки кӯдак салоҳиятнокии худро эҳсос намояд, мо ба усулҳои педагогии зерин рӯ овардем:

- арзёбии ҷиҳатҳои мусбии фаъолияти эҷодии кӯдакон;

- пешбинии бобарории амалҳои кӯдаки синни томактабӣ, вақте ки мураббӣ ба қобилияти бомуваффақият иҷро шудани вазифа аз тарафи кӯдак изҳори эътимод мекунад; «Ман боварӣ дорам, ки шумо ҳама чизро метавонед», «Ман ба қобилияти шумо шубҳа надорам» ва ғайра.

- таваҷҷуҳ кардан ба қобилиятҳои беназири ҳар як кӯдак, аҳамияти саъю кӯшиши ӯ дар фаъолияти оянда: «Танҳо шумо метавонед онро иҷро кунед», «Ман ин кори муҳимро танҳо ба шумо бовар мекунам».

Мураббии босалоҳият ва эҷодкор пайваста дар ҳолати ҷустуҷӯи эҷодӣ аст ва саъй мекунад, ки маҳорат, малака ва донишҳои навро ба даст орад, ӯ намунаи инсони дорои мавқеи фаъоли ҳаётӣ ба кӯдак маҳсуб меёбад.

Ҳангоми ташкили машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҷанбаҳои психологии кӯдакон, ба монанди худбаҳодиҳӣ, сатҳи рушди идрок, диққат ва хотира, қобилият ва ғайра ба назар гирифта мешаванд. Дар раванди фаъолияти эҷодию маърифатӣ, мураббӣ сайъу кӯшиши кӯдаконро ба фаъолияти мустақилона оид ба тайёр кардани маснуоту маҳсулот дастгирӣ карда, дар онҳо кунҷковӣ ва шавқи шинохти олами атрофро ташвиқ менамояд.

*Ба вуҷуд овардани вазъияти созгори равонӣ, ки дар он фаъолияти эҷодию-маърифатӣ амалӣ мегардад.* Мураббия ба ҳар як кӯдак диққати худро ба афзалиятҳои ӯ, меҳрубонӣ ва хайрхоҳии ӯ зоҳир менамояд. Зарур аст, ки дар доираи ҷомеаи кӯдаконаи худ, кӯдакон ба ибрози мавқеи худ оид ба ин ё он масъала ҳуқуқ дошта бошанд, битавонанд самтҳои нави ҳалли масъалаҳои дар наздашон матраҳбударо пешниҳод намоянд, барои озодии худифодакунии эҷодии худ тамоми шароитро дошта бошанд ва дар зимн мавод ва васоитро мустақилона интихоб кунанд. Аз танқид канорагирӣ кардан ва аз баҳогузорӣ даст кашидани мураббӣ ба он овада мерасонад, ки дар кӯдакон ҳисси боварӣ баланд бардошта шавад ва ташаккулёбии чаҳорчӯбаҳои сунъӣ дар тасаввурот ё тахайюлоти онҳо пешгирӣ карда шавад.

Нишондиҳандаи муваффақияти иттиҳодияи кӯдакони назди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ шароити мавҷуд набудани назорат аз болои ҳозиршавӣ ва реҷаи иштироки озодонаи кӯдаконро таъмин месозад. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки дар давоми соли таҳсил

ҳайати гурӯҳҳо метавонад то 50% иваз шавад. Дар доираи таҳқиқоти озмоишии мо, ҳайати кӯдакони дар гурӯҳи озмоишӣ машғулбуда, амалан ҳеҷ гуна тағйир наёфтааст.

Дар ҳамин ҳол зарур аст, ки фазои муносибу мусоиди дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ эҷодгардидаи озод аз ҳар гуна талаботи ҳатмӣ, аз қабили пӯшидани либоси ягона, худдорӣ аз дашному суханҳои қабеҳ озод бошад. Дар ин ҳолат, ба гуруҳҳо ҷудосозии кӯдакон на аз рӯйи синну сол, балки аз рӯйи савияи рушди онҳо, хоҳишҳои шахсии онҳо ва дигар омилҳо амалӣ карда шуд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ки дар он ҷо таҳқиқоти озмоишӣ гузаронида шуд, фазои хайрхоҳона эҷод гардид, ки дар онҷо якдигарфаҳмӣ ва ҳамкории байни мураббиён ва тарбиятгирандагони онҳо вуҷуд дошт. Кори кӯдакон дар паси мизҳои мудаввар имкони онро фароҳам овард, ки гуруҳи ҳамраъю ҳамфикре барпо карда шавад, ки дар он кӯдакони синни томактабӣ ба ҳар гуна машғулият дар муҳити озод шуғл варзида, худро озод ва табиӣ эҳсос намоянд. Дар ҳуҷраҳое, ки машғулиятҳо гузаронида мешуданд, ба таври доимӣ маҳсули дастони кӯдакон аз қабили гулҳо, бозичаҳо, расмҳо ва дигар маснуоти сершумори бо дастони кӯдакон сохташуда намоиш дода мешуданд. Эҷоди чунин муҳит ҷалбу ҳавасмандии кӯдаконро ба фаъолияти эҷодию маърифатӣ имконпазир сохт. Мураббӣ метавонист намунаҳои омодагардидаи маснуотро истифода намояд, то ки ба кӯдакон усулҳо ва методҳои гуногуни кореро, ки ҳамсолони онҳо бомуваффақият истифода мекарданд, намоиш диҳад. Чунин намоишгоҳ ҳамеша рағбати кӯдаконеро, ки ба маснуоти таҳиянамудаи дигар тарбиягирандагон баҳогузорӣ мекарданд, бедор мекард, усулҳо ва методҳои кор, маводи ҳангоми омодасозии онҳо истифодашударо мавриди таҳлил қарор дода, бо ҳамин таҷрибаи худро ғанӣ месохтанд.

Шароитҳои педагогии барои рушди ҷузъи таркибии муҳтавоии ташаккули салоҳияти эҷодию маърифатӣ зарурбударо дар кӯдакон баррасӣ менамоем.

*Фароҳам овардани шароитҳое, ки ба кӯдакони синни томактабӣ интихоби мустақилонаи намуд ва самтҳои фаъолияти эҷодию бадеиро имконпазир менамояд*:

Барномаи таҷрибавии таълимӣ, ки аз ҷониби мо амалӣ карда мешавад, шомили якчанд самтҳои эҷодиёти ороишӣ ва амалӣ аз қабили кор бо маводи табиии хушкшуда, кор бо коҳи гандум, кор бо донагиҳо, бофиши қоғазҳои ранга, гулмонӣ бо риштаи пашмӣ, гулмонӣ аз фурнитураҳо (тугма ва шабаҳо) ва ғайра мебошад.

Барои ба кӯдак имкони интихобро фароҳам овардан, ба ӯ имкон додашуд, ки мустақилона самти фаъолияти худро интихоб кунад. Намуди эҷодкорие, ки кӯдак имрӯз машғул шудан ба онро афзал медонад, ба машғулият омада, худаш онро муайян мекунад. Амалан, ҳама гуна намуди фаъолияти эҷодӣ усулҳои кор ё унсурҳои худро дорад, ки ба кӯдак аз рӯйи машғулиятҳои қаблиаш ошно мебошанд, бинобар ин, ҳангоми азхудкунии фаъолияти нав кӯдак малака ва донишҳои қаблан азхудкардаашро ба кор мебарад ва онҳоро дар шароитҳои нав татбиқ мекунад. Ҳамин тариқ, назар ба азхудкунии намуди ҷудогонаи кор, ҳангоми омӯзиши якчанд намуд ва усулҳои кор малака ва донишҳои бачагон хеле зудтар рушд мекард.

*Ба ҳар машғулият ворид сохтани унсурҳои навгонӣ.* Ҳама гуна омӯзишҳо, аз ҷумла фаъолиятҳои бадеию эҷодӣ такроркунӣ ва мустаҳкамкунии маводи гузаштаро дар бар мегирад. Барои он ки раванди мазкур сабаби аз байн рафтани шавқу рағбат ба раванди эҷодӣ нагардад, аз тарафи мо дар ҳар машғулият унсури навигарӣ ворид карда шуд; кӯдакони синни томактабиро бо усулҳои мураккабтари кор, бо тавсифоти нави мавод шинос кардем, ба онҳо маснуоти нав барои тайёркунӣ, намунаҳои нави мақсад ва

вазифагузорӣ бо истифодаи афсонаву муаммоҳо, унсурҳои бозӣ, эҷоди вазъиятҳои мушкил ва ғайраро пешниҳод намудем.

Мо ҳамаи машғулиятҳоро дар доираи таҷрибаи ташаккулдиҳанда ба таври гуногун оғоз кардем: мисолҳои мушаххас, мубоҳисаҳо, масъалагузориҳо, шунидани асарҳои мусиқӣ, баррасии вазъиятҳои мушаххаси ҳаётӣ, омӯзиши маводи аёнӣ ва ғайра. Вазифаҳои нави омӯзишӣ ба кӯдакон барои иҷро кардан дар марҳилаҳои гуногуни машғулиятҳо пешниҳод карда шуданд.

Бо рӯ овардан ба чунин метод ва усулҳои гуногуни педагогӣ мо шавқу рағбати кӯдаконро ба фаъолияти эҷодию маърифатӣ дар тӯли тамоми соли таҳсил нигоҳ доштем.

Гуногунии барномае, ки аз ҷониби мо амалӣ мегардад, дар он аст, ки дар зарфи ду соли таҳсил кӯдакон дар малакаҳои гуногунро ҳамзамон дар самтҳои мухталифи фаъолиятҳои эҷодӣ аз худ мекунанд. Кӯдакони синни томактабӣ бо воситаҳои гуногун кор карданро ёд мегиранд: шаба, риштаҳои пашмин, қоғази захим, пластилин, коҳ ва ғайра. Ба туфайли корбурди усулҳо ва методикаҳои гуногун, инчунин ивазшавии фаъолиятҳо, дар кӯдакон тахайюлот рушд намуда, ҳавасмандӣ ба фаъолияти эҷодӣ ташаккул меёбад, таҷрибаи кӯдак ғанӣ гардида, дидгоҳи кӯдак васеъ мешавад. Ба ғайр аз ин, мо аз тарз ва усулҳои маҷбурсозандаи кӯдакон ба фаъолият даст кашидем. Ҳангоми интихоби мавзӯи машғулиятҳо мо фаслҳои сол, хоҳиши кӯдакон, омодагӣ ба намоишгоҳҳои оянда, инчунин ҷашнҳои байналмилалӣ ва давлатиро ба назар гирифтем.

Ин барнома машғулиятҳои самти амалӣ ва назариявиро дар бар мегирад, дар ин ҳол ҳаҷми машғулиятҳои амалӣ нисбат ба ҳаҷми машғулиятҳои назариявӣ беш аз 5 баробар зиёд аст.

Мақсади машғулиятҳои назариявӣ фаҳмидани вазифаҳо ва ҳадафҳои кори оянда ва инчунин тартиби иҷрои онҳо мебошад. Кӯдакон бо ҷанбаҳои гуногуни корбурди маводи табиӣ дар эҷодиёти

халқҳои кишварҳои гуногун ошно мешаванд, онҳо таърихи рушди санъати ороишию амалиро меомӯзанд, дар суҳбатҳо дар бораи проблемаҳои экологӣ, ки инсоният дучор мешавад, иштирок мекунанд.

Дар доираи машғулиятҳои амалӣ, кӯдакони синнии томактабӣ истифодаи мавод ва усулҳои гуногунро дар кори худ ёд мегиранд, малакаи кор бо асбобу анҷомро азхуд мекунанд. Мо хеле муҳим мешуморем, ки кӯдакон дар марҳилаҳои ибтидоии фаъолияти эҷодӣ бо нусхабардории одии намунаҳо маҳдуд нашаванд ва имконият дошта бошанд, ки ба корҳои худ хусусияти фардӣ диҳанд, мустақилият зоҳир намоянд. Дар соли дуюми таҳсил, кӯдакон ҳангоми интихоби мавзӯи кори эҷодӣ ва усули иҷрои он боз ҳам бештар мустақилият зоҳир намуданд. Дар ин ҳол, нақши калонсолон бо назорати фаъолияти онҳо маҳдуд буд, то ки кӯдаконро ба роҳи худтакмилдиҳӣ ва худинкишофдиҳӣ раҳнамун намоянд.

Дар муддати ду сол дар таҷриба кӯдаконе иштирок доштанд, ки дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ аз давраи омӯзиш гузашта буданд. Дар ҷадвал, мо нақшаи намунавии сарбории таълимиро дар доираи барномаи аз ҷониби мо амалишаванда пешниҳод кардем.

1. **Машғулияти муқаддамотӣ** ба шиносоии кӯдакон бо намоишгоҳи маснуот ва шиносоии умумӣ бо фаъолиятҳои оянда бахшида мешавад. Хоҳишҳо ва шавқу рағбатҳои кӯдакон тавассути суҳбат ва пурсишнома муайян карда мешаванд.

2. Мақсади **соати бехатарӣ** дар кӯдакон мустаҳкам намудани асосҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои гуногун, инчунин шиносоӣ бо қоидаҳои рафтор дар муассиса ва муайян намудани роҳи бехатар ба самти муассисаи таҳсилотӣ ва баргаштан ба манзил мебошад.

**Ҷадвали 6.** ***Нақшаи сарбории таълимӣ***

| № | Мавзуъ | Назариявӣ | Амалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Машғулияти муқаддамотӣ | 1 | 0 | 1 |
| 2 | Соати бехатарӣ | 1 | 0 | 1 |
| 3 | Кор бо маводи табии хушкшуда | 6 | 30 | 36 |
| 4 | Корҳои эҷодӣ бо коҳи гандум | 4 | 30 | 34 |
| 5 | Кор бо донагиҳо | 6 | 30 | 36 |
| 6 | Кор бофиши қоғазҳои ранга | 6 | 30 | 36 |
| 7 | Гулмонӣ бо риштаи пашмӣ | 6 | 30 | 36 |
| 8 | Гулмонӣ аз фурнитураҳо | 6 | 30 | 36 |
| ҲАМАГӢ | | 36 | 180 | 216 |

**3. Кор бо маводи табии хушкшуда** (ниг. ба расм).




**Расми 8.** ***Намунаҳои корҳои эҷодӣ аз маводи табии хушкшуда***

*Сохтани лавҳаи ороишӣ.* Қоидаҳои гулпартоӣ. Интихоби шакл ва ранги замина (асос). Интихоби мавод: пояҳо, баргҳо ва гулҳо. Кор оид ба тайёр кардани композитсия. Усулҳои тайёркунии расм бо истифодаи баргҳои гуногуни хушккардашуда.

*Гулмонӣ аз маводи табии хушккардашуда. Тасвири ҳайвонот ва паррандаҳо.* Гуногунии табиати олами атроф. Интихоби сюжет. Ташаккули рангҳо бо истифодаи маводи табиӣ. Муайян кардани нақшаҳо ва уфуқи асосӣ. Тарзҳои тасвири ҳайвончаҳо ва паррандагоне,

ки ангораи содда доранд. Усулҳои кор оид ба пур кардани замина бо маводи гуногун бо мақсади тасвири интихобкардашуда.

**4. Кор бо коҳи гандум.**

Кор бо коҳ (пояи гандум) ин намуди гулмонӣ чун дигар навъи гулмонӣ коркард карда мешавад, фарқи он аз интихоби масолеҳи истифодабаранда вобаста аст. Ин тарзи кор бо чунин пайдарҳамӣ иҷро карда мешавад, аз интихоби тасвир то омода намудани маснуот. Барои интихоби асоси маснуот аз рангҳои торик (сиёҳ, кабуди баланд, ҷигарӣ, доринҷӣ ва ғ.) истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тасвирро аз ангораҳои содда истифода бурдан беҳтар аст. Тасвири интихобкардаро бо истифодаи қалам ва ё бӯр ба рӯи асоси маснуот мекашем, дар вақти тасвир композитсияи ҷобаҷогузории ангораро ба назар гирифта, масолеҳи коркардшударо аз рӯи ангора андоза ва шаклашро муайян карда ҷо ба ҷо мегузорем. Дар рафти кор бо масолеҳҳо аз коҳ ва ширеш ба рӯи маснуот аз ҷиҳати зебоипарастӣ насби онро ба назар мегирем.



**Расми 9.** ***Намунаҳои корҳои эҷодии анҷомдодашуда аз коҳ***

5. **Кор бо донагиҳо** ё эҷоди расмҳо аз тухмиҳои гуногуни масолеҳи полезӣ ва донагиҳои озуқа (биринҷ, мош, лубиё, ҷуворимакка ва ғ.) яке аз навъҳои нави эҷодиёти ороишию амалӣ мебошад. Шиносоӣ бо навъҳои гуногуни донагиҳо ва асбобу таҷҳизотҳои дар рафти кор истифодабаранда. Тартиби кор: интихоби мавод, амалиёти гузаронидани тасвир ба рӯйи коғази махмал, ба сатҳи қоғаз гузоштани донагиҳо бо

истифодаи ширеш ва таҷҳизотҳои махсус. Дар расми зер намунаҳои кор бо корбурди пунбаи ранга нишон дода шудаанд.



**Расми 10.** ***Намунаҳои кор бо донагиҳо***

**6. Бофиши қоғазҳои ранга.**

Шиносоии кӯдакон бо унсурҳои гуногуни гулмонӣ тариқи бофиш бо истифода аз тасмачаҳои қоғазҳои ранга. Тасмачаҳоро аз 2 ва 3 навъи қоғазҳои ранга бо андозаи якхела омода карда, мебурем. Аз рӯи шакл ва ё тасвири интихобшуда қоғазҳоро байни худ мебофем.



**Расми 11. Намунаи** гулмонӣ тариқи бофиши қоғази ранга.

**7. Гулмонӣ бо риштаи пашмӣ.**

Шиносоии кӯдакон навъи риштаҳои пашмин. Ба кӯдакон маълумот дода мешавад, ки асосан риштаҳои пашмиро аз ҳайвоноти хонагӣ (гусфанд, буз ва шутур) баъди коркарди махсус ба даст меоранд ва риштаҳо бо рангҳои гуногун ранг дода мешавад

Барои гулмонӣ аз риштаҳои пашмин заминаи коркард аз рангҳои равшан истифода бурда мешавад. Дар вақти ороиши ангораи тасвири интихобкардаамон интихоби дурусти ришта ва рангҳои он нақши асосиро мебозад. Вазифаи мураббия ҷиҳати инкишофи қобилияти

эҷодии кӯдакон манзур намудани маълумоти саҳеҳ доири раванди коркарди ин маснуот ва тарбия намудани эебоипарастӣ, меҳнатдӯстӣ, тоқатпазирӣ, покизакорӣ, инкишофи идроки сенсорӣ мебошад. Ҷоиз ба зикр аст, ки дар раванди коркарди маснуот риояи ҳатмии қоидаҳои техникии бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ ба назар гирифта шавад.







**Расми 12.** ***Навъҳои корҳои эҷодӣ бо гулмонӣ аз риштаҳои пашмин***

**8. Гулмонӣ аз фурнитураҳо (тугма ва шабаҳо)**

Шинос намудани кӯдакон ба навъҳои гуногуни тугма, шабаҳо, дурдонаҳо ва ғ. Кӯдакон корро аз рӯйи ангораи додашуда иҷро мекунанд. Дар чараёни машғулият роҳҳои часпонидан ва дӯхтани тугмаҳо азхудкарда шуда, малакаҳои сохтани ороишоти гуногун бо ёрии омезиши технологияҳо ва маводи гуногун фаро гирифта мешаванд.







**Расми 13.** ***Намунаҳои корҳои эҷодӣ бо кор бо тугма***

Дар доираи иҷрои вазифаҳои барномаи озмоишӣ кӯдакон ба натиҷаҳои зерин ноил гардиданд:

- ба даст овардани донишҳо дар бораи коркарди санъати ороишию амалӣ;

- мафҳумҳо ва навъҳои гулмониро омӯхтанд;

- бо мафҳумҳои бадеӣ, монанди қонунҳои тазодҳо, рангҳои хунук (торик) ва гарм (равшан), асосҳои сохтани композитсия, омезишҳои рангҳо ва ғайра шинос шуданд;

- малакаҳои тафсилот ва васлкунии унсурҳои маҳсулотро дар замина азхуд кардаанд;

- усулҳои гуногуни фаъолияти ороишию амалӣ: гулмонӣ бо риштаҳои пашмин, тугма, кор бо маводҳои табии хушккардашуда, донагиҳо, коҳ ва ғайра омӯхта шуд;

- риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ бо асбоб ва таҷҳизотҳои лозима ва талаботҳои санитарию гигиенӣ дар раванди машғулиятҳо омӯхта ва азхудкарда шуд.

Раванди лоиҳакашии корҳои таълиму тарбиявӣ дар муассисаи таҳсилотии томактабӣ бо ташкили фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ дар доираи машғулиятҳои таълимӣ маҳдуд намешавад. Дар давоми амалисозии корҳои озмоишӣ, мураббӣ бо волидон бо мақсади ҷалби онҳо ба фаъолиятҳои эҷодию маърифатии лоиҳавӣ фаъолона ҳамкорӣ мекунад.

Илова ба шаклҳои анъанавии машғулиятҳои таълимӣ, мо сайёҳатҳо ва машғулиятҳои саҳроӣ ташкил кардем, ки ҳадафи онҳо ҳавасманд кардани кӯдакон ба фаъолияти эҷодию маърифатӣ, инчунин мустаҳкам намудани малака ва донишҳои қаблан аз худ кардашуда буд. Масалан, дар доираи саёҳат ба боғи шаҳр, мавзӯи кор бо маводи хушки табиӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт, ки дар он ҷо кӯдакон барои корҳои ояндаи худ алафи хушк, гулу баргҳоро ҷамъоварӣ мекарданд, бо растаниҳои дар шаҳри худ нашъунамокунанда ошно мешуданд дар бораи тарзҳои роҳҳои дуруст хушк кардани онҳо маълумот мегирифтанд. Ҳангоми чунин сайругаштҳо кӯдакони синни томактабӣ таваҷҷуҳи худро ба тағйироти табиат вобаста ба ивазшавии фаслҳои сол равона мекарданд.

Кӯдакони синни томактабӣ пеш аз оғози омода намудан суроби ҳайвонот дар машғулияти суробсозӣ бо истифода аз масолеҳи гуногун ба боғи ҳайвоноти шаҳр рафта, дар он ҷо ҳайвоноти гуногун, кайфият ва рафтори онҳоро мушоҳида намуда, одатҳои онҳо, махсусан намуди зоҳирии онҳоро қайд намуданд. Чунин мушоҳидаҳо ба кӯдакон кӯмак расонданд, ки кори аз риштаи пашмин ва ё коҳ тайёр кардани суроби ҳайвонот ё паррандагонро бомуваффақият пеш баранд.

Дар давоми соли хониш кӯдакони синни томактабӣ дар ҷашнвораву озмунҳои мухталифи ҳунарҳои мардумӣ (Донояк, Ватани ман – ифтихори ман, Ман ҳама чизро медонам, Ман – ҳимоятгари Ватан) фаъолона ширкат варзиданд. Гирифтани диплом ва шаҳодатномаҳо барои фаъолияти эҷодии худ аз тарафи кӯдакон боиси он мегардад, ки онҳо аҳамияти кори худро дарк мекунанд, ки барои он сазовори баҳои сазовор гаштанд. Иштирок дар чунин чорабиниҳо кӯдакони синни томактабиро барои ноил шудан ба муваффақиятҳои нав, худтакмилдиҳӣ, азхудкунии технологияҳо ва методҳои нави кор хеле ҳавасманд месозад. Дар ин қарина фазои мусобиқавӣ басо муҳим аст. Аммо дар байни ҳамсолон на миқдори ҷоизаҳои ба даст овардашуда ва лоиҳаҳои амалигардида, балки рушди шахсию худшиносӣ, кӯшиши ҷолибтар, босифаттар ва боасолаттар иҷро кардани фаъолияти минбаъда муҳимтар аст.

Дар оянда мо пешниҳод менамоем, ки дар бораи шароити педагоии зарурӣ барои татбиқи ҷузъи таркибии амалии такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ таваққуф кунем. Раванди таълими малака ва усулҳои эҷодӣ ва бадеӣ дар ҷараёни фаъолияти бевосита оид ба тайёркунии маснуот сурат мегирад. Кӯдакон бо таҷрибаи амалӣ ғанӣ гардида, дар назди худ вазифа ва ҳадафҳо гузоштанро меомӯзанд, дар ҷараёни кори мустақилонаи дорои ҷанбаи эҷодидошта роҳҳои ғайриқолабии расидан ба онҳоро меомӯзанд.

*Истифодаи методҳои гуногун, ки ба ҳадафҳои омӯзиш, инчунин хусусиятҳои синну соли кӯдакон мувофиқат доранд.* Дар раванди корҳои озмоишӣ мо ба методҳои аёнӣ, амалӣ, таҳқиқотӣ ва лафзӣ рӯ овардем.

Корбурди методҳо ва шаклҳои гуногуни ташкили раванди таҳсилот:

- кори ҷанбаи инфиродидошта (ки дар он кӯдакони синни томактабӣ масъалаҳои дар ҷараёни истеҳсоли тайёркунии маснуот ба миён омадаро мустақилона ҳал мекунанд);

- кори дастаҷамъӣ, ки дар ҷараёни он ҳамаи иштирокдорони гурӯҳ якҷоя як маснуотро тайёр мекунанд ё як вазифаро иҷро мекунанд;

- кори гурӯҳӣ, вақте ки ду ё зиёда кӯдакон як вазифаи умумиро иҷро мекунанд;

- фаъолияти лоиҳавӣ метавонад ҳам мустақилона, ҳам дар гурӯҳ ва ҳам дар ҳамкорӣ бо волидон амалӣ карда шавад.

Корбурди унсурҳои фаъолияти таҳқиқотӣ дар ҷараёни омодасозии кӯдакони синни томактабӣ ба фаъолияти эҷодию маърифатӣ. Пеш аз оғози омӯзиш, кӯдакони синни томактабӣ, амалан дониши заруриро барои иҷрои вазифаҳои ҷанбаи эҷодидошта надоранд. Аз ин рӯ, мураббиён дар доираи машғулиятҳои омӯзишӣ якҷоя бо кӯдакон хусусиятҳо ва аломатҳои маводи гуногунро омӯхтанд, усулҳо ва малакаҳои нави меҳнат, равишҳои гуногуни кор бо пахол, пунба, пашм ва дигар маводҳоро аз худ карданд.

Пеш аз оғози кори навбатӣ бо маводи барои кӯдакон нав, кӯдакон хосиятҳо ва хусусиятҳои берунии онҳоро омӯхтанд, ба саволҳои пешбарандаи мураббӣ он чиро ки онҳо тавонистанд дарк кунанд, ҷавоб доданд.

Пеш аз он ки ба тайёр кардани ин ё он маснуот иқдом намоянд, кӯдакони синни томактабӣ бо намунаҳои маснуоти тайёр муфассал шинос карда шуданд. Кӯдакон намунаҳои тайёрро омӯхта, огоҳ гардиданд, ки маснуот аз кадом ҷузъҳо сохта шуда, кадом мавод дар

тайёр кардани онҳо истифода шуданд, ба нақша гирифтанд, ки кадом марҳилаҳои тайёркунии онро амалӣ кардан лозим аст. Композитсияҳои гуногунро мураттаб ва амсиласозӣ намуда, кӯдакони синни томактабӣ тафаккури эҷодӣ ва мантиқии худро инкишоф медиҳанд, завқи бадеӣ ва эстетикии онҳо ташаккул меёбад.

*Корбурди технологияҳои педагогӣ.*

Зери мафҳуми «Технологияи педагогӣ» маҷмӯи метод ва воситаҳои таҷдиди равандҳои таълимии ба савияи назариявӣ асосёфтаро дар назар дорем, ки, ба мо имкон медиҳанд, ҳадафҳои таълимиву тарбиявиро бомуваффақият амалӣ намоем [148, С. 93].

Инак, он технологияҳои педагогиро, ки мо дар ҷараёни амалисозии марҳилаи ташаккулдиҳандаи кори озмоишӣ ба онҳо муроҷиат карда будем, муфассалтар баррасӣ мекунем.

Мо истилоҳи «технологияҳои педагогии бозӣ»-ро ҳамчун маҷмӯи доираи васеи усулҳо ва методҳои ташкили раванди таълиму тарбия бо корбурди унсурҳои бозиҳои педагогӣ мешуморем [15].

Дар тафовут аз бозии муқаррарӣ, бозии педагогӣ ҳадафи комилан мушаххаси таҳсилотӣ дорад. Барои ҳавасманд кардани кӯдагон ба фаъолияти эҷодию маърифатӣ, мо ба усулҳои бозӣ ва ҳолатҳои зерин муроҷиат кардем:

- маводи таълимӣ ҳамчун яке аз воситаҳои бозӣ истифода мешуд;
- кӯдакон вазифаи бозиро иҷро намуда, ба ин васила ба ҳадафи муайяни дидактикӣ расидаанд;
- ворид намудани унсури мусобиқавӣ ба фаъолияти таълимӣ имкон дод, ки вазифаи таълимӣ ба вазифаи бозӣ табдил дода шавад;
- қоидаҳои бозӣ асоси танзими фаъолияти эҷодӣ ва таълимӣ буданд;
- натиҷаи бозӣ натиҷаи иҷрои супориши таълимӣ мегардад.

Кӯдакони гурӯҳи синни калони томактабӣ бозиро ба раванди таълим ҳамчун як раванди нави пешбари фаъолият дохил мекунанд.

Ҳамин тариқ, мо мебоист масъалаеро ҳал кунем, ки аз омезиши муносиби технологияҳои бозӣ бо раванди таҳсилотӣ иборат аст.

Аз нуқтаи назари психология, дар худи сиришти бозӣ тавоноии билқувваи рушддиҳандаи он мавҷуд аст. Бозӣ ҳамзамон дорои унсурҳои ҳатмият ва ихтиёри будан, воқеият ва мармузӣ, тамаркуз ва фароғат, масъулияти дастаҷамъӣ ва шавқу рағбати шахсӣ мебошад. Арзиши асосии педагогии бозӣ нерумандтарин нақши ҳавасмандкунии он аст, зеро кӯдак дар раванди бозӣ, пеш аз ҳама, муносибат ва ангезаҳои шахсиро пайравӣ мекунад.

Бозӣ ин саҳнависозии фаъолияти воқеии ҳаётӣ аст. Барои кӯдакони синни томактабӣ хусусиятҳои хоси онҳо мустақилият ва дурахши идрок, вуруди озодона ба ин ё он тимсол мебошанд. Дар робита ба ин, ҷалби кӯдакони синни томактабӣ ба фаъолиятҳои таълимӣ тавассути бозӣ ягон мушкилоти мушаххасеро ба миён наовард. Худи кӯдакон аксар вақт ташаббускорони бозиҳо бо ашёҳои гуногун буданд.

Тавассути унсурҳои бозӣ, мо вазъиятҳои проблемавиро ба вуҷуд овардем ва кӯдаконро ба корҳои таҳқиқотӣ ҷалб кардем, ки кӯдакони синни томактабӣ ба таври бозӣ анҷом медиҳанд. Ҳамин тариқ, мундариҷаи машғулиятҳои омӯзишӣ амсиласозии бозиро дар шакли иҷрои фаъолиятҳо тавассути бозӣ дар бар мегирифт.

Раванди таълим пайдарпай бозиҳо ва машқҳоро дар бар мегирифт, ки бо ёрии онҳо малакаҳо барои равшан кардани хусусият, хусусиятҳои асосии падидаҳо ва ашёҳо, муқоиса ва муқоисаи онҳо ташаккул меёбанд; бозиҳо, ки дар кӯдакони синни томактабӣ қобилияти фарқ кардани воқеияти воқеиро аз падидаҳои воқеӣ ташаккул медиҳанд.

Дар айни замон, бозӣ метавонад дар баробари мундариҷаи асосии раванди таълим рушд ёбад, ки ин имкон дод, раванди таълимро ба таври назаррас эҳё ва азхудкунии донишу малакаҳои навро барои бачагон ҷолиб гардонад.

Инфиродикунонии таълим аз ҷониби мо ҳамчун лоиҳакашии барномаи инфиродии таълиму тарбиявии кӯдак дар асоси ташхиси амиқи шахсияти кӯдакони синни томактабӣ пас аз инъикоси натиҷаҳо баррасӣ мешавад; фароҳам овардани шароит барои интихоби озодонаи методҳо ва ҷузъи таркибии муҳтавоии раванди таълим, худтаҳлил, қабули қарор аз тарафи кӯдак. Вазифаи асосии фаъолияти педагогӣ рушди фардияти кӯдаки синни томактабӣ, ташаккули шахсии ӯ, ташаккули мустақилият ва масъулият буд [116, С. 93].

Принсипҳои таълими инфиродикунонидашуда пешбинӣ мекунанд, ки раванди таҳсилот бо назардошти манфиатҳо, қобилиятҳо, ниёзҳо ва дигар сифатҳои инфиродии кӯдак сохта шавад.

Аз нуқтаи назари методологӣ равиши инфиродӣ дар ҳама технологияҳои педагогии корбурдшавандаи имрӯза мавҷуд буда, ҳамаи унсурҳои раванди таҳсилотро - аз гузоштани ҳадафҳо ва вазифаҳо то ҷузъи таркибии таълимӣ, воситаҳо ва методҳои расидан ба ҳадафҳои педагогиро дар бар мегирад.

Мо ин технологияро ба таври зерин амалӣ кардем:

- якҷоя бо кӯдакон фазои таълимии инфиродии онҳоро фароҳам сохтем;

- ба онҳо имкон додем, ки унсурҳои раванди таълимро озодона интихоб кунанд;

- ба ҳар як кӯдак ба таври инфиродӣ барои бартараф кардани душвориҳои ба вуҷуд омада, ки бо азхудкунии малака ва донишҳои нав алоқаманд буданд, кӯмаки педагогӣ расондем;

- ҳангоми омода намудани кӯдакон ба фаъолияти эҷодию маърифатӣ гурӯҳи ангезаҳои шахсии онҳоро фаъол кардем;

- дар ҷараёни таълим кӯдакони боистеъдоду лаёқатмандро дарёфт ва дастгирӣ кардем.

Вазъи кунунии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ инъикосгари онанд, ки дар раванди таълим истифодаи шаклҳои

гуногуни технологияҳо ба назар мерасад. Дар ҷараёни таҳқиқоти озмоишӣ мо дар доираи як ё силсилаи машғулиятҳо гурӯҳҳо ва ҷуфтҳои кориро аз рӯи синну сол, савияи ташаккули малакаву маҳорат ва шавқу завқи инфиродӣ ташкил намудем.

Инчунин, кӯдакон мувофиқи дараҷаи рушди малакаҳои кории худ тақсим карда шуданд, ки дар асоси онҳо вазифаҳои мураккабии гуногун барои онҳо интихоб карда шуданд.

Мураббӣ шакли ташкили машғулиятҳоро бо роҳи ҳамгирои ҳатмии фаъолияти бозӣ ва таълимии кӯдак муайян мекунад. Ин раванд технологияи гузориши машғулиятҳоро барои мураббӣ ва азхудкунии донишҳои навро дар ҷараёни машғулиятҳо аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ осон менамояд. Чунин муносибат ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар худ тасаввуроти мукаммал оид ба олами атрофро ташаккул диҳанд.

Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар бораи манфиатҳои таҳсилот танҳо дар ҳамон вакте  сухан ронд, ки кӯдак муносибати байни ҳодисаю ашёи гуногунро дарк менамояд. Аз ин рӯ, дар назди мураббӣ вазифаи муҳими фароҳам овардани шароити зарурӣ, ки ба кӯдак имкон медиҳад малака, маҳорат ва донишро аз соҳаҳои гуногуни дониши ба натиҷаҳои назарраси раванди таҳсилот асосёфта қарор дорад, ба миён гузорад.

Ҳанӯз Р. Декарт робитаи мутақобилаи наздикии илмҳои гуногунро қайд намуда, гуфт буд, ки «якбора омӯхтани ҳамаи онҳо назар ба алоҳида-алоҳида омӯхтани ҳар кадоми онҳо хеле осонтар аст» [151].

Ҳамин тавр, мураббии эҷодкор метавонад дар рафти ҳамагуна машғулият: шиносоӣ бо муҳити атроф, инкишофи нутқ, адабиёти бадеӣ, меҳнати дастӣ, риёзӣ суробсозӣ, гулмонӣ, расмкашӣ ва ғайра бо истифода аз бойгардонии захираи луғавии кӯдакон, ҳамчунин методҳои суҳбат ва намоишдиҳӣ, бо омӯхтани калимаҳои нав қодир аст, нутқи онҳоро ташаккул бидиҳад. Дар робитаи ташаккули фаъолияти эҷодии кӯдак дар ҷараёни машғулиятҳои гулмонӣ аз малакаҳои санъати

тасвирии кӯдак, ки бештар дар машғулиятҳои расмкашӣ тақвият дода мешавад истифода менамояд. Ҷоиз ба қайд аст, ки ин гуна ҳамгироиро мураббӣ метавонад, дар раванди машғулияти адабиёти бадеӣ ва ё инкишофи нутқ самаранок истифода намуда, ҳам нутқ ва ҳам фаъолияти эҷодии кӯдаконро ташаккул бидиҳад. Яъне дар раванди машғулияти адабиёти бадеӣ бо афсонаи шинос гардида, қаҳрамони асари афсонавиро муайян намуда, онро дар ҷараёни машғулияти гулмонӣ ва ё расмкашӣ онро тасвир намояд.





Масалан, ҷузъи таркибии муҳтавоии бисёре аз машғулиятҳо тавассути истифодаи мафҳумҳое чун доира, майдон, давра, дарозӣ, аз тарафи кӯдакон истифодашавии малакаҳои графикӣ, ченкунӣ ва ҳисобкунӣ бо машғулияти тасаввуроти аввалини математикӣ алоқаманд мебошад. Шаклҳоро дар раванди машғулияти тасаввуроти аввалини математикӣ омӯхта, баъдан дар машғулияти гулмонӣ бо истифодаи аз қоғазҳои ранга шаклҳои геометриро бурида маснуоти интихоб кардашударо омода намояд. Намунаи расмҳои зер бозгӯи гуфтаҳои болоианд:







**Расми 15.** ***Гулмонӣ аз шаклҳои геометрӣ***

Чунин робитаи мутақобила дар тайёркунии гулмонӣ (буридан ва часпонидани тасмачаҳои борик аз қоғазҳои ранга) бо истифода аз шаклҳои геометрӣ омода мекунем. Аз тасмачаҳои омодашуда, ба тариқи печида шакли давраро пайдо намуда, аз шакли пайдошуда ба тарзи зер кардан метавонем, расми интихобкардаро омода месозем.



**Расми 16.** ***Квилинг тавассути шаклҳои геометрӣ***

Садои мусиқӣ дар рафти машғулиятҳо, эҳсосоти мусбӣ – табъи болида, шавқу завқи эстетикии кӯдаконро бедор намуда, онҳоро ба қобилиятҳои эҷодӣ равона месозад. Интихоби мусиқӣ дар раванди машғулият вобаста ба мавзӯи коркард мешуда нақши муҳимро мебозад. Зеро кӯдакон тавассути шунидани мусиқӣ бештар тобиши рангҳои гармро дарк карда, табъи болидаи худро бо тахайюлот инъикос мекунад. Масалан, дар раванди тавсир ва ё гулмонии манзараи табиат, мураббӣ метавонад, оҳанги шилдироси об, хониши булбул ва монанди инҳоро интихоб кунад.

Мухтавои машғулиятҳои эҷодӣ бо азхудкунии машғулияти расмкашӣ дар муассисаҳои томактабӣ зич алоқаманд аст. Кӯдакон корҳои худро бо риояи қоидаҳои ороиш ва санъати ороишию амалӣ, бо истифода намунаи пешниҳоднамудаи мураббӣ, ки асос тасвири расм аст, аз рӯи он метавонад, дилхоҳ намуди гулмониро иҷро кунад. Барои тақвияти гуфтаҳои боло дар зер мо намунаи корҳои эҷодии кӯдаконро, ки аз рӯи асоси расми тасвиркардашуда, ки кӯдакони гуруҳи озмоишӣ бо назардошти фаъолияти эҷодиашон иҷро намудаанд, овардем:



**Расми 17.** ***Корҳои эҷодӣ аз рӯи тасвири аслии пешниҳодшуда***

Дар раванди машғулият кӯдакон аз оғози тасвир намудани расм ва коркарди он ба тариқи гулмонӣ аз ашёҳои гуногун ба душвориҳо дучор гардиданд. Қисме аз онҳо дар вақти кашидани тасвир ва ранг кардани он бо истифодаи рангҳои обӣ, дигаре вақти печу тоб кардани қоғазҳои ранга, қисми дигар ҳангоми иҷрои гулмонӣ аз пластилин вобаста ба истеъдоди худ иҷро намуд. Ҳамин тариқ, алоқамандии машғулиятҳои расмкашӣ ва гулмониву суробсозӣ дар муассисаҳои томактабӣ бо пайдарпаии аз худ кардан, омӯхтан ва ташаккул додани маҳорату малака ба даст овардани салоҳияти кӯдакон нақши муассирро мебозад. Бояд

қайд намуд, ки дар раванди ин гузориши ин машғулиятҳо робитаи мутақобила бо машғулияти шиносоӣ бо муҳити атроф ба назар мерасид.

Дар асоси барнома банақшагирии машғулиятҳо тавре ба роҳ монда шуда буд, ки ивазшавии ба навбати намудҳои гуногуни фаъолият вуҷуд дошт. Масалан, кӯдакон дар ибтидо бо пластилин, муқова ё қоғоз, бо маводи табиӣ аз қабили коҳ, ҷалғӯза, гулу баргҳои хушкшуда кор мекарданд. Сипас онҳо дигар самтҳои фаъолияти эҷодии худро сайқал доданд, яъне кор бо фурнитура, донагиҳо, бофиши қоғазҳои ранга, тайёр кардани тасвирҳо бо истифодаи пахтаро омӯхтанд. Ҳамин тариқ, кӯдакон ҳангоми омӯхтани техникаи нав метавонистанд технология ва усулҳои кор бо маводи гуногунро муқоиса карда, донишҳои худро минбаъд дар истеҳсоли маснуоти нав истифода баранд.

Мо ҳангоми ба кӯдакони синни томактабӣ омӯзонидани намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодию бадеӣ ҳамеша диққати кӯдаконро ба мустақилона истифода бурдани малакаю маҳоратҳои дар ҳаёти амалӣ ҳосилкардаашон равона мекардем. Баъзан, ба кӯдакон дастуре манзур карда мешуд, ки ба муҳтавои маводи дар машғулият истифодашаванда марбут буданд. Онҳо ин дастурро ҳамҷоя бо волидони худ ва ё мустақилона иҷро менамуданд, ки ба онҳо имкон фароҳам меовард, ки малака ва донишҳои дар рафти машғулият ба даст овардаашонро мустаҳкам кунанд. Ҳамчунин мо шоҳиди он гардидем, ки кӯдакон бо чӣ мамнуният ба ҳамсолони худ аз натиҷаҳои кори эҷодии худ нақл мекарданд, ки ин ҳолат бозгӯи эҳсосу завқи онҳоро нишон медод.

Натиҷаҳои марҳилаи ташаккулдиҳандаи таҳқиқоти таҷрибавиро ҷамъбаст карда, бояд қайд кард, ки байни низоми методологӣ ва ҷузъи муҳтавоии фаъолияти эҷодию маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ, ки ба худтакмилдиҳӣ ва салоҳиятҳои эҷодию маърифатии онҳо нигаронида шудааст, робита вуҷуд дорад. Фаъолияти таълимию тарбиявӣ низ ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакони синни

томактабӣ нигаронида шуда, тавре ташкил карда мешуданд, ки рушди мунтазам ва муттаасили кӯдак таъмин карда шавад.

Ҳамзамон бо ташаккули мақсадноки салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ, вазифаҳои зерини тарбияи меҳнатӣ дар ҷараёни амалисозии марҳилаи ташаккулдиҳанда ҳал карда шуданд [147, С. 20]:

1. ташаккули меҳнатдӯстӣ;

2. тарбияи зебоипарастӣ ва завқи эстетикии кӯдакон;

3. инкишофи шавқу рағбати кӯдакон ба санъат;

4. инкишофи мушоҳидагарӣ, маҳорати нишон додани ҷанбаҳои бештар хос, хислатҳои асосии объектҳои гуногуни табиати зинда ва беҷон;

5. ташаккули малака ва маҳоратҳои меҳнатӣ дар кӯдакони синни томактабӣ.

Дар раванди татбиқи амсилаи таҳиянамудаи худ мо вижагиҳои ташаккули салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардем:

- аз ҷониби мураббиёни муассисаи таҳсилоти томактабӣ фароҳам овардани фазои эҳтироми тарафайн, вазъияти бобарор, хайрхоҳӣ ба кӯдакон имкон дод, ки неруи эҷодии худро босуръат рушд диҳанд;

- фароҳамоварии фазои озод ҳангоми ташкили фаъолияти дорои ҷанбаи эҷодӣ ва бадеӣ ва даст кашидан аз арзёбии расмии натиҷаҳои кори кӯдак дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки боварии ӯ ба қобилиятҳои худ мустаҳкам гардад, худро ҳамчун шахсият исбот кунад, рушди неруи эҷодии ӯро таъмин созад;

- ивазшавии доимии шаклҳо ва намудҳои фаъолияти эҷодию бадеӣ, иҷрои корҳои дорои мураккабии гуногун барои фаъолсозии сифатҳои инфиродӣ ва мустақилияти кӯдакон аҳамияти калон дорад;

- самтгирии ҷузъи таркибии муҳтавоии мавзӯии раванди таҳсилот ба шавқу рағбати кӯдакони синни томактабӣ метавонад ҳавасмандии онҳоро ба фаъолияти мустақилона, эҷодиёти ҷанбаи маърифатидошта, рушди худшиносӣ ва ҳадди аксар ошкор кардани неруи эҷодӣ ва зеҳнии онҳоро ба таври назаррас афзоиш диҳад.

## 2.3. Таҳлил ва шарҳу тафсири натиҷаҳои таҳқиқот

Тавре ки аз таҳқиқоти мо бармеояд, талоши кӯдакони синни томактабӣ ба мустақилият як падидаи табиии рушди онҳост. Дар ин ҳол, дар раванди фаъолияти эҷодии савияи баланди ташаккули мустақилият ва ташаббускорӣ дар кӯдаки синни томактабӣ ба даст меояд. Ин гуна фаъолият ба раванди таҳсилот ворид намудани унсурҳои навоварӣ, фардият ва асолатро тақозо мекунад.

Дар назди мо вазифа гузошта шуда буд, ки саъю кӯшиши кӯдакро ба зуҳуроти мустақилият ба самти фаъолияти эҷодӣ равона кунем. Кӯдакони синни калони томактабӣ дар асоси амалҳои бошуурона салоҳиятҳои эҷодию маърифатии худро такмил медиҳанд. Дар робита ба ин, лоиҳакашии раванди такмили ин салоҳиятҳоро бояд бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродии кӯдакон дар ин синну сол, инчунин хусусиятҳои фаъолияте, ки онҳо иштирок мекунанд, амалӣ карда шавад. Ин вобаста бар он аст, ки ҳама гуна фаъолият дар якҷоягӣ бо омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд, дар ташаккули шахсияти кудак нақши худро мегузоранд.

Зуҳуроти фаъолияти эҷодию маърифатии ҳар як кӯдак ба инҳо вобаста аст:

- шароити ҷанбаи берунадошта (аҳамият, муҳимият ва ҷолибияти кори иҷрокардаи ӯ);

- шароити ҷанбаи дохилидошта (шавқу рағбатҳо, тавоноии билқувва, кайфияти отифавӣ);

- арзёбии ин фаъолият аз ҷониби калонсолон.

Мисли дигар хислатҳои шахсӣ, фаъолияти маърифатӣ дар рафтори кӯдак, чун тақлид ба калонсолон, хоҳиши мавриди таваҷҷуҳ қарор доштан, омодагӣ ба иҷрои вазифа ё супориши калонсолон, зоҳир мешавад.

Бо дарназардошти проблемаи такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ, бояд ҳатман кори мустақилонаро зикр кард, ки унсури ҷудонашавандаи таркибии фаъолияти таълимию маърифатӣ мебошад.

Кори мустақилонаи кӯдакони синни томактабиро мавриди баррасӣ қарор дода, мо аз тарафи кӯдак зоҳир шудани мустақилиятро ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълимӣ пешбинӣ мекунем. Мо марҳилаҳои зерини рушди мустақилиятнокиро дар ҷараёни иҷрои кори мустақилонаи эҷодии кӯдак муайян кардем:

1. фаъолияти таҷдидкорӣ (репродуктивӣ) (нусхабардории аз рӯйи намуна);

2. фаъолияти маҳсулнок (мустақилона истифода бурдани малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои бадастомада);

3. фаъолияти эҷодӣ (ҳангоми ба вазъияти нав гузаронидани маҳоратҳо ва донишҳои мавҷуда).

Ҳамаи намудҳои фаъолиятҳои номбаршуда мустақиланд. Дар синни томактабӣ, кӯдакон аллакай дар фаъолияти амалии эҷодию маърифатӣ таҷриба доранд. Аз ин рӯ, дар кори таҳқиқотии мо таваҷҷуҳи асосӣ ба савияи эҷодию маърифатӣ ва маҳсулнокии фаъолияти кӯдак дода шуд.

Дар раванди таълим мо наметавонем аз шаклҳои таҷдидии фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ комилан даст кашем. Бидуни ба кӯдак омӯзонидани кор бо дасткориҳо ё қолабҳо, ташаккул додани қобилияти кӯдак барои эҷодиёти мустақилона имконнопазир аст. Бо қолабҳо кор карда, мо кӯдаконро даъват мекунем, ки ба маҳсулоти худ унсурҳои ин ё он чизи асил ва навро илова кунанд.

Мо чунин мешуморем, ки татбиқи бомуваффақияти амсилаи таҳиякардаи мо мавҷудияти савияи баланди салоҳияти касбии мураббӣ дар тарҳрезии ҷузъи таркибии муҳтавоии барномаи иловагии таълим, ташкили пайваста ва мунтазами фаъолияти мустақилонаи эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ дар шароити муассисаи таълимии томактабиро дар назар дорад.

Ва то имрӯз суханони К.Д. Ушинский дар бораи аҳамияти мураббӣ дар педагогика мубрам боқӣ мемонад. Аҳамияти шахсият дар кори тарбия аз ҳама гуна барномаҳо ё муқаррарот, новобаста аз он ки онҳо чӣ қадар «ҳилагар набошанд» беандоза баланд боқӣ мемонад. Мо шубҳа надорем, ки ҳеҷ як аз технологияҳои навтарин ва коркардҳо дар самаранокии худ кори мураббии боистеъдоди баландихтисосро иваз карда наметавонанд[139, С. 66].

Илми педагогика ҳамеша ба муаллим — мураббӣ нақши махсус ҷудо кардааст. Фаъолияти мураббӣ раванди муттасили ҷустуҷӯи воситаҳо, шаклҳо, методҳо ва равишҳои самараноки таъмини муваффақияти раванди таълим дар рушди кӯдакони синни томактабӣ мебошад.

Шахсияти мураббӣ ҳам ба худи раванд ва ҳам ба натиҷаҳои ташаккули сифатҳои фардии кӯдакон таъсири бевосита мерасонад, ки ин барои кӯдакони синни томактабӣ махсусан муҳим аст, ки мураббӣ барои онҳо намунаи пайравӣ ва эътибори бебаҳс мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки кӯдаке, ки ба муассисаи томактабӣ меравад, назар ба волидонаш бештар бо мураббӣ вақт мегузаронад.

Ба нақши педагог - мураббӣ дар муайянкунӣ ва гузоштани мақсадҳои таълимиву тарбиявӣ ва ноил шудан ба онҳо, дар ҳоле, ки воситаи ҳавасмандкунӣ ва ангезавӣ нақш мебозад, аз ҳад зиёд баҳо додан мумкин нест [35].

Дар доираи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мураббиён барои татбиқи муносибати ба шахсият нигаронидашуда дар раванди таълим ва лоиҳакашии барномаҳои инфиродии рушди ҳар як кӯдак имкониятҳои васеъ доранд.

Ҳамчун роҳбари ҷомеаи кӯдакон, педагог -мураббии муассисаи таҳсилоти томактабӣ чунин аст:

- мутахассиси кори худ (марҷаи тақлиди бебаҳс барои кӯдак дар доираи як самти мушаххаси фаъолияти эҷодию маърифатӣ);

- педагог-мураббӣ, ки барои ҳадди аксари худамалисозӣ ва такмили қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ шароит фароҳам меорад;

– мураббие, ки дар рушди шахсии кӯдак нақши ҳалкунанда мебозад, ҳамфикр ва дӯсти ӯ мебошад;

- мураббие, ки ба кӯдак дар мутобиқшавии иҷтимоӣ, худмуайянкунӣ ва самтгирии касбӣ кӯмак мекунад.

Барои ҳалли масъалаҳои ин таҳқиқоти озмоишӣ педагог-мураббӣ дар доираи кор бо кӯдакон барои онҳо вазъиятҳое фароҳам меорад, ки дар онҳо зуҳури мустақилияти кӯдак амалӣ мегардад:

- ба неру ва имкониятҳои кӯдак мувофиқат мекунад;

- шарти ҳатмӣ барои иҷрои вазифаи мушаххас аст;

- барои кӯдакони синни томактабӣ ҷолиб аст, эътибори ӯро афзун мекунад ва сазовори ташвиқ аз тарафи калонсолон аст.

Барои такмили самарабахши салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ, ки сифатҳои шахсиятии кӯдак мебошанд, дар ӯ мавқеи «ман - консепсия»-ро ташаккул додан зарур аст. Таҳқиқоти педагогии мо ба муқаррароти зерин асос ёфтаанд:

- принсипи эҳтиром ба шахсият ва шавқу рағбатҳои кӯдак;

- эътиқоди қатъӣ ба қобилият ва неруҳои ботинии кӯдак («Ман шубҳа надорам, ки шумо аз уҳдаи ҳама кор мебароед»).

- фароҳам овардани фазои ташвиқу ҳавасмандӣ, розигӣ ва муваффақият, то ки кӯдак аз фаъолияти эҷодӣ қаноатмандӣ, хурсандӣ ва ифтихор аз муваффақиятҳои худро эҳсос кунад;

- фароҳамоварии шароит барои худамалисозии кӯдакони синни томактабӣ мувофиқи хоҳиш ва рағбатҳои онҳо;

- фароҳам овардани фазои дастгирии якдигар ва кӯмаки мутақобила, ки шарти муҳими худамалисозии кӯдак ва эҷоди вазъи муваффақият мебошад;

- даст кашидан аз танқиди амалҳои кӯдак, унсурҳои маҷбуркунӣ;

- бартараф намудани камбудиҳо дар малакаҳо ва дониши кӯдакони синни томактабӣ, ислоҳи рафтори ӯ бидуни осеб расонидан ба “ман – консепсия” ва шаъну шарафи ӯ.

Такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдаки синни томактабӣ ҷанбаи натиҷабахш дорад, ки аз инҳо вобаста мебошад: фарогирии кӯдакон ба фаъолиятҳое, ки ба наздиктарин минтақаи инкишофи онҳо мувофиқат мекунанд; эҳсосоти мусбате, ки кӯдак дар раванди омӯзиш ҳис мекунад; ҷанбаи ошкорои ҳамкории байни ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот.

Инак, дар бораи хусусиятҳои ташкили ҳамкории мураббиён-педагогон ва кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассалтар тавaққуф мекунем.

Раванди таҳсилот ҷанбаи дутарафа дорад. Ҳамкории зич байни кӯдак ва мураббӣ ҳам дар доираи машғулиятҳои таълимӣ ва ҳам дар муоширати ғайрирасмӣ амалӣ мегардад. Дар шароити иртиботи доимӣ мураббӣ имкон дорад, ки ба ташаккули ҳавасмандии шогирдаш ба таҳсил, аз худ намудани маҳоратҳо ва донишҳои нав, саъю кӯшиш ба худтакмилдиҳӣ ва худинкишофёбӣ таъсири пурзӯр расонад. Ба хулосае омадан мумкин аст, ки худи раванди таълим бо ин ё он тарз имкон медиҳад, ки амалҳои универсалии омӯзишии иртиботӣ ташаккул дода шаванд. Дараҷаи мақсаднокӣ ва банақшагирии ин раванд пурра ба педагог-мураббӣ вобаста аст.

Навъи ҳамкории байни «мураббӣ - кӯдаки синни томактабӣ» дар ҷараёни ташкили раванди таълим аз рӯйи амсилаи зерин афзалият дорад (ба расм нигаред).




**Расми 19.** ***Навъи ҳамкории «мураббӣ – кӯдаки синни томактабӣ»***

Дар чаҳорчӯбаи ин гуна ҳамкорӣ мураббӣ нақши куратори фаъолияти эҷодию маърифатии кӯдакон, мураббии онҳоро иҷро карда, дар ҳаллу фасли ҳолатҳои баҳснок саҳм мегузорад ва корро ба маҷрои лозим равона мекунад.

Мо аксар вақт кори кӯдакони синни томактабиро гурӯҳӣ ё ҷуфт-ҷуфт ташкил кардем, вақте ки онҳо кори дастаҷамъиро иҷро мекарданд. Аҳамияти фаъолияти муштараки кӯдаконро нодида гирифтан мушкил аст: он дар онҳо малакаҳои иртиботӣ, таҷрибаи кори гурӯҳӣ, қобилият ба кори бенизоъ бо атрофиён, маҳорати тақсими вазифаҳо, ба тавофуқ омадан ва якҷоя фаъолияти худро ба нақша гирифтан иборат аст.

Мо инчунин аксар вақт ба амалияи омӯзиши мутақобил рӯ меовардем, вақте ки дар раванди машғулиятҳо гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ ба рафиқони хурдсоли худ ҷиҳати азхудкунии малакаҳои кор бо асбобҳо ва мавод кӯмак расонида, ба онҳо усулҳо ва методҳои нави корро нишон медоданд.

Мо ҳангоми ба кӯдакон фаҳмондани маводи нав, одатан муколама ва сӯҳбатро ҳамчун шакли асосии муошират бо шогирдон истифода мебурдем. Чунин шаклҳо тарзи ғайрифаъоли аз тарафи кӯдакон аз худ кардани донишҳоро дар назар намегиранд, азхудкунии онҳо бошад, дар раванди иҷрои вазифаҳо, фаъолияти таҳқиқотӣ кӯдакони синни томактабиро ба ҷустуҷӯи фаъолона ва ба даст овардани донишҳо ҳавасманд месозанд. Бартарии хеле калони чунин шакли ҳамкориҳои миёни мураббӣ ва кӯдакони синни томактабӣ барои кӯдакон зарурати асосноксозии мавқеи худ мебошад, ин ба онҳо имкон дод, ки дар худ эътимод ба нафсро мустаҳкам намуда, малакаҳои худбаҳодиҳӣ ва худтакмилдиҳиро инкишоф диҳанд.

Шакли муколамаи ҳамкорӣ аз ҷониби мо ҳангоми матраҳ намудани вазифаҳо ва ҳадафҳо, банақшагирии фаъолияти оянда,

инъикос ва арзёбӣ корбаст гардид. Бо мақсади ташкили чунин шакли ҳамкорӣ, ба мураббӣ зарур аст, саволҳоеро пеш гузорад, ки ба ошкор намудани моҳияти проблема нигаронида шуда бошад, аммо на дорои ҷанбаи таҳдидкунанда бошад. Вазъияти проблемавие, ки мураббӣ қасдан меофарад, имкон медиҳад малакаҳои иртиботӣ ва устувории тафаккури кӯдакон, дар онҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳои душвор боиси зарурати рӯ овардан ба равишҳои ғайриқолабӣ ва эҷодкорона гардад. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни кори мустақилонаи кӯдакон интизоми қатъӣ талаб карда намешавад. Аз ин рӯ, дар раванди кори амалӣ кӯдакони синни томактабӣ, ҳам дар байни худ ва ҳам бо мураббӣ, озодона муошират ба роҳ мемонанд ва ё ҳамкорӣ менамоянд, ки ин раванд ба ташаккули салоҳияти эҷодкорӣ дар онҳо мусоидат мекунад.

Марҳилаи назоратии таҳқиқоти озмоишӣ корҳои эҷодии иштирокчиён ва пурсишномаи бо онҳо гузаронидашударо дар бар мегирад. Аз кӯдакон хоҳиш карда шуд, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд:

1. Оё шумо метавонед вазифаҳоеро, ки қаблан иҷро карда будед, мустақилона иҷро кунед,

2. Оё шумо метавонед вазифаҳои барои шумо комилан навро мустақилона иҷро кунед?

Саволҳои гузошташуда тамоми аҳамияти фаъолияти мустақилонаро дар ҷараёни корҳои эҷодӣ инъикос мекунанд, ки ба кӯдак имкон медиҳад, савияи мураккабии кории қаблан иҷрокардаи худро дарк кунад ва барои оянда имкониятҳои худро пешгӯӣ намояд. Дар ҷадвали зерин, мо таҳлили муқоисавии посуххои мусбати иштирокдорони гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавиро ба пурсишнома пешниҳод кардем.

**Ҷадвали 7.** ***Посухҳои кӯдакон ба пурсишномаи марҳилаи назоратии таҷриба***

| Саволҳо | Гурӯҳи озмоишӣ (%) | Гурӯҳи назоратӣ (%) |
|---|---|---|
| Саволи 1 | 88 | 61 |
| Саволи 2 | 56 | 50 |

Маълумоти гирифташуда имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки иштирокдорони гурӯҳи озмоишӣ эътимоди бештарро ба неруи худ намоиш доданд. Чунин натиҷаҳо, аз андешаи мо, ба он вобастагӣ дорад, ки ин гурӯҳи кӯдакони синни томактабӣ ба фаъолияти эҷодию бадеӣ бештар бошуурона муносибат кардааст, ки дар раванди таълиму тарбия маҳз ҳамин вазифаи мураббиён буд ва асли шуурнокӣ ба таври мақсаднок ба кор бурда мешуд.

Албатта, он посухҳое, ки мо ба саволҳои пурсишнома аз кӯдакони синни томактабӣ гирифтем, имкон намедиҳанд, хулосаи бешубҳаро дар бораи дараҷаи рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатмандӣ барорем, зеро як кӯдак метавонад қобилиятҳои худро дуруст арзёбӣ накунад, кӯдаки дигар бошад дар бораи нерӯҳо ва имконоти худ бо боварӣ хабар диҳад. Ба андешаи мо, танҳо бо ёрии арзёбии корҳои эҷодие, ки кӯдакон иҷро мекунанд, мо метавонем бо ҳадди аксари боварӣ савияи рушди сифатҳои шахсиятии онҳоро арзёбӣ намоем.

Ҳамчун як қисми машғулияти хотимавии марҳилаи назоратии таҷриба, мо иқтибосҳоро аз асари В.М. Гаршин «Афсонаи ғук ва гули садбарг», ки дар он тавсифҳои муфассали ғук ва гули садбарг – қаҳрамонони асосии афсона дода шуданд, ба кӯдакон хондем. Мо ба кӯдакон пешниҳод кардем, ки афсонаи худро тасвир намоянд ва дар ин ҳол аз қаҳрамононии афсонаи хондаашон аистифода намоянд.

Вақте, ки кӯдакон порчаҳои афсонаеро, ки мураббӣ ба онҳо мехонд, гӯш мекарданд, манзараи сюжетро тасаввур мекарданд, дар чеҳраи онҳо нишонаҳои андеша кардан ҳувайдо мешуд. Супориши гирифтаи онҳо

шӯру шавқро ба вуҷуд овард: баъзе кӯдакон дар ибтидо ба ихтироъ кардани сюжетҳои худ оғоз намуданд, кӯдакони дигар бошанд, бидуни таъхир бо қалам ба кашидани тасвирҳои хомакиро иқдом карданд. Кӯдаконе, ки дар гурӯҳи озмоишӣ иштирок доштанд, бидуни кӯмаки дигарон ба тайёр кардани ангораҳои пластилинӣ ва дигар маводе, ки онҳо қаблан таҷриба доштанд, оғоз карданд.

Ҳар як нишондиҳанда вобаста ба ифодашавии он, аз рӯйи низоми аз 0 то 2 нуқта арзёбӣ гардид:

0 - набудани вазоҳати меъёр;

1 хол - вазоҳати заифи меъёр;

2 хол - вазоҳати равшани меъёр.

Кӯдак метавонист дар маҷмуъ аз 0 то 10 хол бигирад. Дар ин ҳолат, мо ҷадвали қаблии савиявии баҳодиҳии рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатиро дар гурӯҳи синни калони томактабӣ истифода кардем:

Аз 0 то 5 хол - савияи паст;

Аз 6 то 8 хол - савияивияи миёна;

Аз 9 то 10 хол - сатҳи баланд.

Дар расми 24 мо натиҷаҳои корҳои эҷоди кӯдакони синни томактабиро пешниҳод кардем. Намудорҳоро таҳлил карда, мо фавран набудани кӯдакони дорои савияи пасти рушди салоҳияти эҷодию маърифатиро дар гурӯҳи озмоишӣ мушоҳида намудем.







**Расми 20.** ***Натиҷаи марҳилаи назоратии озмоиш***

*(гурӯҳи озмоишӣ – чап, гурӯҳи назоратӣ – рост)*

Натиҷаҳое, ки мо аз рӯйи ҷамъбасти марҳилаҳои муайянкунанда ва назоратии таҷриба ба даст овардем, аз тағйироти мусбати сифатӣ дар савияи рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилотии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 7.** ***Натиҷаи ҷамъбастии озмоиш***

| Гурӯҳи назоратӣ | | | |
|---|---|---|---|
| Марҳила | Савия паст (%) | Савияи миёна (%) | Сивияи баланд (%) |
| Муайянкунанда | 82 | 15 | 4 |
| Назоратӣ | 9 | 87 | 5 |
| Тағйироти сифатӣ | ба 73 % коҳиш ёфт | ба 72 % афзуд | ба 1 % афзуд |
| Гурӯҳи озмоишӣ | | | |
| Муайяннкунанда | 62 | 24 | 12 |
| Назоратӣ | 0 | 79 | 21 |
| Тағйироти сифатӣ | ба 62% коҳиш ёфт | ба 55 % афзуд | ба 19 % афзуд |

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки тағйироти назаррас дар рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ дар ҳар ду гурӯҳ ба вуқуъ омадааст. Дар ҳайати гурӯҳи озмоишӣ, кӯдакони дорои савияи пасти рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ боқӣ намонданд, дар ҳоле ки дорандагони савияи миёна ба 53% ва дорандагони савияи баланди салоҳиятҳои баррасишаванда ба 10% афзоиш намуд. Мо инчунин динамикаи мусбатро дар гурӯҳи назорат ошкор намудем. Аммо дар он ҷо, танҳо афзоиши шумораи кӯдакони дорои савияи баланди рушди танҳо1%- ро нишон дод, теъдоде аз кӯдакон баъди як сол ҳам савияи паст боқӣ монда буданд.

Дар натиҷаи таҳлили натиҷаҳои омӯзиши озмоишӣ, мо ошкор намудем, ки дар кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ бештар тағйироти назаррас

дар савияи рушди салоҳиятҳои эҷодию маърифатӣ ба амал кардаанд. Чунончи, шумораи кӯдакони синни томактабии дорои савияи баланд ва миёна ба таври назаррас афзоиш ёфт, кӯдакони дорои савияи пасти рушди малакаҳои эҷодию маърифатӣ дар гурӯҳи озмоишӣ умуман боқӣ намонданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавиро ҷамъбаст намуда, мо ба хулоса омадем, ки баъди ба охир расидани соли хониш, кӯдакони синни томактабӣ тавонистанд ҷиҳатҳои зеринро такмил ва беҳтар намоянд:

- дараҷаи азхудкунии маҳоратҳо, малакаҳо ва дониши ҷанбаи тарроҳию бадеидошта;

- савияи мустақилият дар раванди интихоби ҳадафҳо ва вазифаҳои банақшагирӣ ва амалисозии кори эҷодӣ;

- малакаҳои татбиқи амалии ғояҳои эҷодии худ;

- қобилияти зоҳир намудани фардияти худ ҳангоми амалисозии фаъолияти эҷодӣ;

- пайдо шудани ташаббус дар ҷустуҷӯи роҳҳои нав ба ҳалли вазифаҳо ва техникаи кор дар коркарди маснуоти нав;

- қобилият ва хоҳиши дастёбӣ ба маводи иловагӣ, воситаҳо ё манбаъҳои иттилоот;

- шавқу рағбат ба намудҳои гуногуни эҷодкорӣ;

- савияи сифатии маснуоти тайёршуда.

Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи кори таълимию педагогии андухтаи мо, имкон дод, ки тавсияҳоро барои амалисозии марҳилавии барномаи таҳсилоти гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ таҳия намоем. Мо ҷудо кардани зинаҳои зерини коркарди барномаи таҳсилотиро пешниҳод мекунем [37, С. 30]:

1. таҳияи консепсияи умумӣ;

2. коркарди ҷузъи таркибии муҳтавоӣ;

3. коркарди мавод ва шаклҳои арзёбӣ ва аттестатсионӣ;

4. муайян кардани шароити педагогӣ ва ташкилии зарурӣ барои татбиқи барнома.

Дар таҳияи барномаи таҳсилоти кӯдакони синни томактабиро зарур аст, ки аз таърифи консепсияҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои ниҳоии он оғоз карда шавад. Барномаи иловагӣ метавонад ҷанбаи касбӣ, пеш аз касбӣ ё умумиинкишофӣ дошта бошад. Аз рӯйи самтгирии худ барномаҳо илмию табиатшиносӣ, техникӣ, бадеӣ, иҷтимоию педагогӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра мешаванд.

Барномаи дорои ҷанбаи умумиинкишофӣ, ки аз ҷониби мо таҳия шудааст, бо мақсади баланд бардоштани савияи салоҳиятҳои эҷодию маърифатии гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ аз самтгирии бадеӣ бархурдор мебошад. Хусусияти хоси барнома дар он аст, ки ба кӯдакон ҳамзамон намудҳои гуногуни ҳунари ороишию амалӣ омӯзонида мешаванд. Кӯдакони синни томактабӣ малакаҳои кор кардан бо коҳ, пластилин, маводи хушкшудаи табииро азхуд мекунанд, бофандагӣ, кор бо фурнитура, шабаҳову тугмаҳо ва дигар намудҳои фаъолиятро меомӯзанд.

Барнома, ҳатман, бояд дорои нишондоди синну соли кӯдаконе бошад, ки он барои онҳо тарҳрезӣ шудааст, инчунин давомнокии онро дар бар гирад. Натиҷаҳое, ки дар раванди ба амал баровардани он тарҳ ба даст овардани онҳо ба нақша гирифта мешаванд, бояд муфассал баён карда шаванд.

Ба андешаи мо, кӯдакони синни томактабӣ бояд маҳорат ва малакаҳои гуногуни фаъолияти эҷодию бадеиеро, ки ба давраи синну соли муайян мувофиқат мекунад, ба даст оваранд. Ивазшавии мунтазами усули кор ва мавод метавонанд ҳавасмандии фаъолияти эҷодию маърифатии кӯдаконро баланд бардошта, тахайюлоти онҳоро инкишоф диҳанд, ҷаҳонбинии онҳоро вусъатбахшида, дар онҳо ташаккулёбии саъю кӯшишро ҷиҳати фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ таъмин намояд.

Дар заминаи таҳия намудани барномаи таҳсилоти иловагӣ бояд мубрамии он бояд зикр карда шавад, инчунин вазифаҳои умумӣ ва ҳадафҳои таълим нишон дода шаванд.

Мо малакаҳо, маҳоратҳо ва донишҳои дар ҷараёни таълим ба даст овардашуда аз ҷониби кӯдаконро вазифаи таълим медонем. Ба онҳо, барои мисол, инҳо мансубанд: дар кӯдакон ташаккул додани тасаввуроти умумӣ дар бораи он, ки санъати ороишию амалӣ дар ҳаёти инсон чи нақш дорад, шиносоӣ бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои корӣ, азхудкунии усулҳои гуногуни коркарди маводҳои гуногун, фарогирии усулҳои гуногуни корҳои пластилинография, тарроҳӣ, шаклҳои гуногуни гулмонӣ, кор бо фурнитура ва ғайра.

Мо вазифаҳои тарбиявии омӯзишро ҷанбаҳои гуногуни тарбияи меҳнатӣ ва эстетикӣ, дар кӯдакон ташаккулдиҳии арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ ҳисоб мекунем. Масалан, мо вазифаҳои тарбиявиро дар кӯдакони синни томактабӣ тарбия намудани эҳсоси ватандӯстӣ, дар онҳо ташаккул додани мафҳумҳо дар бораи аҳамияти ахлоқӣ ва созандаи меҳнат барои ҷомеа ва инсон, тарбияи фарҳанги бадеӣ, муносибати эҳтиёткорона нисбат ба меҳнати одамони дигар ва ғайра медонем.

Марҳилаи навбатии кор таҳияи як ҷузъи таркибии муҳтавоии барнома мебошад, ки одатан, дар шакли ҷадвали тақвимӣ ва нақшаи таълимию мавзӯӣ пешниҳод мешавад. Нақшаи таълимию мавзӯӣ мавзуъҳо ва бахшҳои ҷараёни таҳсилотро бо нишон додани соатҳои таълимии барои машғулиятҳои амалию назариявӣ ҷудошуда дар бар мегирад.

Мо дар ҷадвали зерин як намунаи нақшаи таълимиию мавзӯиро нишон додем.

**Ҷадвали 8.** ***Намунаи нақшаи таълимию мавзуӣ***

| № | Номи бахшҳо ва мавзуъҳо | Шумораи соатҳои таълимӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Машғулиятҳои назариявӣ | Машғулиятҳои амалӣ | Назорат ва аттестатсия | Ҳамагӣ |
| 1 | Машғулияти муқаддимавӣ | | | | |
| 2 | Номи бахш | | | | |
| 2.1 | Номи мавзуъ | | | | |
| | Машғулияти ҷамъбастӣ | | | | |
| ҲАМАГӢ | | | | | |

Ҷадвали тақвимӣ санаи оғоз ва ба охир расидани муҳлати давраи омӯзиш, маълумот дар бораи шумораи ҳафта ё рӯзҳои таълимӣ, санаи машғулиятҳо ва аттестатсияҳо дар марҳилаҳои гуногуни омӯзишро дар бар мегирад.

Минбаъд ҳар як боби иборат аз машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ, инчунин назорат ва аттестатсия барои ҳар як бахш ё мавзуъ тавсиф мегардад.

*Маводи баҳогузорӣ ва намудҳои аттестатсия.* Дар ҷараёни амалисозии барномаи иловагии таҳсилотӣ метавон чунин шаклҳои назоратро ба кор бурд: ташхисӣ, ҷорӣ, фосилавӣ ва ҷамъбастӣ.

Барои арзёбии натиҷаҳои омӯзиш, мо меъёрҳои махсус ва нишондиҳандаҳои такмили қобилиятҳои кӯдакони синни томактабиро таҳия кардем, ки онҳоро метавон бо холҳо ифода намуд.

Дар марҳилаи хотимавии коркарди барнома шароити педагогӣ ва ташкилӣ барои татбиқи он зарур аст. Онҳо таъминоти иттилоотӣ, таълимию методӣ ва моддию техникиро дар бар мегиранд.

Таҳти мафҳуми таъмини иттилоотӣ ва таълимию методӣ мо маҷмӯи маводи барои татбиқи он зарурбударо мефаҳмем. Дар мавриди мо, он метавонад ҷадвалҳо, лавҳаҳо, тарҳҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ, маводи таълимӣ ва методӣ ва дастурамалҳо ва ғайра бошанд.

Мо ба вижагиҳои амалисозии барнома технологияҳо, методикаҳо ва шаклҳое, ки дар ҷараёни ташкили фаъолияти таълиму тарбиявии инкишофдиҳанда дар доираи барнома ба кор бурда мешаванд, шомил месозем.

Ба андешаи мо, марҳилаҳои таҳияи барномаи муайянкардаи мо, ба мураббӣ имкон медиҳад, ки мақсади худро дуруст амалӣ намояд, то ба талаботи таҳсилоти томактабӣ пурра ҷавобгӯ бошад.

Дар хотимаи фасли ба таҳияи барномаи таълимӣ бахшидашуда мо вазифадорем, ки дар бораи он имкониятҳои барои мо муяссаршаванда ҳангоми истифодаи таҷрибаи бузурги андухтаи наслҳои пешини мураббиён дар кори ибтидоии муассисаҳои томактабӣ, таҳияи методикаҳои сершумор оид ба ташкили фаъолияти эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ, фароғати фаъолонаи онҳо, рушди ҳамаҷонибаи сифатҳои шахсияти онҳо нуктаҳоеро хотирнишон созем. Мутахассиси баландихтисос қабл аз таҳия ва тасвиби методикаҳо ва технологияҳои нави педагогӣ, ба таври ҳатмӣ, таҷрибаи пешгузаштагони худро омӯзад ва беҳтарин намунаҳои онро дар кори минбаъда истифода намояд, дар мавридҳои зарурӣ бошад, онҳоро ба талаботи муосир, мутобиқ созад.

Зерсарлавҳои охиринро ҷамъбаст намуда, нақши афзалиятноки роҳбарии тахассусии мураббиро, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи бонизоми таълиму тарбия зоҳир мешавад, дар кори такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакони синни калони томактабиро бояд қайд намуд, ки инҳоро дар бар мегирад:

- таҳияи ҷузъи таркибии муҳтавоӣ ва банақшагирии раванди таҳсилот, ки ба такмили салоҳиятҳои эҷодию маърифатии кӯдакон нигаронида шудааст;

- тадбирҳо оид ба ташкили фаъолияти бонизоми эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ;

- истифодаи доираи васеи воситаҳои педагогӣ ва шаклҳои омӯзишӣ бо мақсади ҳавасманд кардани кӯдакони синни томактабӣ ба фаъолияти мустақилонаи эҷодию маърифатӣ;

- ташкил ва татбиқи сарпарастии муназзами назорати тарбиявӣ аз болои фаъолияти кӯдакон, ба онҳо расонидани ҳар гуна мусоидати имконпазир, дар байни кӯдакони ташкил намудани назорати байниҳамдигарӣ, ки бо мурури замон ба худназорат мегузарад.

Дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ аз тарафи мураббиён чунин фазои махсуси рушдкунанда бунёд карда шуд, ки ба кӯшиши дар ҳар ҷиҳат зоҳиршавии фаъолнокии маърифатии ҷавобгӯ ба шавқу рағбати кӯдак мусоидат мекунад. Дар шароити чунин фазо, кӯдакони синни томактабӣ малакаҳои фаъолияти мустақилона, инчунин маҳорати ҳамкориро ҳам бо ҳамсолони худ ва ҳам бо калонсолон азхуд мекунанд.

Дар ҳамин ҳол, фазои рушдкунанда ба гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ дар рушд додани тавоноии эҷодии билқувваи онҳо мусоидат намуда, тахайюлот ва тасаввуроти онҳоро фаъол мегардонад.

Корбурди фаъолонаи технологияи ҳамкорӣ, омӯзиши мутақабила дар инкишофи малакаҳои иртиботии кӯдакон, қобилияти бидуни низоъ ҳаллу фасл намудани вазъиятҳои проблемавӣ, ҳамкории босамар бо одамони дигар, нисбатба кори гурӯҳӣ нақши муҳим дошт. Тарбиятгар дар ҳамин ҳол нақши сарпарасти фаъолияти эҷодию маърифатии кӯдакони синни томактабӣ ва мураббии онҳоро иҷро карда, фаъолияти онҳоро ба маҷрои даркорӣ равона месозад.

Дар чаҳорчӯбаи машғулиятҳои эҷодӣ, мо ҳамаи унсурҳои фаъолияти таҳсилотиро татбиқ кардем: муайян кардани вазифаҳо ва ҳадафҳои кор;

